БОЙМУРОД ШАРИФЗОДА

# ХОҚОНӢ
# ВА НАҚДИ ШЕЪР

*Таҳти назари профессор*
*Худойназар Асозода*

ДУШАНБЕ – 2010

ББК 83.3 (2тоҷик) + 83.3/0/9
Ш- 30

***Ба устодам профессор Раҳими Мусулмониён мебахшам***

**Муҳаррир Рустами Ваҳҳоб**
**Муқарризон: доктори илми филология, профессор А. Афсаҳзод, номзади илми филология, дотсент М.Солеҳов**

**Б. Шарифзода. Хоқонӣ ва накди шеър. Душанбе: «Шарқи озод», 2010.- 186 с.**

Дар ин тадқиқот афкори адабӣ ва танқидии яке аз шоирони маъруфи асри XII-и форсу тоҷик Хоқонии Шарвонӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Азбаски мулоҳизаҳои интиқодии шоир бештари маврид аз мавқеи худситоӣ иброз шудаанд, барои таҳқиқи воқеияти эътибори онҳо лозим дониста шудааст, ки ба таври мухтасар оид ба шӯҳрати шоирӣ ва махсусиятҳои ҳунари шоирии Хоқонӣ маълумот дода шавад.

© Б. Шарифзода, 2010

# ПЕШГУФТОР

Яке аз восита ва манбаъҳои муҳими ифода кардани афкори адабӣ ва эстетикиро дар таърихи накди адабии асримиёнагӣ осори бадеии суханварон ташкил медиҳад. Шоирони гузашта дар бахше аз ашъор ва номаҳо, дар маҷлисҳои дӯстона ё расмӣ роҷеъ ба ҳусну қубҳи осори дигар адибон изҳори ақида карда, ҳамзамон дар бораи арзиши маҳсули эҷодии хеш низ ишораҳо намудаанд, ки барои муайян кардани хусусиятҳои накди адабӣ дар гузашта ин ишораҳо аҳамияти хосса доранд. Зеро махсусиятҳои адабии ҳар давра пеш аз ҳама дар шеър таҷассум меёбад ва дархостҳои адабию меъёрҳои таъинотиро дар шинохти шеър афкори адабии шоирон муайян месозад.

Дар муайян сохтани махсусиятҳои эҷодии шоирон афкори назарии онҳо аҳамияти хосса дорад. Чунки дар гузашта шоирон ҳар кадом ба равия ва усуле пойбанд будаанд ва дар мавриде тамоюли завқӣ, услуб ва равиши интихобкардаи хешро ошкор сохтаанд. Аз ин ҷиҳат вобаста ба чигунагии муҳити адабӣ дар ҳар замон шоирон сари ин масъала ба таври мухталиф муносибат кардаанд.

Дар тадқиқ ва таҳқиқи масъалаи мазкур то ба имрӯз ҳам дар адабиётшиносии Эрон ва ҳам дар Тоҷикистону собиқ Шӯравӣ, як зумра муҳаққиқон саҳм гирифта, дар рисолаву мақолаҳои худ хусусият, тарзу анвои накди адабиро дар гузаштаи адабиёти форсӣ таҳлилу таҳқиқ карда, инчунин афкори адабию

танқидӣ ва эстетикии шоирони алоҳидаро муайян намудаанд.

Тадқиқоти нисбатан мукаммал дар ин соҳа, рисолаи донишманди маъруфи эронӣ Абдул-ҳусайнӣ Зарринкўб мебошад.[1] Мавсуф дар китоби худ кўшидааст то услубу равишҳо ва масъалаҳои асосии нақди адабиро дар мисоли афкори адабии суханварони Юнону Рум ва арабу форс шарҳ диҳад. Ҳарчанд доираи таҳлили мавзўъ дар рисолаи фавқ хеле васеъ буда, муаллиф дар бораи хусусиятҳои нақди адабӣ дар асрҳои миёнаи адабиёти форсӣ ичмолан сухан ронда бошад ҳам, лозим ба ёдоварист, ки баъзе хулосаҳо ва таҳлилҳои тадқиқоти номбурдаро адабиёт-шиносони тоҷик дар корҳои илмии хеш истифода кардаанд. Чунончи А. Сатторов ва М. Шарифов дар рисолаҳои номзадии худ, дар баъзе аз маврид ба ақида ва мулоҳизаҳои Абдулҳусайни Зарринкўб такя кардаанд.[2]

Тадқиқоти дигаре, ки марбут ба масоили нақди адабӣ дар гузаштаи адабиёти форсӣ аст, китоби муҳаққиқи эронӣ Маҳмуди Киёнўш мебошад.[3] Муаллифи ин рисола аз миёни шуарои форсигў

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкўб. Нақди адабӣ. Ҷустуҷў дар усул ва туруқ ва мабоҳиси нақкодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва нақкодон.- Теҳрон, 1338.

[2] Шарифов Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XII. /Дис. барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ.-Душанбе, 1970,саҳ. 57-70; Сатторов А. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои X-XV). / Дис. барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филологӣ.- Душанбе, 1972, саҳ. 33-47.

[3] Маҳмуди Киёнўш. Қудамо ва нақди адабӣ. Баррасии дидгоҳи шоирон ва нависандагони классики форсӣ дар нақди адабӣ.- Теҳрон, 1354.

гурӯҳи мумтозеро баргузида, аз осори эшон ишораҳои накдро ҷудо кардааст ва «бар он чи ноқидони номвар дар накди сохтмонӣ ва фаннӣ, дар усул ва ҷузъиёту куллиёти накди адабӣ гуфтанд, афзуда»[1], мақсад гузоштааст, ки дарёфтҳои интиқодиро дар адабиёти классикӣ низом бахшад. Рисола намунаеро аз афкори танқидии шоирони оғози адабиёти форсӣ то асри XIII-и ҳиҷрӣ дарбар мегирад.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик низ роҷеъ ба афкори адабиву эстетикии шоирони классикӣ мақолаву рисолаҳои илмии зиёде навишта шудаанд. Як зумра олимони шинохтаи мо аз қабили Ш. Ҳусейнзода[2], Р. Ҳодизода[3] , Бақоев М.[4], Х. Шарифов[5], Сайфиев Н.[6], А. Сатторов[7], М. Шарифов[8],

---

[1] Маҳмуди Киёнӯш. Қудамо ва накди адабӣ. Баррасии дидгоҳи шоирон ва нависандагони классики форсӣ дар накди адабӣ.- Теҳрон, 1354, саҳ. 94

[2] Ҳусейнзода Ш. Моҳияти шеър дар ёдгориҳои асри Х. // Садои Шарқ.- 1979. № 9,саҳ. 44-48

[3] Ҳодизода Р. Аз Рудакӣ то имрӯз.-Душанбе: Адиб, 1988, саҳ 84-90

[4] Бақоев М. Шеъру шоирӣ аз назари Амир Хусрав.\\ Садои Шарқ, 1972.- №1, саҳ. 82-87

[5] Шарифов Х. Шоир ва шеър. / Маданияти Тоҷикистон, 1982.-7 декабр; Шарифов Х. Хоссагони мардум. Андешаҳои Носири Хусрав дар бораи фазилати сухан гуфтан. / Адабиёт ва санъат, 1987.-5 март; Шарифов Х. Баъзе масъалаҳои эҷодӣ бадеӣ дар «Муқаддимаи Шоҳнома»-и Абумансурӣ. / Дар кит.образ ва маҳорати бадеӣ.-Душанбе: Ирфон, 1980.

[6] Сайфиев Н. Ҷомӣ дар бораи шеъру шоирӣ. / Маориф ва маданият.- 1962. – 11 август.

[7] Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Ирфон, 1975.

Шарифов[1], инчунин А. Н. Болдырев[2] ва дигарон перомуни масъалаҳои муносибати шоирон нисбати шеъру шоирӣ, вазифаи шоир ва мақоми ӯ дар ҷомеа, заминаҳои ташаккули афкори адабии тоҷик, масъалаҳои асосӣ дар накди шоирони пешина ва амсоли ин баҳс намуда, баъзе паҳлӯҳои мавзӯи мазкурро равшан сохтаанд. Гумон меравад, ки олимони тоҷик ба омӯзиши ин масъала пас аз зуҳури мақолаҳои Е. Э. Бертельс шурӯъ кардаанд.[3] Тавре мушоҳида мешавад, муҳақиққони тоҷик ин масъаларо дар мисоли афкори адабии суханвароне ба таҳқик гирифтаанд, ки дарвоқеъ онҳо доир ба назария ва накди шеър нисбат ба дигар адибон батафсилтар таваққуф кардаанд ва аз осори эшон дар бораи масъалаҳои гуногуни эҷоди бадеӣ маводи кофӣ метавон дастрас намуд.

Хусусиятҳои афкори адабии шоиронро дар ҳар давра вобаста ба чигунагии сатҳи инкишофи адабиёт ва тақозои эстетикии замон мебояд муайян кард. Чунончи, бо сабаби ворид гардидани як зумра шоирони камтаҷрибаву камҳунар ба майдони адабиёти асри XV, адабиёт ва шеъри форсӣ то як

---

[1] Шарифов М. Шамс-и Кайс-и Рази его литературно критические взгляды. / Дис. на сосик. уч. ст. канд. филол. наук.-Душанбе, 1984.

[2] Болдрырев А. Н. К вопросу о литературно кртических взгладах Джами и его современников. // Народы Азии и Африки. – 1969. - № 2, саҳ. 35-41

[3] Бертельс Е. Э. Носири Хусроу и его взгляды на поэзию. поэзию. \\ Известия АН Тадж ССР, отд-ние общ. Наук.вып.4.- 1953, стр. 143-154; Бертельс Е. Э. Избранные труды. Низами и Фузули. – М.: изд-вовост. Лит., 1962, стр. 394-431

андоза рӯ ба таназзул овард. Ин амр боис гашт, ки як идда адибони маъруфи ин давра ба монанди Абдурраҳмони Ҷомӣ, як соҳаи фаъолияти эҷодии хешро бевосита ба накди шеър сарф намоянд. Қабл аз Ҷомӣ ҳам шоирон дар накди шеър ба ҳар навъе саҳм гирифтаанд, ки як хусусияти умдаи мулоҳизаҳои танқидии Ҷомӣ ва ҳамасрони ӯ ин аст, ки онҳо сари масъалаи  мазкур бо далелу бурҳон машғул шудаанд. Аз ин лиҳоз дар муқоиса бо шоирони пешин накди шоирони ин давра то як дараҷа хусусияти истидлолӣ ба худ касб кардааст. Ба замми ҳамаи ин, вақте ки сухан дар бораи накди шоирон меравад наметавон аз як ҷиҳати асосии он сарфи назар кард. Ин хусусияти накди шоирон дар ҷанбаи субъективӣ доштани онҳо зоҳир мешавад. Афкори адабӣ ва танқидии Ҷомӣ ҳам аз ин махсусият орӣ нест, вале аксари он муҳаққиқоне, ки дар баррасии ақидаҳои адабии шоир саҳм гузоштаанд ба ин ҷиҳати масъала кам  аҳамият додаанд. Чунончи дар байни он тадқиқоте, ки болотар ишора кардем, рисолаи профессор А. Сатторов аз лиҳози дараҷаи омӯзиш ва тадқиқи афкори адабии Ҷомӣ мукаммалтар ба назар мерасад. Адабиётшинос фаъолияти Ҷомиро таҳлил карда, муносибати ӯро  нисбат ба шоирони саромаду ҳамрӯзгор муайян намуда, инчунин меъёри шинохти шеъри хубро аз назари шоир баррасӣ кардааст. Дар ин масъалаҳо мавсуф ақида ва мулоҳизоти дигар муҳаққиқонро инкору тасдиқ менамояд. Аммо хусусияти завқӣ доштани афкори адабии Мавлоно Ҷомиро муҳаққиқ инкор менамояд. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ ақидаи Зарринкӯбро, ки сабаби худситоиҳои Абдур-раҳмони Ҷомиро дар шӯҳрат ва овозаҷӯиҳои вай медонад, инкор карда менависад: «Кӯшиши Ҷомӣ маҳз ба хотири бузург доштани қиммати шеъру

шоирӣ ва зикри моҳияти иҷтимоӣ ва эстетикии он дар зиндагӣ аст».[1] Бузургдошти қадри сухан дар ҷомеа як тарафи масъала аст, аммо вақте сухан дар бораи худситоиву шӯҳратхоҳии шоирона меравад, дар назар бояд дошт, ки муфохироти Ҷомӣ ҳам мисли дигар шоирон, асосан барои изҳори фазл ва маҳорати шоирӣ раво дониста шудаанд ва ин нукта бебаҳс аст. Зеро Ҷомӣ низ дар маърифат ва таъини арзиши шеър аз доираи завқ, майл, ҷаҳонбинӣ ва ҳадафҳои ғоявию иҷтимоии хеш берун нарафтааст. Ин хусуситяи афзалиятҷӯиашро шогирдаш Алишери Навоӣ хубтар ошкор намудааст. Дар «Хамсат-ул мутаҳайирин» Навоӣ ҷое ишора карда менависад, ки «Рӯзе дар хизмати он ҳазрат (Ҷомӣ- Б. Ш.) будам ва аз ҳар навъ назм сухан мерафт ва дар асснои сӯҳбат аз қасидаи «Дарёи аброр»-и Амир Хусрав ном бурда шуд. Ин фақир дар таърифи он муболиға кардам ва ҳақ ҳам доштам… Аммо гарчанде чунон бошад ҳам, ва тарафи фақир дар мачлиси он ҳазрат ин тариқа ифрот ба таъриф муносиб набуд. Он ҳазрат чизе нагуфтаанд ва маҷлис пароканда шуд… ».[2]

Тавре мушоҳида мешавад, Мавлоно Ҷомӣ аз он ки Навоӣ Амир Хусравро дар ҳузури ӯ ситоиш кардааст, меранҷад. Ин гувоҳи он нукта аст, ки шоир ба ҳунар ва мартабаи шоирии худ эътиқоди калон дорад ва аз худ дар ин ҷода касеро болотар дидан намехоҳад. Тарафи дигари масъала дар он зоҳир мешавад, ки Ҷомӣ низ монанди дигар эҷодкорон дар шинохти шеър ба мавқеи ҳунариву ахлоқии хеш такя

---

[1] Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Ирфон, 1975, саҳ.75

[2] Алишер Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳайирин. – Душанбе: Адиб, 1989, саҳ. 38

мекунад. Тавре маълум аст, Ҷомӣ ба ҷанбаи ахлоқии шеър бештар аҳамият медод, аз ин рӯ қазоватҳои ӯ дар мавриди шеъри Хоқонӣ аз заминаи мазкур сарчашма мегиранд, ки дар навбати худ дорои ихтилоф низ ҳаст, ки дар боби дуюми рисолаи хеш перомуни ин масъала ишора кардаем.

Дар бораи афкори адабии шоирону адабиётшиносони асрҳои X-XI рисолаи номзадии Х. Шарифов тадқиқоти боарзишест.[1] Х. Шарифов дар бораи назариёти танқидии шоирони ин давра хулосаҳои ҷолиб баровардa, аз он ҷумла ҷиҳати субъективӣ доштани баъзе ин афкорро таъкид намудааст. Муқоисанашаванда будани назари интиқодии шоирони асрҳои X-XI бо адибони асри XII низ дар ин рисола зикр шудааст.[2]

Дар охири солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми садаи XX доир ба масъалаи мавриди тадқиқ ва муаммоҳои нақди адибон, се конференсияи илмии хонишҳои Варзоб шуда гузашт, ки маводи он дар шакли се маҷмӯа дастрас аст.[3] Дар ин маҷмӯаҳо гузоришоти илмии олимони ҷумҳуриҳои собиқ

---

[1] Шарифов Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XII. /Дис. барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ.-Душанбе, 1970,

[2] Ҳамон рисола, саҳ. 120

[3] Адибони ноқид.\ Маводи дуввуми хонишҳои Варзоб. Муаммои нақди нависандагон. – Душанбе: Дониш, 1990; Писатели как критики. /Материалы вторых варзобских чтений. Проблемы писательского критика. – Душанбе: Дониш, 1990; Писатели-критики. / Материалы научно теоритической конференции. Проблемы писательской критики.- Душанбе: Дониш, 1987.

Шӯравӣ гирд оварда шудаанд. Аз рӯи ин мавод бармеояд, ки адабиётшиносони рус равияҳои тадқиқотии навро пеша гирифта, нақди нависандагонро бо методологияҳои мухталифи илмӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсию ахлоқии шоирони русро ба нақди адабӣ иртибот дода, дар ин масъала ба хулосаҳои гуногун омадаанд.

Дар маҷмӯаҳои мазкур доир ба афкори адабии баъзе шоирони гузаштаю муосири тоҷик низ мақолаҳо ҷой дода шудаанд. Вобаста ба таснифот аз рӯи даврабандии адабиёт мақолоти маҷмӯаҳои номбурда ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд. Қисмати аввал «Адибони ноқид дар давраи инқилоби Октябр» ном дорад, ки ин марҳалаи адабиёт диққати адабиётшиносонро бештар ҷалб кардааст. Қисмати дуюми мақолаҳо таҳти унвони «Адибони ноқид то инқилоби Октябр» мунташир шудаанд, ки дар ин боб доир ба афкори адабии баъзе шоирони классикии форсӣ мақолаҳо мавҷуданд. Дар маҷмӯаи нахуст мақолаи Аҳмад Абдуллоев ба мавзӯи «Нақди шоирони тоҷик дар асрҳои X-XI» бахшида шудааст. А. Адбуллоев дар мақолаи худ роҷеъ ба баъзе ҷиҳати наққодиҳои шоирон дар асрҳои X-XI изҳори ақида карда, менависад, ки нақди шоирон дар ин айём дар се самти асосӣ ташаккул ёфтааст:

1. Муносибати шоирон нисбати жанри асосии ин давра қасида. 2. Фикру мулоҳизаҳои танқидии шоирон дар бораи эҷодкор. 3. Ифода кардани афкори танқидӣ дар заминаи ҳаҷв. [1] Муаллифи мақола дар

1. Писатели-критики. / Материалы научно теоритической конференции. Проблемы писательской критики.- Душанбе: Дониш, 1987, саҳ. 68-70

бораи Хоқонӣ ҳам ҷое ишора кардааст.[1] Дар ин таснифот ба ақидаи мо самтҳои ҷудокардаи олими тоҷик чандон саҳеҳ нестанд. Зеро агар воситаҳои ифода кардани афкори адабӣ, заминаҳои инъикоси он ва муносибати шоирони давраи мазкурро ба масъалаҳои гуногун ҳамчун самт ҳисоб кунем, он гоҳ шумораи чунин самтҳо хеле зиёд мешаванд. Чунончи, ба ғайр аз заминаи ҳаҷв шоирон дар тамоми давраву мархалаҳои адабиёти форсӣ мулоҳизоти танқидии хешро дар заминаи мунoқиша, мунозираву муҷодалаҳо, мадҳу ситоишҳои дӯстона ва амсоли инҳо ифода кардаанд, ки ин воситаҳоро самт шумурдан чандон дуруст нест.

Дар ду маҷмӯаи дигар танҳо як мақола ба афкори адабии шоирони гузаштаамон бахшида шудааст, ки «Анварӣ дар бораи қасида ва қасидасароён» унвон дошта ба қалами И. Икромов тааллуқ дорад.[2] Ин ҷо мо аз зикри мақолоте, ки афкори адабии шоирони муосирро дарбар гирифтаанд худдорӣ намудем.

Маҷмӯаи мақолаҳои олимони самарқандӣ ҳам муносибати адибони гузаштаи тоҷикро нисбати шеъру шоирӣ дарбар гирифтааст.[3] Мақолаҳое, ки дар ин маҷмӯа гирд омадаанд, самари корҳои илмии анҷомёфта буда, ба тадқиқи ин ё он ҷиҳати накди адабии тоҷик бахшида шудаанд. Муаллифон маводи сарчашмаҳои адабӣ, осори шоирони классикиро омӯхта, назари як қатор адибонро оид ба накди адабӣ дар гузашта ва масойили гуногуни ба он алоқамандро

[1] Ҳамон ҷо. саҳ. 69
[2] Ҳамон ҷо. саҳ. 127-129
[3] Масъалаҳои накди адабии тоҷик. / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Самарқанд: ДДС, 1991.

мавриди баррасии илмӣ қарор додаанд. Дар маҷмӯаи мазкур аз хусуси мавҷудияти накди адабӣ дар гузашта, масъалаи анъанаву навоварӣ, таносуби шаклу мазмун, аҳамияти эҷоди бадеӣ дар такомулоти маънавии инсон, интихоби мавзӯъ ва ҳалли он баҳсҳое сурат гирифта, муаллифин ба хулосаҳои муайян низ омадаанд.

Дараҷаи омӯзиши афкори адабӣ, эстетикӣ ва танқидии шоирони пешинаи форсиро ба назар гирифта, мақсад гузоштаем, ки тадқиқи масъалаи мазкурро дар мисоли назариёти танқидии яке аз шоирони маъруфи адабиёти садаи дувоздаҳуми форсӣ, аз бузургтарин устодони қасида Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шарвонӣ, мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор диҳем.

Қаблан хотирнишон карданием, ки Хоқонӣ дар бораи назария ва накди шеър рисола ва ё осори алоҳидаи илмӣ иншо накардааст. Маводеро, ки ҷиҳати таҳқиқ қарор додаем, аз мулоҳизот ва ишораҳое иборат мебошанд, ки Хоқонӣ дар бораи халлоқияти шоирони ҳамзамону пешин, дар бораи аҳамияти эҷоди бадеӣ, вазифаи шоир, чигунагии шеър ва ғайра зимни ифшои фазилатҳои ҳунарии худ иброз доштааст. Муносибати Хоқонӣ дар мавриди арзёбии шеъру шоирӣ ба махсусиятҳои фардии эҷодиёти ӯ вобастагӣ дорад. Яъне асоси усули шинохти шеърро дар назди Хоқонӣ худшиносии эҷодии ӯ ташкил мекунад. Шоир дастовардҳои ҳунарӣ ва мартабаи маҳораташро дар муқоиса бо дигар суханварон зимни худситоӣ ишора доштааст. Аз ин рӯ, муфохира асоси заминаи инъикоси мулоҳизаҳои танқидии Хоқониро ташкил мекунад.

Дар бораи фахрия ҳамчун воситаи ифодакунандаи афкору назариёти танқидии шоирон,

то имрӯз дар ададбиётшиносии тоҷик баъзе мақолаҳои алоҳидаи илмӣ вуҷуд доранд. Ин ҷо мақолаҳои Б. Мақсудов дар бораи фахърияҳои Камоли Хуҷандӣ[1], К. Муқимова «Аҳамияти фахрияҳои Бедил дар омӯхтани афкори адабию танқидии ӯ»-ро ном бурдан мумкин аст.[2]

Дар воқеъ, фахрия дар шароите зуҳур меёбад, ки шоир аз ҷиҳатҳои назарраси маҳсули эҷодиаш қаноат ҳосил карда, афзалияти самараи халлоқияти худро пайхас кардааст. Назар ба моҳияту тарзи гузориш мавзӯъ муфохираҳо бо сабабҳои гуногун зуҳур меёбанд ва ҳамаи онҳо хусусияти мазкурро доро намебошанд. Ин масъала дар боби дуюми рисола то андозае арзёбӣ шудааст.

Б. Мақсудов яке аз сабабҳои дар ғазал ҷо гирифтани фахрро дар он мебинад, ки дар гузаштаи адабиёти форсӣ осори шоирон бо истилоҳоти умумӣ накд мешуданд ва дар ин бора ӯ аз муҳаққиқони эронӣ Абулҳусайни Зарринкӯб ва Маҳмуди Киёнӯш иқтибос оварда, фикри худро тақвият медиҳад.[3] Вале бояд дар хотир дошт, ки бо он истилоҳу ифодаҳои тавсифӣ, ки дар накди шеър ба кор мебурданд, асосан ба аҳли сухан ишора ва мурочиат менамуданд ва дар ин масъала онҳо барои он истилоҳот таърифро лоиқ намедонистанд, зеро ишораҳои онҳо, тавре зикр гашт, барои аҳли сухан буд, ки аҳлро ниёз ба таъриф нест ва адибон худ аз чанду чуни сухан маърифати

---

[1] Мақсудов Б. Фахр дар ғазали Камоли Хуҷандӣ . // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон / серия шарқшиносӣ, филология, таърих/.- 1988.-№3, саҳ. 59-65

[2] Масъалаҳои накди адабии тоҷик. / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Самарқанд: ДДС, 1991, саҳ. 73-79

[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 60

кофӣ  доштанд. Аз ин рӯ, муфохираҳои шоирона аз рӯи моҳияти худ чӣ дар ғазал ва чи дар қасида умдатан барои изҳори фазилатҳои ҳунариву эҷодӣ раво дониста мешуданд.

Дар масъалаи худситоӣ ва даъвои сухан кардан аз шуарои форсигӯ ҳеҷ кадоме чун Хоқонӣ тунд нарафтааст. Ин хусусияти ашъори шоирро аксари адабиётшиносон зикр  кардаанд.[1]

Малик –уш-шуаро Мир Муҳаммад Исмоилхоҷаи Абҷадӣ- адиби асри ҳаждаҳи Ҳиндустон, дар шарҳи «Туҳфат-ул-Ироқайн» навиштааст, ки даъвои суханро ду суханвар кардаанд, яке Мавлоно Низомии Ганҷавӣ, ки дар «Махзан-ул-асрор» (Хатми суханро ба Низомӣ расон) гуфтааст ва ҳазрати Хоқонӣ, ки фармуда: (Ӯ хатм кунад суханвариро). Аммо ба қавли муҳаққиқи мазкур фарқи мартабаи суханварии ду адиб ин аст, ки соҳиби Ганҷа дар маснавӣ камол дораду соҳиби Шарвон  дар қасида беназир аст.[2]

Падидае дигаре, ки дар асри XII хеле ривоҷ дошт, ин худситоӣ ва муфохираҳои шоирона мебошад. Ривоҷи ин мавзӯъ ҳам ба таъсири адабиёти араб алоқамандӣ дорад. Падидаи мазкур дар адабиёти давраҳои Сомонӣ ва Ғазнавӣ ҳам мушоҳида мешавад, аммо дар аҳди мавриди тадқиқи мо ҷанбаи муболиғавӣ касб кардааст. Чун давраҳои пешин шоирони ин марҳала ҳам аз рӯи завқ ва писанди

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва туруқ ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон.- Теҳрон, 1338, саҳ. 399

[2] Гафар Кендли- Херисчи Али огли. Хакани Ширвани. Жизнь, эпоха, среда./Автореф. дис. на соиск. уч. ст. д-ра филол.наук.- Баку, 1972, стр. 4

эҷодӣ, ҳарчанд дар зимни фахр аз шоирони саромад ёдовар шудаанд, аммо аксари вақт нисбат ба адибони гузашта ба назари нек ва эътиқоди комил муносибат намудаанд. Дар ин миён ягона шоире, ки аз шоирони пешин камтар касеро эътироф мекунад Хоқонист. Яке аз вазифаҳои мо низ дар ин навишта равшанӣ андохтан ба ҳамин ҷиҳати масъала мебошад.

Омӯзиши мулоҳизаҳои танқидии Хоқонӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ӯ дар таърихи адабиёти форсӣ ҳамчун шоири соҳибсабк маъруфу машҳур аст ва ин мартабаи ҳунарӣ на ба ҳар як шоир муяссар гаштааст. Сабки ғайримаъмули эҷодии ӯ дар сурудани қасидаву номанигорӣ ҳанӯз дар овони зиндагиаш ва минбаъд то ба имрӯз диққати аҳли адабро ба худ ҷалб карда омадааст. Дар ин бора мунаққидон байни худ ихтилофи назар доранд, ки дар мавриди чунин ақидаҳо дар боби аввали рисола ишора кардаем.

Афкори адабии шоирони гузаштаро танҳо аз рӯи мулоҳизоти онҳо дар бораи шеъри ин ва ё он шоир муайян кардан мумкин нест. Зеро назариёти танқидии онҳо дар масъалаи шеъру шоирӣ, моҳияти каломи бадеъ, меъёрҳои таъинотии арзиши сухан ва амсоли ин дар заминаи мавқеи ҳунариву ахлоқии онҳо асос ёфта, дар чигунагии ҳаёти иҷтимоӣ, муҳити адабӣ ва вазъи ташаккули адабиёти он давр таъсири амиқ дорад. Аз ин рӯ, дар баробари таҳлили афкори танқидӣ, то кадом андоза воқеӣ будан ва эътибори он ақоидро ҳам наметавон сарфи назар кард. Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба инобат гирифта, вазифа гузоштем, ки афкори адабию танқидӣ ва муносибати Хоқониро дар масъалаи шеъру шоирӣ, дар заминаи мухтассоти ҳунарӣ, мавқеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ғоявӣ ва мазҳабии ӯ ба тадқиқ гирем. Барои ҳалли дурусти

масъалаи мавриди назар лозим донистаем, ки дар боби аввал оид ба мухтассоти ҳунарӣ, шӯҳрати шоирӣ ва фикру мулоҳизоти мухталифи ададбиётшиносону ноқидони сухан, дар мавриди маҳорати эҷодии Хоқонӣ маълумоти мухтасар дода, дар ин робита ишораҳои худӣ шоирро ҳам зикр намоем.

Дар боби дуюм хусусиятҳои мулоҳизаҳои танқидии шоир, эътибори афкори ӯ, муносибати Хоқонӣ нисбат ба маҳсули эҷодии шоирони пешину ҳамаср, мизои ва меъёрҳои шинохти шеър, инчунин худшиносии эҷодии шоир мавриди тадқиқ қарор мегирад.

Вусъати доманаи мавзӯъро ба инобат гирифта, боби дуюми рисоларо ба чор фасл тақсим кардем. Дар фасли аввал мулоҳизаҳои танқидии шоир дар заминаи ҳаҷв ва муоризаву мунокишаҳояш таҳлил мешаванд. Зеро аз рӯи шеваи гузориши матлабаи аксари қитъаҳо, ки дар онҳо шоир дар бораи шеъри худу дигарон мулоҳиза меронад, чунин бармеояд, ки онҳо дар посухи таъризи ин ё он шоир иншо шудаанд. Аз ин рӯ, кӯшиш намудем муносибати шоирро бо як зумра адибони давр аз қабили Рашиди Ватвот, Абуалои Ганҷавӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Муҷириддини Байлақонӣ муайян намуда, натиҷаи муоризаю моҷарои онҳоро баррасӣ кунем.

Муносибати Хоқонӣ бо ҳамаи адибону фозилони давр як хел нест. Агар ӯ бо як қатор адибон мунозараву муҷодала карда, онҳоро дар масъалаҳои гуногуни эҷодӣ бадеӣ айбдор карда бошад, дар паҳлӯи ин бо як идда удабову фузалои замони худ мукотибаву мушоираҳои дӯстона дорад. Аз ин шеваи муносибати шоир ҳам роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни афкори адабии ӯ ишораҳо дарёфт кардан мумкин аст,

ки сари ин масъалаҳо дар фасли дуюми боб таваққуф намудаем.

Дар фасли сеюм меъёргузориҳои шоирро дар мавриди чигунагии таносуби мундарича ва шакли шеър таҳқиқ кардаем. Дар ин фасл назари Хоқониро дар бораи балоғати сухан, сухани маснўъ ва матбўъ, адибони араб ва амсоли ин шарҳ додаем. Азбаски Хоқонӣ дар шинохти шеър ва эҷоди он ба ҷанбаи ҳунарии калом бештар таваҷҷўҳ зоҳир менамояд ва ба сифати маҳак ҳамеша маҳорати эҷодии хешро мизон қарор медиҳад, мо низ дар ин фасл ҳамин хусусиятро қайд карда, аз он ҷо ки дар боби аввали кор маҳорат ва навовариҳои услубии қасидаҳои ў ба қадри ҳол баррасӣ шудаанд, дар ин фасл кўшиш кардаем, ки меъёри ахлоқии накди ўро шарҳ диҳем.

Дар фасли чорум бошад худшиносии эҷодии Хоқонӣ, ки аз маърифати ў бар пояи асолати ҳунари шоириаш оғоз гашта, дар рафти таҳаввулоти ҷараёни зиндагӣ ба маърифати ҳаққу сафои ботин анҷом мепазирад, мавриди музокира қарор мегирад. Таҳаввули худшиносии эҷодӣ, мақсади Хоқонӣ аз пешаи шоирӣ дар марҳалаи аввали эҷодӣ, сабаби худситоиву худмуқои-сакуниҳои ў бо дигар шоирон, таҳаввул ва ташаккули афкор ва ҷаҳонбинии шоир дар марҳалаи дуюми эҷодӣ, ҳадафҳои ғоявию ҳунариаш дар ин марҳала аз масойиле ба шумор меравад, ки дар ин фасл ҳаллу фасл мегарданд.

Рисола аввалин тадқиқот дар масъалаи афкори адаби ва танқидии Хоқонӣ ба шумор меравад. Муаллиф аз тарафи муайян кардани махсусиятҳои ҳунарӣ ва мақоми эҷодии Хоқонӣ меъёри шинохти шеърро аз диди ў баррасӣ намуда, дар ин замина то андозае ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва дигар фазилатҳои фардию эҷодии шоирро шарҳ додааст.

## ШЎҲРАТИ ШОИРЇ ВА БАЪЗЕ МУХТАССОТИ ҲУНАРИИ АШЪОРИ ХОҚОНЇ

Дар муқоиса бо ҳамаи он шоироне, ки дар таҳаввул ва табдили сабки шеъри форси аз нимаи дуюми қарни XI саҳм гирифтаанд, Хоқонӣ бо фазилатҳои махсуси ҳунарӣ имтиёзи назаррасеро соҳиб мебошад. Ин махсусияти ҳунари шоирии Хоқонӣ ҳанўз аз овони зиндагиаш ва минбаъд то ба имрўз мавриди таваҷҷўҳу қазоватҳои мухталифи адабиётшиносону муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Хулосаи аҳком ва қазоватҳои ноқидони сухан дар мавриди шинохти арзиши шеъри Хоқонӣ гуногун мебошанд.

Дар ин миён мулоҳизаҳои танқидии худи шоирро ҳам наметавон сарфи назар кард, ки дар бораи ибдоъ ва навовариҳои эҷодиаш ишораҳои фаровон дорад. Азбаски дар ин замина низ шоир худситоиву афзалиятҷӯиро ба ифрот расонидааст, сари ин масъала ҳам минбаъд адабиётшиносон ба хулосаҳои мухталиф омаданд.

Нахустин маълумотро дар бораи мақоми шоирии Хоқони ва сабки хосаи ӯ дар «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ дучор меоем. Муҳаммад Авфӣ дар бораи хусусиятҳои услубӣ ва ҳунарии эҷодиёти шоир изҳори ақида карда, аз он ҷумла менависад: «Хоқони вилояти баён буд… муншии каламоти Ҳассон буд… ҷамоате бар онанд, ки шеваи сухан бар Хоқонӣ хатм шудааст ва баъд аз ӯ кас бар минволи сухан чунин насих назм набофта.[1]

Тазкиранависони дигар низ роҷеъ ба сабку баёни шоир ба таври мазкур мулоҳиза ронда, ӯро шоири соҳибсабк муаррифӣ кардаанд. Чунончи, Лутфалибеги Озар дар «Оташкада» навовариҳои эҷодии Хоқониро дар табдили сабки шеъри форсӣ ба инобат гирифта, ӯро чун шоири дар «… тариқи суханварӣ тарзи хоссае ихтироъ карда» ва ашъори ӯро «соҳиби маънои баланд ва алфози дилписанд».[2] тавсиф кардааст. Ба ҳамин маъниву мазмун тавсифот

---

[1] Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб.- Теҳрон, 1353, саҳ. 405-406

[2] Лутфалибеки Озар. Оташкада. Тасҳеҳ ва таълиқи Ҳасани Содот. Ҷилди Ду.- Теҳрон, 1340, саҳ.151

дар «Райҳонат-ул-адаб»-и Муҳаммад Алии Табрезӣ[1] ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят[2] низ ҷой доранд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ фазилати сухан-варии Хоқониро «... дар тумтароқи лафз»-и осори ӯ медонад.[3]

Ба монанди далелу ишораҳои мазкур дар дигар сарчашмаҳои адабиётшиносии гузашта ҳам маълумотҳои гуногун мавҷуданд, ки ҳар кадоме дар бораи хусусиятҳои маҳсули эҷодии шоир чизе афзудаанд. Азбаски аксари муҳаққиқони Хоқонӣ дар тадқиқоти хеш он таърифотро ёдрас кардаанд, ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ менамоем.

Тавре бармеояд, ҳамаи мухаққиқон бо ин ки перомуни арзишҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва маънавии ашъори Хоқонӣ ишора доранд, вале бештар аз ҳама таваҷҷӯҳи онҳоро ҷанбаи лафзии сурудаҳоӣ ӯ ҷалб кардааст. Ҳамин тарзи муносибат нисбат ба эҷодиёти шоир ҳам дар адабиётшиносии Эрон ва ҳам собиқ Шӯравӣ мушоҳида мешавад, ки дар мавриди лозим сари ин масъала бармегардем.

Навоварӣ дар эҷоди сабки тоза хусусияти истиқболӣ дорад. Ба ҳеҷ ваҷҳ сабке мустақиман нашву намо накардааст ва аз таъсири сабкҳои дигар, хусусан пешин, дар канор намондааст. Падидаи

---

[1] Муҳаммад Алии Табрезӣ. Райҳонат-ул-адаб. Бо кӯшиши Алӣ Асғари Мударрис. Ҷилди аввал.-Теҳрон, 1343, саҳ. 373-374

[2] Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Бо кӯшиши Мазоҳири Мусаффо.-Теҳрон, 1329, саҳ. 608

[3] Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббос.-Теҳрон, 1337, саҳ. 139

мазкур тибқи усули такомули тадриҷӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани воқеияти мақоми шоирӣ ва навовариҳои Хоқонӣ дар сабки шеъри форсӣ моро лозим меояд, ки зимни таҳаввули шеъри форсӣ сайри мухтасаре дошта бошем.

Бо таъсири адабиёт ва илми балоғати арабӣ, аз нимаи дуюми қарни XI адабиёти форсӣ бо тақозои муҳит ва дигар омилҳои иҷтимоиву адабӣ дучори таҳаввулоти услубию маънавӣ гардид. Дар натиҷаи истиқболу пайравие, ки шоирони форсигӯ бар адабиёту балоғати арабӣ доштанд, каломи бадеъ аз лиҳози маънӣ ва лафз махсусиятҳои тоза касб намуда, батадриҷ ташаккул ёфт ва зинаи камолоти худро дар қарни XII тай кард. Унсури асосие, ки дар таъини ин навъи шеър дар муқоиса бо ашъори шоирони пешин меъёри ташхис қарор гирифтааст, ҷанбаи лафзии калом мебошад, ки бештар доираи хусусиятҳои шаклии шеърро дарбар мегирад, чунончи истифодаи луғоти арабӣ, зеҳнӣ будани образҳо, ба кор бурдани истилоҳоти мухталифи фаннӣ, иҷоз, пӯшидагии маъно, вусъати дарҷ кардани оёту аҳодис дар калом ва амсоли ин ки дар натиҷаи сирояти адабиёти арабӣ дар шеъру насри форсӣ мустаъмал гаштааст, адабиёти форсиро аз содагию равоние, ки дар аҳди пешин дошт дур сохт.

Услуби арабӣ дар табдили сабку такомули шеърияту маънавиёти шеъри Аҷам таъсири босазо гузошт. Адабиётшиносон зимни таҳлилу шарҳи масъалаи мазкур, тағироти ҷанбаи лафзии ашъори бархе аз шоирони нимаи аввали асри ёздаҳ ва дувоздаҳро, ки шеваи фикру балоғати араб ба димоғашон муассир воқеъ гашта, истилоҳоти фанниву луғоти арабиро дар шеър истифода бурдаанд, ба инобат гирифта, ба таснифи сабкҳои

шеъри форсӣ пардохтаанд ва барои муайян намудани ин навъи шеър истилоҳи сабки ироқиро шартан раво донистаанд. Минбаъд барои таъин намудани аввалин заминагузорони сабки ироқӣ муҳаққиқин баҳсҳои зиёде кардаанд, ки намунаи ин гуна аз баҳсҳо дар рисолаи И. Икромов[1] гирд оварда шудаанд. Эшон бо иқтибосе аз Фазлуллоҳи Сафо такя карда, Абулфараҷи Руниро асосгузори сабки ироқӣ хондааст, зеро ӯ нахустин касест, ки баъзе калимоти арабӣ ва туркиро, ки дар сабки хуросонӣ собиқа надошт ба шеър дохил кардааст.[2]

Ба ин далел чандон розӣ шудан мумкин нест, зеро дар паҳнаи адабиёти форсӣ пеш аз Абулфараҷ омезиши забони форсӣ бо арабизмҳо дар ашъори Манучеҳрӣ низ мушоҳида мешавад. То ҷое, ки муҳаққиқи эронӣ Абулҳусайни Зарринкӯб Манучеҳриро бо ин хусусияти услубӣ «яке аз пешоҳангони «шеъри ироқӣ» ном бурдааст.[3]

Адабиётшиноси тоҷик А. Абдуллоев низ роҷеъ ба мухтассоти услубии ашъори Манучеҳрӣ мулоҳиза ронда, аз он ҷумла гуфтааст: «Рӯҳияи арабӣ ҳам он вақтҳо дар назми доираҳои Эрони ғарбӣ қувват гирифта бошад ҳам, моҳияти адабиёти он маконҳо низ ба назми дарӣ поя дошт… Манучеҳрӣ гоҳ-гоҳ ва баъзан услуби хуросонӣ, ки асосан услуби ӯ будааст бо услуби душворбаёни арабӣ махлут ва алоқаманд

---

[1] Икромов И. Абулфараҷи Руни ва баъзе масъалаҳои сабки Ироқӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1991, саҳ. 79-82

[2] Ҳамон асар, саҳ 82

[3] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла.Дар бораи бист тан шоири форсигӯ. Аз Рӯдакӣ то Баҳор.- Теҳрон, 1343, саҳ. 57

сохтааст».[1] Чунин қазоват дар услуби Манучеҳрӣ шояд воқеӣ ва саҳеҳ бошад, зеро ҳамин кӯшиш махлутгардонии шеъри форсӣ бо луғоту таркиботи арабӣ ва майли шоир ба адабиёти арабиро ҳамчун марҳалаи нахустини лафзии шеъри форсӣ бояд ба инобат гирифт. Ин ибтикори эҷодӣ аз нимаи дуюми асри XI ба тадриҷ густариш ёфта, дар эҷодиёти ҳар шоир вобаста ба савияи завқу тамоюл ва дараҷаи завқашон ба балоғату баёни арабӣ бо шаклҳои мухталиф зоҳир гаштааст.

Ҷолиби диққат аст, ки ифодагари навовариҳои услубию ҳунарӣ дар тӯли таҳаввулоти шеъри ин давра жанри қасида мебошад. Ин навъи шеърӣ, ки васеъ будани доираи объекти тасвир, мӯҳташамӣ ва мутантании оҳанги вазнро мепазирад, ба шоири қасидасаро имкон фароҳам меорад, ки дар ин замина тамоми дороии маънавию ҳунарии хешро таҷассум кунонад. Дар баробари ин эҷоди қасида дар гузашта аз шоири қасидасаро масъулияту заҳмат ва қудрати беандозаи ҳунариро талаб мекард. Аз ин ҷост, ки дар афкори адабии шоирони қасидасаро перомуни мушкилоти офариниши ин жанр ақидаҳои фаровон мавҷуд аст, чунончи Анварӣ ишора дорад:

**Чун ман ба раҳи сухан фароз оям,**
**Хоҳам, ки қасидае биороям.**
**Эзид донад, ки ҷони мискинро,**
**То чанд аною ранҷ фармоям.**
**Сад бор ба уқда дар шавам то ман,**

[1] Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI.- Душанбе: Дониш, 1979, саҳ.95

**Аз ӯҳдаи як сухан бурун оям.**[1]

Пайваста ба ин мавзӯъ бояд гуфт, ки шоирони пайрави сабки ироқӣ дар эҷоди навъҳои дигари адабӣ чун ғазал, рубоӣ махсусиятҳои ҳунариашонро чандон зоҳир накардаанд, мисли ашъори Хоқонӣ, ки намунаи олии шеър дар сабки ироқӣ мебошад. Агар мо қасойиди шоирро бо ғазалиёту рубоиёташ қиёс намоем, байни онҳо чандон умумияти услубӣ дарёфт карда наметавонем. Рубоиёту ғазалиёти шоир, ки дар ниҳояти равониву содагӣ эҷод гаштаанд, бо қасоидаш, ки мутакаллифу маснӯъанд аз лиҳози тарзи баён ва дигар ҷиҳати ҳунарӣ умумияти услубӣ надоранд. Чунин тафовути тарзи ифодаро дар осори кулли шоирони сабки ироқӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аз ин лиҳоз ҳам мафҳуми сабки ироқӣ ифодаи як навъ ашъорест, ки заминаи он асоси бартарияти лафз бар маъно бунёд ёфтааст.

Дар адабиётшиносии муосири Эрон дар баробари истилоҳи сабки ироқӣ, муҳаққиқон истилоҳоти «шеъри фаннӣ» ва «насри фаннӣ»-ро низ истифода кардаанд. Чунончи, Мирҷалолиддини Каззозӣ дар бораи хусусиятҳои сабки Хоқонӣ ҷое таваққуф карда, менависад: «Хоқонӣ дар суханварӣ пайрави дабистонест, ки онро «шеъри фаннӣ» номидаанд.[2] Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур шеъри

---

[1] Девони Анварӣ. /Таҳияи нашр бо тасҳеҳи Р. Ҳодизода.- Душанбе: Ирфон, 1971, саҳ. 190

[2] Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ. Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ. Бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае баланд аз зиндагонӣ ва шеваи шоирии ӯ.-Теҳрон, 1368, саҳ. 175

фаннӣ шеърест, ки ҳунарварзона, барсохта, ороста ва онро гоҳ «шеъри маснӯъ ва мутакаллиф низ хондаанд».[1]

Маънии истилоҳи мазкурро муҳаққиқи дигари эронӣ Ҳусайни Хатибӣ дақиқтар шарҳ додааст.[2] Бо назардошти таснифоти маъмули адабӣ муҳаққиқи номбурда барои равшантар муаяйн намудани услуби наср ҳангоми ташхиси дараҷаи таҳаввули сабки ироқӣ  аз истилоҳоти «шеъри ироқӣ» ва «насри ироқӣ» ҳам истифода кардааст.[3] Аз сӯи дигар, ӯ таҳаввули услубии насри форсиро ба инобат гирифта, вобаста ба тарзи баён насрро ба се бахш тақсим кардааст: насри содда, насри соддаи олӣ ва насри фаннӣ. Дар  ин ҷода меъёри асосӣ дараҷаи нуфузи тадриҷии лафз бар маънӣ қабул гардидааст. Чунончи, агар дар насри соддаи олӣ «лафз ҳоким бар маъно нест, аммо бо муроотм татобиқи таносуби маънавӣ дар интихоби он дақоиқи фаннии хоссе муроот мегардад, ки ҷуз бо муқоиса ва таҳлил кайфияти он дониста намешавад…», вале тафовути ин навъи наср аз насри фаннӣ  он аст, ки дар насри фаннӣ «андаке ба лафз таваҷҷӯҳи бештар шуд, дар интихоби он дақоиқи фаннии комилтаре малҳуз афтодааст».[4]

Аз рӯи тадқиқот ва хулосаҳои Ҳусайн Хатибӣ чунин бармеояд, ки унсурҳои мушаххассозӣ насри фаннӣ аслан таҳти нуфузи шеър дар наср зуҳур

---

[1] Ҳамон ҷо

[2] Ҳусайн Хатибӣ. Таърихи татаввури насри фаннӣ.- Теҳрон, 1344, саҳ.110

[3] Ҳамон асар, саҳ. 111

[4] Таърихи татаввури насри фаннӣ, саҳ. 115

намудаанд ва боиси ташаккули насри фаннӣ гаштаанд.[1]

Дар воқеъ, он дараҷае, ки шоирон дар иншои шеъри фаннӣ дар қудратнамоӣ ва изҳори фазлу ҳунар мепардохтаанд, дар наср ба ин андоза такаллуфу тафаннун мушоҳида намешавад. Доир ба ин тарзи усули эҷод Хоқонӣ дар номае менависад: «Пас ман, ки дар тариқаи наср ин дастбурд тавонам намуд, агар заҳмати назм дар миён наёвардам, донам, ки хотири ашраф напечад».[2]

Барои таъин намудани истилоҳи навъи шеъри ҳанарварзона, ки дар он тамоми мушаххасоти ҳунарӣ дар тайи таҳаввули шеъри форсӣ аз нимаи дуюми қарни XI инҷониб таҷассум ёфтааст, шояд истилоҳи шеъри фаннӣ саҳеҳтар бошад.

Мувофиқи ақоиди аксар ададбиётшиносону муҳаққиқон, адабиёти асри XII аз баландтарин қуллаҳои инкишоф ва аз дурахшандатарин давраҳои адабиёти форсӣ[3] ба шумор меравад.

Шеъри форсӣ, ки заминаи худро дар асрҳои VIII-IX гузошта буд, дар асри XII асосан дар марказҳои адабии он давра, ба монанди Хуросон, Ҳиндустони шимолӣ, Мовароуннаҳр, Қавқоз ва шаҳрҳои Эрони ғарбӣ ташаккул меёфт. Роҷеъ ба ҳавзаҳои адабӣ ва хусусиятҳои адабиёти ин давра то кунун муҳаққиқон тадқиқоти зиёде бурда, авзои умумии онро баррасӣ кардаанд. Чунин маълумоти умумӣ дар осори илмии

---

[1] Ҳамон асар, саҳ. 120

[2] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон, 1349, саҳ. 174

[3] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, стр. 399

як зумра мусташриқон аз қабили А. Е. Крымский[1] , Е. Э. Бертельс[2], И. С. Брагинский[3] , В. Б. Никитина[4], Ян Рипка[5], инчунин донишмандони маъруфи эронӣ Забеҳуллоҳ Сафо[6], Саид Нафисӣ[7] ва дигарон ба назар мерасад. Дар бораи ҳавзаҳои адабии ин давра ҳам тадқиқоти боарзиш анҷом дода шудааст, ки асари З. Н. Ворожейкина[8] ва рисолаи С. Саъдиев[9] гувоҳи ин қазия шуда метавонанд.

Яке аз омилҳои умдае, ки дар ин давра боиси таҳаввули шеъру сайри табиии он гардидааст, таъсири адабиёт ва балоғати арабӣ мебошад. Сабаби асосии ин, ҳамон тавре ки ада-биётшиносон қайд

---

[1] Крымский А. Е. История персии, её литературы и дервишский теософии. – т.1 № 2.- М. 1914, стр.120-142

[2] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М.:Изд-во вост. литературы, 1960, стр. 491-527

[3] Брагинский И. С. Из истории таджикской и персидской литературы. – М.: Наука, 1972, стр. 323-329

[4] Никитина В. Б. Левковская Р. Г. Литература Ирана.- Литература Востока в средние века. – М.: Наука, 1970, стр. 5-261

[5] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, стр.178-236

[6] Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Ирон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози ҳафтуми ҳиҷрӣ. Ҷилди дуввум.-Теҳрон, 1373

[7] Саид Нафисӣ.Таърихи назм ва наср дар Ирон ва дар забони форсӣ. То поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ.- Теҳрон, 1344

[8] Ворожейкина З. Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана в предмонгольское время / XII -начало XIII в. – М. : Наука, 1984

[9] Саъдиев С. Сузанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII.- Душанбе: Ирфон, 1974

кардаанд, таҳсили ғолиби  шоирон дар мадрасаҳо мебошад, ки ҳамаи онҳо ба забон ва адабиёти арабӣ ошноии наздик доштанд. Аз ин ҷост, ки аксари шоирону адибони бузург дар ин давра ба арбобони адабу шоирони бузурги араб  мароқи хосса зоҳир намудаанд ва дар эҷод бо забони арабӣ қудрати шоириву нависандагии  худро санҷидаанд. Тибқи таҳаввули  завқи бадеӣ дар тағйири сабки шеъри форсӣ аз нимаи дуюми асри ёздаҳ ҳар шоире ба таври худ кӯшидааст. Таъсири муҳит ва омилҳои мавҷуда дар халлоқияти ҳар шоире, ки дар ин давра умр ба сар бурда, новобаста ба он ки хостаанд аз услуб ва тарзи ифодаи соддаи шоирони давраи Сомониву Ғазнавӣ канда нашаванд, мушоҳида мешавад. Дар бораи хусусиятҳои услубии ашъори шоирони ин замон Забеҳулло Сафо маълумот дода, ҳар кадомеро дорои сабки хосса муаррифӣ мекунад.[1] Ба ақидаи ӯ ҳамаи шоирони адабиёти охири асри XI ва ибтидои қарни XII дар мавқеи худ сабки хосса доранд. Чунончи Қатрони Табрезӣ бо ин ки забони шоирони давраи Сомониро тақлид мекунад бо овардани санъатҳои шеърӣ мактаби хоссаеро таъсис медиҳад. Носири Хусрав, ки дар заминаи услуби сабки хуросонӣ баҳсу афкори фалсафиро меомезад, бо ин хусусият соҳиби сабки хосса ва тариқи ҷадид гаштааст. Ва ё «Масъуди Саъди Салмон, ки дар охири асри XI равишҳои шоирони оғози ин асрро пайравӣ мекард, бо қудрати хаёлу доштани калимоти мунтахабу дар айни ҳол содда, услуби комилан мумтоз, ки ҳадду васати шеваи Фаррухӣ  ва

---

[1] Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Ирон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози ҳафтуми ҳиҷрӣ. Ҷилди дуввум.-Теҳрон, 1373, сах. 937

Унсурист, эҷод кардааст. Дар аввали асри XII ва баъд низ ин хусусият дар осори шоирон мушоҳида мешавад. Масалан, Саноӣ ва Муиззӣ, ки девонҳои Фаррухӣ ва Унсуриро татаббӯъ мекардаанд, ҳар яке шеваи хос доранд, ки аз шеваи қадимиён тафовут дорад, махсусан Саноӣ, ки ба зудӣ аз услуби шоирони пешин дурӣ ҷӯст ва дар роҳи ҷадиде афтод, ки ба куллӣ аз тариқи пешиниён фарқ мекард»[1].

Дарвоқеъ, нақши доираи Ғазнин дар ташаккули шеъри форсӣ беандоза аст. Шоирони дарбори Ғазнавиён ба монанди Масъуди Саъд, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Усмон Мухторӣ, Рӯҳонӣ, Яминӣ ва дигарон ҳар кадоме пайравони худро пайдо кардаанд. Масалан, таъсири Абулфараҷи Рунӣ ба таври равшан дар осори Анварӣ намоён аст ва ин нуктаро ҳанӯз тамоми тазкиранависон ва муҳаққиқоне, ки то ба имрӯз дар бораи эҷодиёти ин ду суханвар қазоват кардаанд, хотирнишон сохтаанд.

Равияе, ки Саноӣ дар ашъори зоҳидонаву орифона пеш гирифт, минбаъд мавриди тақлид ва пайравии шоирони асри XII қарор гирифт. Чуноне ки Забеҳулло Сафо қайд мекунад «Устодони бузурги қарни шашум барои ташбеҳ бо ин шоири тавоно мекӯшидаанд, ки қасоид ва ғазалҳои ӯро тақлид кунанд ва ё дар ҳамон роҳ, ки ӯ ворид шуда буд дароянд».[2] Воқеан, шоирони асри XII аз қабили Хоқонӣ ва Ҷамолиддини Исфаҳонӣ аз Саноӣ илҳоми зиёде бардошта, дар зӯҳду андарз ба ӯ пайравӣ намудаанд. Қудрати Саноӣ на танҳо дар сурудани

---

[1] Ҳамон ҷо

[2] Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Ирон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози ҳафтуми ҳиҷрӣ. Ҷилди дуввум.-Теҳрон, 1373, сах. 349

қасидаву ғазал беҳамтост, балки дар сурудани маснавиҳои ирфонӣ ва иҷтимоӣ ҳам муваффақияти беандозаро соҳиб шуда, мактаби эҷодии хешро дорост, ки дар ин ҷода ҳама шоирони баъдина ӯро тақлиду пайравӣ кардаанд ҳатто шоироне аз қабили Низомӣ дар «Махзан-ул-асрор» ва Аттору Мавлавӣ дар маснавиҳои ирфонии худ аз пайи ӯ рафта, равишашро бо таъбироту нававориҳо такмил бахшидаанд.

Баъд аз шоирони фавқ дар нимаи дуюми қарни XII дар майдони адабиёти форсӣ шоироне падид омадаанд, ки дар таҳаввули куллии шеър бо нававориҳои тоза ва олии эҷодӣ тавонистаанд табиат ва бадеияти шеърро ба андозаи хеле равшан тағйир диҳанд. Ҳунари шоирии ин суханварон низ ба монанди шоирони болотар номбаршуда дар муқоисаи якдигар умумияту тафовутҳо доранд.

Яке аз шоирони машҳури ин давра Анварист, ки аксар адабиётшиносон ӯро «муқаддими ин гурӯҳи шоирон» шумурдаанд. Дар адабиё-тшиносии тоҷик рисолаи И. Икромов дар бораи мақоми Анварӣ ҳамчун шоири қасидасаро маълумот медиҳад.[1] Аммо шеърият ва махсусиятҳои лафзии осори ин шоир то кунун бо шоирони дарбори Ғазнавиён, аз он ҷумла Абулфараҷ ба таври муқоиса омӯхта нашудааст. Услуби баёни Анварӣ низ он чи аз гуфтаи тадқиқгарон бармеояд, ба монанди шоирони пештар номбаршуда дар ду самт-содда ва мураккаб ифода ёфтааст. «Анварӣ дар қисмати аъзам аз осори худ, - мегӯяд Забеҳулло Сафо, - мекушад то шеърро бо ҳамон лаҳн бисозад, ки каломи оддӣ ва соддаеро дар

[1] Икромов И. Мақоми Анварӣ дар таърих ва инкишофи жанри қасида. – Душанбе: Ирфон, 1992

мавқеи муҳовара тартиб медиҳанд ва бо ҳамин сабаб баъзе аз абёти Анварӣ ҳукми муколамоти оддиро пайдо кардааст».[1] Дар баробари ин соддагӣ нуктаи қолиби дигар дар ашъори Анварӣ чун дар эҷоди дигар шоирон корбасти маънӣ ва мазмунҳои дақиқ аст. Ин амр муҷиб мегардад, ки дар дарки ашъори шоир аз хонанда маърифати комилтаре талаб шавад. Аз ин рӯ, маърифату таҷассуми бадеиии осори шоирро хонанда танҳо метавонад василаи шурӯҳ идрок намояд ва шурӯҳи ашъори Анаварию дигар адибони ин мактаб гувоҳи равшани қазия шуда метавонад.

Дигар аз ҳавзаҳои адабие, ки дар ташаккули шеъри форсӣ таъсири босазо дорад, доираи адабии Ироқ мебошад, ки бо умдатарин хусусиятҳои худ боиси пайдоиши тариқи ғариб дар шеъри форсӣ гаштааст. Шоирони ин ҳавзаи адабӣ, ки бештар зодагони шаҳрҳои Рай, Исфаҳон ва Ҳамадон будаанд дар ташаккули услубу таҳаввули поэтикаи шеър саҳми беандоза доранд. Аз бузургтарин шоирони ин ҳавза Ҷамоллиддин Исфаҳонӣ ва Камоли Исфаҳониро метавон ном бурд. Дар бораи ҳаёти адабӣ, хусусияти ашъор ва мақоми шоирони мазкур З. Н. Ворожейкина дар рисолаи хеш маълумоти муфассал додааст.[2] Мактаби адабии Исфаҳон бо вуҷуди шоирони хуросоние, ки ҷилои ватан намуда, дар дарбори умарои Ироқ ба хизмат пардохтаанд, тавсияву такомул пазируфтааст. Шоироне, ки аз Хуросон ба Ироқ муҳоҷират намудаанд, чун

---

[1] Таърихи адабиёт дар Ирон, саҳ. 341

[2] [2] Ворожейкина З. Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана в предмонгольское время / XII -начало XIII в. – М. : Наука, 1984, стр. 16-45

Асириддини Асхикатӣ, Заҳири Форёбӣ ва амсоли онон дар равнақу инкишофи шеъри форсӣ нақши равшан доранд.

Муҳимтарин ҳавзаи адабии дигар дар ин аҳд ҳавзаи адабии Озарбойҷон аст, ки бо доштани шоирони машҳур аз қабили Абулаълои Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фалакии Шарвонӣ, Муҷириддини Байлақонӣ ва дигарон дар ташаккулу равнақи адабиёти форсӣ тобишу навовариҳои тозае зам намуд. Аз ҷумлаи ин шоирон Хоқонии Шарвонӣ ва Низомии Ганҷавӣ бо қариҳаи хоссаи ҳунарӣ ва дастовардҳои эҷодии хеш афзали дигарон дониста шудаанд. Шоирони мазкур дар ташаккули сабки шеър аз чанд ҷиҳат аз дигар шоирони навоҳии эронзамин имтиёз пайдо кардаанд. Тавре аз далелҳои дар боло оварда аён гашт то ба фаъолият пардохтани ин шоирон адабиёти форсӣ марҳалаеро дар рушду такомул паймуда буд ва ин удабо метавонистанд бе ягон кӯшишу ташаббуси ҳунарӣ дар пайравии шуарои машҳури пешина аз қабили Саноӣ ба шеваю тариқи эҷодии шоирони машҳури қаблӣ доди сухан додаанд, гом ниҳанд. Ин ҷо ба маврид аст агар қазовати адабиётшиносӣ маъруфи эронӣ Бадеъуззамонӣ Фурузонфарро, ки дар бораи ташаббуси эҷодии Хоқонӣ раво донистааст, иқтибос намоем: «Тавоноии ӯ (Хоқонӣ- Б. Ш.) дар истихдоми маъонӣ ва ибтикори эҷодӣ аз ҳар қасидаи ӯ падид аст, чи ин гӯяндаи устод агарчи дар анҷоми давраи қасидасароӣ, ки гузаштагон бештар маонӣ ва афкори муносиби онро ба даст оварда, тақрибан бару буми маъниро рафта буданд зуҳур кард, мебоист монанди аксар муосирони худ аз колои фикру сармояи алфози пешиниён мояе ба даст орад ва бо тасарруфи мухтасар, ё бе ҳеҷ тасаруфе бозори сухани

хешро ривоҷ диҳад ва гармӣ бахшад, вале фикри баландпарвоз ва қариҳаи маъниофарину лафзпардози ӯ по аз дараҷаи тақлид бартар ниҳод ва он маонӣ ва мазомин, ки қадиман аз назар кардани он ба воситаи вуҷуди заминаҳои равшантар тан зада, ё бар он зафар наёфта буданд, ба назм оварад ва дар арсаи шоирӣ равиш ва сабки ҷадиде ба зуҳур оварад, ки муддатҳо сармашқи гӯяндагони порсӣ ба шумор мерафт»[1] .

Дар воқеъ, табъи муқтадир, фикри неруманд ва қариҳои тавонои шоир бо овардани маъниҳои борику таъбироти дақиқу чолиб баёни ӯро аз дигар ҳаммаслаконаш фарқ месозад. Ҳамин қудрати табиӣ буд, ки ӯ мазмун ва маъниҳои мухталифро ба риштаи назм дароварда ва бо тавоноии комиле дар кулли анвоъи сухан ворид гардид. Ин амр муҷиб омад, шеъри ӯро дар такаллуфу дерошноӣ дар жанри қасида ва дар шевоию равонии ғазалу рубоӣ аз аксари шоирони ҳамзамонаш, балки касоне, ки пештар ё баъдтар шеър гуфтаанд, афзалтар донанд.

Дар таърихи накд ва адбиётшиносии чи рус ва чи собиқ Шӯравӣ нисбати арзиши осор ва рӯзгору халлоқияти эҷодии Хоқонӣ тадқиқоти гуногун мавҷуданд. Як идда мусташриқин аз қабили Е. Э. Бертельс[2] Ян Рипка[3], Ю. Марр ва К. И. Чайкин[4], К. Г.

---

[1] Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон.- Теҳрон: Хоразмӣ, 1369, саҳ. 613

[2] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М.:Изд-во вост. Литературы, 1960, стр. 200-206; Бертельс Е. Э. Избранные труды. Низами и Фузули. – М.: изд-во вост. лит., 1962

[3] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, стр. 200-206

[4] Марр Ю. Н. Чайкин К. И. Хакани, Низами, Руставели. – Вып. 2. – Тбилиси: Изд-во Мициниереба, 1966

Залеман[1] , М. И. Занд[2], А. Н. Болдырев[3], Выльчевский О. Л.[4], инчунин олимони озар-бойҷонӣ С. Д. Ризоқулизода[5], Ғаффор Кендлӣ[6] ва дигарон роҷеъ ба хусусиятҳои эҷодии шоир, фаъолият, шарҳи ҳол ва маҳорати ӯ рисолаву мақолаҳои алоҳида таълиф намуда, ҷиҳатҳои лафзии ашъори шоирро низ гоҳ-гоҳе баррасӣ кардаанд.

Бори аввал дар адабиётшиносии Аврупо ба омӯзиши ҷиддии ҳаёт ва фаъолияти Хоқонӣ олимони шарқшиноси рус машғул шудаанд. Ҷуғрофиёшинос ва этнографи рус Н. В. Ханыков ҳангоми иҷрои вазифаи генерал консулӣ дар Табрез, ҳамзамон дар бораи таърихи Шарвониён мавод ҷамъ мекард. Дар аснои ин фаъолият ӯ ба Хоқонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, ки худи олим дар ин бора дар мактубе, ки

---

[1] Залеман К. Г. Четверостишия Хакани. СПБ, 1875

[2] Занд М. Шесть веков славы.- М.: Наука, 1964, стр. 131-196

[3] Болдырев А. Н. Два ширванских поэта-Низами и Хакани. // Памятники эпоха Руставели. – Л., 1939

[4] Вылчевский О. Л. Хронограмы Хакани // Эпиграфика востока. 12, 1960.- с. 61-68; Вылчевский О. Л. Некоторые черты творчество и мировозрение поэта. // Советские востоковедение, 1967. - № 4. – С. 57-61; Вылчевский О. Л. Оде Хакани грузинскому царю Дмитрию 1. / В кн. Исследование по истории культуры народов Востока. – М. : Л., 1960

[5] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани.- Баку, 1962

[6] Гафар Кендли- Херисчи Али огли. Хакани Ширвани. Жизнь, эпоха, среда./Автореф. дис. на соиск. уч. ст. д-ра филол.наук.- Баку, 1972; Ғаффор Кендлӣ Ҳерисчӣ. Хоқонии Шарвонӣ (Ҳаёт, замон ва муҳити ӯ).- Теҳрон, 1374

ба Б. Дорн иншо кардааст ишора дорад.[1] Тадқиқоти худро Н. Ханыков соли 1864-65 нашр карда, он ҷо чор қасидаи Хоқониро тарҷума намудааст.[2]

Баъд аз Ханыков муҳаққиқи дигари рус К. Г. Залеман дар бораи фаъолияти эҷодии Хоқонӣ рисола навишта дар таҳқиқи рубоиёти шоир саҳм гузошт.[3]

Минбаъд дигар адабиётшиносони аврупоӣ, ки Хоқониро тадқиқу таҳқиқ кардаанд, асосан К. Г. Залеман ва В. Ханыковро такрор кардаанд.[4] Ногуфта намонад, ки ҳамаи муҳаққиқони номбурда дар баррасии рӯзгор ва фаъолияти эҷодии шоир ба гуфтаи тазкиранависон такя намуда, дар ин бахш чизе илова накардаанд.

Перомуни махсусиятҳои ҳунарӣ ва услуби фардии Хоқонӣ мусташриқини мазкур мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардаанд. Дар бораи мушкилоти омӯзиши ашъори шоир Н. В. Ханыков менависад, ки осори шоир бо ҷанбаи луғавии хос аз илмҳои мухталифи замона, инчунин ташбеҳу истиороти ғариб, ба он оварда расонидааст, ки ҳатто баъд аз ду-се асри гузашти шоир адабиётшиносон дар маърифати шеъри ӯ оҷизӣ мекашиданд.[5] Албатта, фикри мазкурро

---

[1] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани.- Баку, 1962, стр. 3

[2] Меликов Р. Русское востоковедение 12 века об азербайджанской литературе./ По проблемам литературы 12 в. / Автореф. дис. на соиск.уч.ст.канд.филол.наук.- Баку, 1971, стр. 6

[3] Залеман К. Г. Четверостишия Хакани. СПБ, 1875

[4] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани.- Баку, 1962, стр. 12

[5] Ҳамон асар, саҳ. 9

танҳо мусташриқон дар мавриди ташхиси услуби баёни шоир нагуфтаанд, балки тавре пештар ҳам қайд кардем роҷеъ ба ин ҷиҳати ашъори шоир тазкиранависон ҳам баҳс карда буданд. Мулоҳизаҳои мусташриқин танҳо шарҳи муфассали баъзе паҳлӯҳои мухтассоти лафзии осори шоирро дар бар мегиранд. Ю. Н. Марр дар бораи душворбаёнии шоир ҷое таваққуф карда, менависад, ки ҳангоми дар Теҳрон буданам бо Қоиммақом ном адиби маъруфи эронӣ, ки бо эҷодиёти классикони форсӣ алоқамандии сахт дошт, дар мавзӯи ашъори Хоқонӣ сӯҳбат оростем. Қоиммақом дар бораи осори Хоқонӣ хулоса бароварда, гуфтааст, ки шеъри ӯ санги калонеро мемонад, ки аз фарози кӯҳ бо садои ваҳмангез меғелад, вале аз худ ягон моҳияте зоҳир намекунад.[1] Шоир ва муҳаққиқи эронӣ Л. Суратгар ҳам ба ҳамин маънӣ перомуни ашъори Хоқонӣ баҳс мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар шеъри Хоқонӣ ба ҷуз аз пайвастани иборaву калимаҳо чизи дигаре мавҷуд нест, ки он алфозро ҳам бе луғат фаҳмида намешавад.[2]

Пайваста ба ин маънӣ пештар ҳам шоирон ишора кардаанд. Ғояти лафзпардозии шоирро ба инобат гирифта, баъзе аз адибони гузашта як миқдор абёти ӯро номафҳум ва холӣ аз маънӣ шумурдаанд. Чунончи, Абулваҳҳоби Ҳусайнӣ дар муқаддимаи шарҳе, ки бар девони Хоқонӣ навиштааст, аз қавли Урфии Шерозӣ изҳор доштааст, ки бар ҳасби

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 10

[2] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани.- Баку, 1962, стр. 8

эътиқоди ӯ беш аз панҷсад байти ашъори Хоқонӣ «дорои маънии равшан ва мафҳуми муҳассил нест».[1]

Дар воқеъ, эроди луғоти номустаъмали арабӣ, истифодаи истилоҳоти мухталифи илмиву расмӣ, ки қасойиди шоирро фаро гирифтааст, боиси он гашта, ки ашъори шоир бидуни тааммуқ ва диққат идрок нашавад. Дар чигунагии ин зуҳурот омилҳо гуногунанд. Адабиётшиноси маъруфи эронӣ Забеҳулло Сафо сабаби асосии онро дар муҳити зист мебинад ва даъвои онҳоеро, ки баъзе аз луғоту таркиботи Хоқониву Низомиро нодуруст мешуморанд, ботил карда, менависад: «Ононе, ки ба лаҳҷаи дарӣ ошноӣ ёфтаанд, мехоҳанд шеъри шуарои Озарбойҷонро, ки бо лаҳҷаи озарӣ  хӯ гирифта ва табъан ҳангоми шоирӣ мағлуби одати худ буданд, аз диди як тан аз эрониёни Хуросон ё Мавароуннаҳр бубинанд ва таҳлилу таҷзия кунанд ва ҳол он ки барои фаҳмидани фикру сухани Низомиву Хоқонӣ аввал лаҳҷаи озарии қадим ва муҳити маънавии Озарбойҷони он рӯзро шинохт ва он гаҳ дар бораи ашъори ин ду шоири бузургвор ақида кард».[2]

Албатта, чигунагии муҳити зист дар услуби шоир таъсири беандоза дорад, аммо на то он дараҷа, ки омили асосӣ бошад. Ин ҷо омили асосиро бояд дар чигунагии завқ, тамоюл ва мақсади эҷодии шоир ҷустуҷӯ намоем, ки поёнтар сари ин масъала боз хоҳам гашт.

---

[1] Зайнулобиддини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1369, саҳ. 144

[2] Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Ирон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози ҳафтуми ҳиҷрӣ. Ҷилди дуввум.-Теҳрон, 1373, сах. 343

Тарзи баҳодиҳиеро, ки болотар зикр кардем, дар мавриди шинохти арзиши шеъри Хоқонӣ кам дучор меоем. Балки ағлаби муҳаққиқон ӯро «шоҳи шоирон»[1] девони шоирро «ганҷинаи истилоҳот ва ифодаҳои адабӣ»[2] шабеҳи адиби маъруфи Юнон-Пиндром[3] ба нависандаи маъруфи франсуз Виктор Ҳуго монанд карда, мартабаи эҷодии Хоқониро басе баланд бардоштаанд. Н. Ханыков зимни арзёбии қобилияти фавқулоддаи Хоқонӣ менависад, ки шоири шаҳири шарвонӣ дар назари хонанда замину осмонро бо тамоми ҷилваву рамзҳои ниҳоиаш ошкор менамояд, ки ин сифат ӯро аз ҳамаи мухолифонаш боло мегузошт.[4] В. Минорский бошад менависад, ки девони Хоқонӣ 265 номҳои ҷуғрофӣ ва 365 номи ашхосро дарбар мегирад.[5] Е. Э. Бертельс ҳам Хоқониро шоири тавоно муаррифи менамояд[6], вале мартабаи шоирии Низомиро аз ӯ болотар медонад.[7]

Мавзӯи мутолиа ва омӯзиши эҷодиёти Хоқонӣ ва мартабаи ҳунарии ӯ дар адабиётшиносии Эрон

---

[1] Абдуррасули Хайёмпур. Хоқонии Шарвонӣ. Табрез, 1338, саҳ. 8

[2] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани, стр. 13

[3] Ҳамон асар, саҳ. 14

[4] Рзакулизаде С. Л. Общественно-политичиеские и филолофские взгляды Хакани Ширвани, стр. 6

[5] Владмири Минорский. Хоқонӣ ва Андроникус Комненус. Фарҳанги эронзамин, дафтари дуввум.- Теҳрон, 1337, саҳ. 113

[6] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М.:Изд-во вост. Литературы, 1960, стр. 506

[7] Бертельс Е. Э. Избранные труды. Низами и Фузули. – М.: изд-вовост. Лит., 1962, стр. 58

бештар сурат гирифтааст.[1] Тавре аз номгӯи адабиёти дар зер оварда мушоҳида мешавад, диққати

---

[1] Бадеъуззамони Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон.- Теҳрон: Хоразмӣ, 1369, саҳ. 612-642; Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Дар бораи бист тан шоири форсигӯ. Аз Рӯдакӣ то Баҳор.- Теҳрон, 1343, саҳ. 187-195; Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дидор бо каъбаи ҷон: Дар бораи зиндагӣ, осор ва андешаи Хоқонӣ.- Теҳрон: Сухан, 1378; Алии Даштӣ. Хоқонӣ- шоири дерошно.- Теҳрон: Амири кабир, 1380; Зиёуддини Саҷҷодӣ. Муқаддимаи мукаммал бар девони Хоқонии Шарвонӣ. Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Наҷҷор Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Заввор, 1338, саҳ. 5-70; Мунира Аҳмади Султонӣ. Қасидаи фаннӣ ва тасвирофарнии Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Кайҳон, 1370; Алӣ Ардалони Ҷавон. Таҷаллии шоиронаи асотир ва ривоёти таърихӣ ва мазҳабӣ дар ашъори Хоқонӣ.- Машҳад: Остони Қудси Разавӣ, 1368; Алӣ Ардалони Ҷавон. Тасвирҳои зебо дар ашъори Хоқонӣ.- Теҳрон: Позанг, 1374; Амир Маҳмуди Анвор. Айвони Мадоин аз дидгоҳи ду шоири номии тозӣ ва порсӣ Буҳтурӣ ва Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1373; Зиёуддини Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи аълом ва мушкилоти девони Хоқонии Шарвонӣ Афзалиддин Бадил ибни Наҷор.- Теҳрон: Заввор, 1373; Маҷиди Сармадӣ. Шарҳи калидии понздаҳ қасида аз девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Китоби Садро, 1373; Ҷамшед Ализода. Соғаре дар миёни сангистон: Маҷмӯаи мақолот дар бораи зиндагӣ, андеша ва шеъри Хоқонӣ (Ба эҳтимоми Ҷамшед Ализода).- Теҳрон: Нашри марказ, 1378; Алиқулӣ Маҳмуди Бахтиёрӣ. Хоқонӣ дар Айвони Мадоин ва гузиниши эронӣ аз девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Китобсаро, 1375; Маъсумаи Маъданкан. Базми дерина арӯс. Шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонӣ.- Теҳрон: маркази нашри донишгоҳӣ, 1372; Маъсумаи Маъданкан. Бисоти қаландар: Баргузида ва шарҳи ғазалҳои Хоқонӣ.- Табрез: Ойдин, 1384; Маъсумаи Маъданкан. Нигоҳе ба

муҳаққиқонро пеш ва беш аз ҳама шарҳи ҷанбаи лафзии ашъори шоир ба худ ҷалб кардааст ва ин амал идома дорад.

Ҳамаи муҳаққиқони номбурдашуда ҳангоми таҳқиқи осори Хоқонӣ ба вижагиҳои ҳунари шоирии ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ҳангоми ташхиси ҷанбаи

---

дунёи Хоқонӣ. Дар 2 ҷилд.- Теҳрон: маркази нашри донишгоҳӣ, 1375; Минорский Владимир Фёдрович. Шарҳи қасидаи тарсоияи Хоқонӣ. Тарҷумаи Абдулҳусайни Зарринкӯб.- Теҳрон: Суруш, 1348; Ҳамоиши Хоқонишиносӣ. Маҷмӯаи мақолоти Хоқонишиносӣ. Тадвини Маҳбуби Таъолӣ, Фотимаи Мударрис.- Урумия: Ҷаҳони донишгоҳӣ, 1384; Ҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ: Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае пурдомана дар зиндагӣ ва шеваи шоирии ӯ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1368; Ҷалолиддини Каззозӣ. Сарочаи овову ранг: Хоқонишиносӣ.- Теҳрон: Самт, 1376; Ҷалолиддини Каззозӣ. Сӯзани Исо: Гузориши чомаи тарсоия аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 1376; Ҷалолиддини Каззозӣ. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1378; Суҳайло Қосимхонӣ. Достоне аз зиндагӣ ба асоси зиндагии Афзалиддини Бадил ибни Алӣ Наҷор Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Ширкати тавсиаи китобхонаҳои Эрон, 1377; Аббоси Моҳёр. Сеҳри баёни Хоқонӣ.- Теҳрон: Интишороти Ҷоми гул, 1385; Аббоси Моҳёр. Хорхорбанду зиндон: Шарҳи қасидаи маъруф ба тарсоия.- Теҳрон: Қатра, 1376; Муҳаммадризо Табрезии Шерозӣ. Дар авҷи эҳсосоти шоирона: Нигоҳе зиндагӣ ва шеъри Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Шоира, 1383; Аҳмадалии Ҷаъфарӣ. Накди девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Интишороти Илмӣ, 1385;

лафзии ашъори мавсуф душворнависию унсурҳои луғавии ашъори Хоқониро сарфи назар накарда, балки аз нигоҳи илмӣ гуногунранг сохтаанд. Ба таъбири марҳум Саид Нафисӣ: «Хоқонӣ яке аз донишмандони замони хеш будааст ва ба ҳамин ҷиҳат ҳам дар шеъри худ матолиби илмии ройиҷи он замонро бисёр оварда ва ночор шеъри вай аз он равонӣ ва соддагии гуфтори муосиронаш дур шуд ва фаҳми он бар касоне, ки аз он матолиб огоҳ намебошанд душвор аст. Аммо ҳар ҷо ки гирди фазойил ва маълумот нагашта ва нахостааст даъвои дониш бикунад сухан равон ва дар мунтаҳои фасоҳату шевоӣ сурудааст».[1]

Тафаккури эҷодии ҳар замон маҳсули таърихие мебошад, ки дар давраҳои гуногун вобаста ба шароити муайяни таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шаклу намудҳои гуногун зуҳур меёбад. Вобаста ба шароит ва муҳити адабӣ, тафаккури эҷодӣ дар садаи дувоздаҳум бозтоби дигаре дорад. Чун омилҳои замони пештар зикргардида бо дархостҳое, ки барои шоир пешниҳод мешуданд омезиш ёфтанд, савияи завқу меъёри шинохту таҳсини шеър низ аз ин нуқтаи назар арзёбӣ мегардад. Шарту дархостҳое, ки барои шоир дар ин давра зарурат мешуд дар нисбати асрҳои қабл аз ҳар ҷиҳат гарон буд. Тафсили ин вазъро Низомии Арӯзӣ воқеъона шарҳ додааст, аз ҷумла мегӯяд: «Шоир бояд ки… дар анвоъи улум мутанавъ бошад ва дар атрофи русум мустарраф, зеро чуноне

---

[1] Таърихи назм ва наср дар Ирон ва дар забони форсӣ. То поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ.- Теҳрон, 1344, саҳ. 104

ки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад».[1]

Ба сар бурдани ин падида ба касе муяссар мешуд, ки олиму фозил бошад ва аз улуми мухталифи замона бархурдор. Аз ин ҷост, ки баъзе шоирони ин давра шоирони адвори Сомонӣ ва Ғазнавиро ба бемаърифатӣ айбдор мекарданд.

Дар воқеъ, Хоқонӣ аз ҷумлаи он шоиронест, ки дар қаламрави шеъри форсӣ тарҳи нав дарафкандааст. Ӯ ба бозгуфти он чи дигарон арз кардаанд тан дарнамедиҳад, сарафрозон худро меситояд, ки суханро аз дигарон ба вом нагирифтааст. Хештанро дар ҷонишинӣ Исои сухан мешуморад ва сурудаҳояшро дар душизагӣ бо Марям месанҷад:

**Натиҷайи духтари табъам чу Исост,**
**Ки бар покии модар ҳаст гӯё.**
**Сухан бар бикри табъи ман гувоҳ аст,**
**Чу бар эъҷози Марям нахли хурмо…**[2]

Дар тасдиқи фикри мазкур Зайнулобиддини Мӯътаман ҷое, ки таҳаввули услубии шеъри форсиро тадқиқ кардааст, сабки эҷодии Хоқониро дар қиёси шоирони муосиру пешин нотакрор ва бемонанд шумурда, бар он ақида аст, ки шуарои асри XII дар маҷмӯъ, умуман пайрави сабку равиши мутақаддимин мебошанд, агарчи ба назари муҳаққиқ шеърашон дорои ҷанбаҳои хосест, вале чандон

---

[1] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. / Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986, саҳ. 54-55

[2] Хоқонии Шарвонӣ. Девон. Бо кӯшиши дуктур Зиёуддини Саҷҷодӣ.- Теҳрон, 1368, саҳ. 24 (Минбаъд Девони Хоқонӣ)

фарқи ҷиддӣ бо ашъори устодони қадим надорад, балки, дарвоқеъ, шеъри давраи салҷуқӣ ҳамон шеъри давраи сомонӣ ва ғазнавӣ аст, ки бо мурури айём таҳаввул ёфта, каму беш сурати тозае ба худ гирифтааст ва дар сурате, ки «Шеъри Хоқонӣ ҷуз қисмҳои маҳдуде, ки ба тақлиди Саноӣ гуфта, сарфи назар аз сифоту мушахассоти умумӣ камтар ба ашъори шуарои Ироқ ва Хуросон шабоҳат дорад. Шеъри Хоқонӣ аз лиҳози тантана ва ҳайманаи алфоз ва тарокиб дорои кайфияти хоссест, ки ба куллӣ аз ашъори дигар шуаро мутамойиз ба назар мерасад».[1]

Чунонки дар таснифу тавсифоти болотар овардашуда ишора рафт, махсусиятҳои услубии ашъори Хоқонӣ «дар тумтароқи лафз», «ҳайманаи алфоз», «дур аз соддагию равонӣ» зоҳир гардида, муҳаққиқон иллати асосии онро дар таъсири лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва изҳори фазилати шоир қаламдод кардаанд.

Яке аз омилҳои асосии ташаккули шеъри фаннӣ ва таҳаввули услубии он дар чигунагии таъсири илми балоғат ва баёни арабӣ мебошад, ки шоирон дар ин давра ба он таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намудаанд.

Таваҷҷӯҳ ба лафз дар таърихи накди адабии араб баробари нузули Қуръони карим шурӯъ шуд ва пояи он ҳам ба Қуръон устувор аст. Аз асри ҳашт инҷониб бо забони арабӣ дар бораи меъёрҳои балоғат ва таърифу назарияи он рисолаҳои зиёде таълиф гаштаанд, ки дар идомаи ин баҳсу мутолиот дар қарни XII низ шоирону ноқидони форсӣ мулоҳизоти хешро иброз доштанд. Ба ҳамин тартиб, дар назари муҳаққиқони илми балоғат аз баён ҳусни калом дар

---

[1] Зайнулобиддини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1339, саҳ. 156

аксари шароит матбут ба лафз аст. Тахти таъсири ин усул дар даврахои баъд низ арбоби балоғат каломро ҳар қадар муҷазтар буд балеғ медонистанд ва балоғатро дар аксари маврид наздик ба иҷоз, тавзеҳ медоданд,[1] чунончи: «Балоғат суханест андак бо маънии бисёр», «Балоғат илми бисёр аст дар сухани кам», «Балоғат наздик сохтани маънии баъид аст ва дурӣ аз ҳашв дар калом ва қурби маъхазу иҷоз», «Балоғат маънии касир аст дар алфози қалил», «Исботи маънӣ ва ҳусни иҷоз аст», «гурусна доштани лафз ва сер кардани маънист», «беҳтарин калом он аст, ки ками он аз бисёраш бениёз созад».[2]

Наздик ба мазмуни гуфтаҳои боло дар адабиётшиносии гузаштаи форсӣ низ мулоҳизаҳоро метавон дарёфт намуд, чунончи Рашиди Ватвот балоғатро «дар саломати лафз ва иҷози маънӣ» маънидод кардааст.[3]

Муқобил ба маънои мулоҳизаҳои мазкур як гурӯҳи дигари муҳаққиқони араб ба ин ақида будаанд, ки агар риштаи калом ба тавил бикашад мутакаллаф мешавад ва каломи мутакаллаф зебо нест. Дар ҳолате ки иҷоз бо хусусиятҳое, ки аз он таъриф кардаанд, худ дар ниҳояти такаллуф бо пушидагии маънӣ ва мафҳум тавъам буд, то ҷое, ки бархе аз арбоби баён ақида доштанд, ки каломи зебо каломест, ки маънии он ҷуз бо тафаккуру истинбот даст надиҳад ва ин дар сурате мумкин аст, ки алфоз дар он душвор бошад ва каломи равону салисро паст

---

[1] Ҳусайн Хатибӣ. Таърихи татавури насри фаннӣ.- Теҳрон, 1344, саҳ.125-136

[2] Ҳамон асар, саҳ. 127

[3] Номаҳои Рашидаддини Ватвот. Бо кӯшиши Қосими Тавсирконӣ.-Теҳрон, 1338, саҳ. 46

мешуморанд, чунонки Абуҳилол Аскарӣ дар «Китоб-ус-саноъайн» менависад: «Каломе, ки лафзи он саҳлу маъниаш макшуф бошад, назди онон писандида набуд».[1]

Равиш ва усулҳои мазкур дар таҳаввули сабки шеъри форсӣ таъсири худро доштанд. Тавре аз рӯи баъзе номаҳо ва мулоҳизаҳои парокандаи Хоқонӣ бармеояд, ӯ ба адабиёти араб назари хос дошт. Шоир дар номаҳои худ перомуни усули иншои шеър мулоҳизаронӣ карда, дар ин замина ба дастовардҳои эҷодии як зумра шуарои араб ишораҳо дорад. Ҳамин тариқ, яке аз омилҳои муҳими таҳаввули услубии шеъри форсӣ баъд аз нимаи дуюми асри XI таъсири балоғат ва баёни арабӣ мебошад, ки дар ашъори ҳар шоир вобаста ба завқ ва дарҷаи тамоюлаш дар шаклҳои мухталиф зуҳур ёфтааст.

Навоварӣ дар сабки суханварӣ фақат бо табдили луғоти мустаъмал ба калимоти нав ва ихтирои тозаи бадеию ворид кардани истилоҳоти мухталифи илмӣ анҷом намепазирад, тавре ки дар оғози зуҳури шеъри фаннӣ чунин ба назар мерасад. Маснӯъ сурат бастани калом ҳанӯз нишонаи балеғ ва фасеҳ будани он нест. Он чи Хоқониро аз дигар намояндагони шеъри фаннӣ мумтоз мегардонад, он аст ки вай алфози дур аз таъбро дар вазну оҳанги хуш корбаст намудааст. Зимни мутолиаи қасойиди шоир хонанда, агар дар ёфтани маънои луғот оҷиз намонад, дағалию дуруштии лексикаи шеърро эҳсос намекунад.

Ба шеър ворид намудани истилоҳоти илмию нуҷумӣ, ки ба сабки шеър хусусияти тоза зам

[1] Ҳусайн Хатибӣ. Таърихи татавури насри фаннӣ.- Теҳрон, 1344, саҳ.127

менамояд, баъд аз нимаи дуюми асри XI дар ҳар шоир вобаста ба қудрати ҳунарӣ мухсусиятҳои ҷадид касб намудааст. Чунончи, агар истифодаи истилоҳоти нуҷумӣ дар шеъри Абулфараҷи Рунӣ ва Анварӣ бештари маврид ба таври мустақим сурат гирифта бошад, дар шеъри Хоқонӣ ба таври маснӯъ корбаст шудаанд. Ин ҷо барои мисол метавон як тағаззули қасидаи Абулфараҷи Руниро мисол овард:

**Омад аз Ҳут барниҳода сақал,**
**Пешвои ситорагон ба Ҳамал.**
**Пурлатоиф намуда арзи ҳаво,**
**Дар тароиф гирифта тӯли ҷабал.**
**Рӯзу шабро ба мистари инсоф,**
**Устуво дода чун хати ҷадвал.**
**Зуд бинӣ кунун зи ашҳаби рӯз,**
**Адҳами носи шаб шуда арҷал!**
**Боқлиҳо шукуфа оварда,**
**Рост чун чашми аъвару аҳвал…**[1]

Ин ҷо фарорасии фасли баҳор, шукуфтани табиат, баробаршавии шабу рӯз, гулпӯш гаштани талу теппаҳо ва амсоли он тасвир шудааст. Дар тағаззули мазкур, тавре ки мушохида мешавад, истилоҳоти нуҷумӣ мустақиман истеъмол шуда, таркиби луғавии шеър то як андоза дурушту дағал садо медиҳад. Ҳамин тарзи тасвир дар осори Анварӣ ҳам мушоҳида мешавад, чунончи:

**Ҷирми хуршед чу аз Ҳут дарояд ба Ҳамал,**
**Ашҳаби рӯз кунад адҳами рӯзро арҷал.**[2]

---

[1] Абулфараҷи Рунӣ. Девон. Бо эҳтимоми Маҳмуд Маҳдии Домғонӣ.-Теҳрон, 1346, саҳ. 91

[2] Анварӣ. Девон. Бо эҳтимоми Муҳаммад Тақии Мударриси Разавӣ. Ҷилди аввал.-Теҳрон, 1376, саҳ. 294

Байти мазкури Анварӣ як навъ сирқотест бар байти чаҳоруми тағаззули Абулфараҷи Рунӣ.

Шакли маснӯъ истифодаи истилоҳоти мухталифи илмӣ дар муқоиса бо дигар шуаро, дар тасвирҳои Хоқонӣ бозтоби дигаре дорад. Хоқонӣ чун давомдиҳандаи равияи шеъри фаннӣ дар садаи XII аз овардани ғароиби луғоти арабӣ, истифодаи истилоҳоти гуногуни фаннӣ, ихтироъи санъатҳои лафзию маънавӣ, печидагии тарзи баён, танаввӯъу таҷдиди чандинкаратаи матлаъ, овардани радифҳои мушкил дар канор намондааст. Дар кулли мухтассоти мазкур Хоқонӣ аз дигар шоирони пешину ҳамзамони хеш дар эҷод мумтоз ба ҳисоб меравад. Инак, барои мушаххас сохтани баъзе мухтассоти ҳунарии қасидаҳои шоир, пораеро аз як тағаззули Хоқонӣ, ки бунёдаш аз лиҳози тасвир бо тағаззули дар боло иқтибосшудаи Абулфараҷи Рунӣ як аст, мавриди таҳлил қарор медиҳем:

**Аз Далви Юсуфӣ биҷаҳид офтобу чашм,**
**Бар Ҳути Юнусӣ ба тамошо барафканад.**
**Моҳӣ наҳангвор ба халқаш фурӯ барад,**
**Чун Юнусаш дубора ба саҳро барафканад.**
**Чашма ба Моҳӣ ояду чун пушти моҳиён,**
**Зевар ба рӯи маркази ғабро барафканад.**
**Он оташин салиб дар он хонаи Масеҳ,**
**Бар  хоки мурда  боди Масеҳо барафканад.**
**Он матбахии боғ ниҳад чашм бар Барра,**
**Ҳамчун барра, ки чашм ба маръо барафканад.**
**Аз пушти кӯҳ чодари эҳром баркашад,**
**Бар китфи абр чодари тарсо барафканад.**
**Чун бод занданиҷии кӯҳсор баркашад,**
**Бар хоку хора сундусу хоро барафканад.**
**Гар шаб гудоз дод ба бузғола рӯзро,**
**То ҳар чи дошт қоида узро барафканад.**

**Шабро зи гуспанд ниҳад дунба офтоб,**
**То коҳиши диққаш ба мукофо барафканад.**
**… Рӯз аз камини худ чу Сикандар кашад камон,**
**Бар хайли шаб ҳазимати Доро барафканад.**[1]

Дар пораи иқтибосшудаи мазкур чун дар тағаззули Абулфараҷи Рунӣ бунёди тасвир гузашти моҳҳо, аз бурҷ  ба бурҷе сафар кардани офтоб, фарорасии фасли баҳор ва ғайра гузошта шудааст. Иқтибоси мазкур аз қасидаест, ки он аз 145 байт иборат буда, дар вазни музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф суруда шудааст. Қофия дорои ҳарфи равӣ \о\ буда, калимаи «барафканад» радифи қасида ба ҳисоб меравад.

Як хусусияти умдаи маҳорати шоирии Хоқони аз он ҷумла дар порчаи мазкур, образнокии сухани ӯ мебошад. Образнокии сухан гуфта дар накди шеър, пеш аз ҳама, аркони чаҳоргонаи тасвир- ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷозро ба назар мегиранд. Агар ин саноеъ бо ороишҳои дигари ҳунарӣ тавъам набошад, чунин тасвир расо нест. Агар ташбеҳу истиора бо таносубу муроoти назир, таззод, иғроқ, ирсоли масал, таҷнис, талмеҳ ва ғайра ҳамроҳ бошад, дараҷаи шеърияти калом меафзояд. Бунёди шеър ва ҳунар ба ибдоъ ва навоварӣ устувор аст. Дар баробари мазмуну маънӣ ибдоъи лафз ва воситаҳои баёну ифода як рукни асосии ҳунари шоиронаро ташкил мекунад, ки дар гузашта, алалхусус, дар шеъри фаннӣ меъёри аслии таъини арзиши шеър ба ҳисоб меравад.

Навоварии ташбеҳу истиора ва дигар воситаҳои баён ба ҳар шоир муяссар намегардад. Аз шоирони

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 136

форсигӯ онон, ки қадимтаранд навовартар низ ҳастанд, зеро замни он ки нахустин ашъори форсиро сурудаанд, нахустин ташбеҳу истиоротро низ овардаанд. Ташхис ва муқаррар кардани навовариҳои шоирон дар кашфи воситаҳои баёнӣ вақте муяссар мегардад, ки ҳамаи онҳо гирд оварда шуда бо ҳам муқоиса шаванд ва бидуни чунин тадқиқот наметавон дар ин бора ба таври қатъӣ қазоват кард. Ин амал дар адабиётшиносии асрҳои миёна низ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Ба таври дақиқу бурҳонӣ ҳам набошад, аммо дар маҷмӯъ ин хусусияти лафзии ашъори Хоқониро баъзе аз ноқидони асримиёнагӣ ба таври ишора таҳсин кардаанд, чунончи «… Ашъори вай \Хоқонӣ – Б.Ш.\ минҳайс-ул-лафз мазбуттар ва дар иншои истиорат қудраташ тамомтар».[1]

Адабиётшиноси муосири эронӣ Хусрави Фаршедвард, ки ташбеҳу истиораро аз нигоҳи дастурӣ ва сохтмонӣ таҳқиқ кардааст, дар мавриде мегӯяд: «Шояд дар шеъри Хоқонӣ беш аз ҳар девон ва манзумаи дигаре ташбеҳ ва истиораи бадеъ битавон ёфт, вале чун сухани ин шоир печида ва душвор аст, дарки зебоии ташбеҳот ва истиороти ӯ осон нест.»[2] Муҳаққиқи мазкур Саъдӣ ва Ҳофизро дар ороиши ташбеҳ ва истиороти куҳан устод медонад. Муҳаққиқ ба асоси мутолиаи қариб шаст девони шоирони даврҳои гуногуни адабиёти форсӣ ташбеҳу истиораро тадқиқ карда, ба чунин хулоса омадааст. Ин хулоса ҳамчун далели мӯътамад дар

---

[1] Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Бо кӯшиши Мазоҳири Мусаффо.-Теҳрон, 1329, саҳ. 369

[2] Хусрави Фаршедвард. Нақди шеъри форсӣ. Ташбеҳ ва истиора дар забони форсӣ.-Теҳрон, 1349, саҳ. 63

равшан намудани навовариҳои Хоқонӣ дар ҳунари санъатофаринӣ шуда метавонад. Аммо дар масъалаи он мулоҳизаи мунаққид, ки аз сабаби печидагӣ ва душвории тарзи баён дарки зебоии саноеъи шеъри Хоқониро душвор мешуморад, ин ҷо ба маврид аст, ки як нуктаро афзоем. Дарвоқеъ, аз як тараф агар бо сабаби фаро гирифтани донишҳои замона шеъри шоир дархурди маърифати ҳар хонанда шуда натавонад, аз ҷониби дигар ҷанбаи луғавии сурудаҳои Хоқонӣ дар ниҳояти ғаробат мебошад. Вожаҳоеро, ки ӯ барои корбасти ташбеҳу истиора ва дигар саноеъи шеърӣ истифода мебарад, берун аз матн дурушт ва нофорам садо медиҳанд. Дар қасидае, ки болотар зикр кардем, агар луғоти маъмул ва мафҳумро сарфи назар кунем, калимаҳои номустаъмалу ғариби арабию туркиаш микдоран қариб ба ҳаштод адад мерасанд, ки шарҳи он калимаҳо бе луғати тафсирӣ ғайриимкон мебошад. Ҳоло барои намуна баъзе аз он вожаҳоро берун аз матни қасида баён медорем, чунончи: миқраъа, бурқаъ, қувора, даввоҷ, ҷийфа, манқал, ғубайро, баҳиро, ускуфӣ, буқубайс, ҳарро, лушоқ, сақлоб, сундус, қазаҳ, тамғоч, рамҳ, зубоно, қаросанқарӣ, оқсанқарӣ, самиъно,атаъно, маъдо, тоъун, тоъад ва ғайра. Ба ин монанд луғоти дурушту дур аз табъ, дар соири қасидаҳои Хоқонӣ намунаҳои фаровон дарёфтан мумкин аст, ки берун аз матн гӯшхарошу хосси алфози шеърӣ нестанд, аммо дар матни шеър дар шакли суфта ва рехта ҷилвагар мешаванд. Маърифат кардани ашъори Хоқонӣ бе шарҳи луғат ғайриимкон аст, аз ин ҷост, ки шореҳони муосири эронӣ ҳангоми шарҳи сурудаҳои ӯ ин масъаларо дар мадди аввал гузоштаанд.

Дар махлутшавии лексикаи ашъори Хоқонӣ бо калимаҳои забони туркиву арабӣ, ки баъзе омилҳои онро пештар қайд карда будем, дар бештари маврид як омили муҳими дигари ҳунарӣ боис мегардад, ки он тақозои танаввӯъ (эроди маънии воҳид дар шаклҳои мухталиф), радиф, иҳом ва дигар унсурҳои шаклии калом мебошад. Танаввӯъ, ки дар ашъори Хоқонӣ нисбат ба дигар шоирон густариш ёфтааст, дар мадди аввал аз шоир қудрати тавонои тасвирро талаб мекунад, ин омил боис мегардад, ки риштаи калом ба тавил бикашад ва таҷдиди чандинкаратаи матлаъ низ аз ҳамин замина сарчашма мегирад. Ин ҷо барои мисол дар танаввӯъ ду байт аз як қасидаи шоир манзур мегардад:

**Он иддадорӣ бикр талаб кун, ки рӯҳро,**
**Обистанӣ ба Марями узро барафканад.**
**Ҳар ҳафт карда пардагии раз ба хиргаҳ ор,**
**То ҳафт пардаи хиради мо барафканад.**[1]

Дар ҳар ду байт дархости шоир аз «иддадорӣ бикр» ва «ҳарҳафткарда пардагии раз» шароб аст. Вобаста ба талаботи тасвир ва ифодаи мафҳум шоир лозим донистааст, ки барои баёни матлаб, дар як маврид мақсадро бо вожаҳои сирф форсӣ (байти дуюм) ва дар дигар ҳолат инро аз ҳисоби луғоти арабӣ анҷом диҳад.

Дар аксари ҳол зарурияти истеъмоли луғоти туркӣ ва арабӣ барои духурагии онҳо раво дониста мешавад, ки дар ороиши калом аз лиҳози иҳоми таносуб мусоидат менамоянд:

**Тан гарчи суву атмак аз ишон талаб кунад,**
**Кай меҳри шаҳ ба Отсизу Буғро барафканад.**[2]

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 138
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 133

Суву атмак –обу нон, Этсиз- ба маънои бе ном аст, туркон ин номро аз сари фоли нек ба кўдакони худ мемонанд, то ки кўдак зинда монад. Отсиз номи шоҳи Хоразм аст. Буғро – ба маънои шутури зард аст. Бағро –бар вазни баҳро, хуки нар бошад ва бо замми аввал номи подшоҳе будааст аз Хоразм. Ва номи ошест машҳур ва чун возеъи ин ош Буғрохон – подшоҳи Хоразм буд ба буғрохонӣ машҳур аст.[1] Аз диди орояҳои сухан байни Отсизу Буғро ва суву атмак таносуб мавҷуд аст. Суву атмакро бо буғро, ки ба маънои ош аст метавонем бо иҳоми таносуб дар пайванд шумарем.

Як хусусияти ҳунарварзии шоир дар ин байт ва дигар байтҳои ба ин суварнигорӣ монанд, бо санъати иҳом раҳгум занондани хонанда аст. Чунончи дар мисраи аввал байни Юсуф ва Далв (сатил) аз ҷиҳати вонамуд кардани ҷузъиёти таърихии талмеҳ санъати мурооти назир вуҷуд дорад. Ин ҷо қиссаи ба чоҳ андохтани Юсуфи Канъон, аз чоҳ бо сатил берун баровардани ў ва ҳусни ба офтоб монанди Юсуф ишора шудааст. Дар мисраи дуюми байт низ ишораи ба қиссаи Юсуф ва бо ваҳйи худованд дар шиками моҳӣ зиндонӣ гаштани ў дар назар дошта шудааст. Хоқонӣ ин ҷузъиёти ривоятиро дар ҳампайвандӣ ба инобат гирифта, бурҷи Ҳутро юнусӣ гуфтааст. Шоир дар ба кор бурдани талмеҳот ва ба воситаи онҳо тасвиркорӣ кардан ҳунари беандоза дорад. Ў дар ҳар маврид бо чунин воситаҳо ҷузъиётҳои мухталифи

---

[1] Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ. Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ. Бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае баланд аз зиндагонӣ ва шеваи шоирии ў.- Теҳрон.- 1368, саҳ. 561

манзаравиро ба тасвир мегирад, ки ҳар кадом аз ин тасвирҳо дар мавқеи худ нотакроранд, чунончи:

**То ки он султон ба хони моҳӣ омад меҳмон,**
**Хозанони баҳр дурр бар меҳмон андохтаанд.**[1]

Тартиби саноъи шеъри дар байти мавриди таҳлил чунин аст: чашм барафкандан- киноя аз гузашти айём, интизор будан. Аз диди ороятҳои сухан дар миёни Далв ва Ҳут, Юсуф ва Юнус муроoти назир мавҷуд аст. Хоқонӣ дар ин байт даромадани хуршедро ба бурҷи Далв боз намудааст. Гӯё хуршед Юсуфест, ки саранҷом аз тангнои чоҳ мераҳад, то ба бурҷи Моҳӣ дарояд, ба он сон, ки Юнус ба коми моҳӣ фурӯ рафт.

Офтоб ба бурҷи Моҳӣ медарояд ва дигарбора аз он берун меравад. Дар ин байт ташбеҳи мурасал ва муҷмал мавҷуд аст, зеро бурҷи осмон ба наҳанг монанд шудааст. Дар мисраи дуюм- ташбеҳи мурасал ва муфассал- офтоб ба Юнус монанд карда шудааст. Саҳро бошад истиораи равшан аз осмон метавонад буд. Аз нигоҳи воситаҳои ифода миёни моҳӣ ва наҳанг, моҳӣ ва Юнус санъати иҳоми таносуб вуҷуд дорад.

Дар ҷои дигар шоир бо талмеҳи мазкур ба тасвири тоза даст задааст:

**Султони якаспа сояи чатр,**
**Бар моҳии осмон барафканд.**
**Моҳӣ чу садафгараш фурӯ хӯрд,**
**Чун Юнусаш аз даҳон барафканд.**[2]

Маркази ғабро- киноя аз замин. Таҷнис байни Моҳии аввал ва моҳии дуюм, ташбеҳи мурассал ва

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 156
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 403

муфассал- монанд кардани пушти офтоболуду рангаи замин ба пушти моҳӣ, таззод- пушт ва рӯй, иҳоми таносуб- миёни чашма ва моҳӣ.

Порсаи иқтибосшуда ҳамчун намуна барои исботи ҳунарварзидаҳои шоиронаи Хоқонӣ дар офариниши суратҳои мухталифи манзаравии олами моддӣ ва вонамуд кардани баъзе хусусиятҳои образофаринии шоир, ки ба қавли аксари адабиётшиносон дар ин ҷода ӯ аз дигарон афзалият дорад, таҳлил гардид. Мураккабии баёни шоирро низ аз ҳамин вежагии ҳунари ӯ бояд ҷӯст. Дар саҳнаи хаёл ва зеҳни шоир олами моддӣ бо тамоми ҷилваҳояш тавассути дониши пештарҳосилкардаи ӯ бо қиёс дар шакли нав таҷассум мешавад. Дар ин гуна тасвир аксари маврид аҷзои ташбеҳу истиорот дур аз зеҳн буда, офариниши чунин навъи саноеъ шоиронатарин маъқулаи сухан ва яке аз шаклҳои хаёли ғариб аст, ки баландии истеъдод ва ҳунармандии шоирро нишон медиҳад ва ӯро аз дигарон боло мегузорад. Тасвирҳои хаёлпардозонаи шоир дар истиора ва ташбеҳ, киноя ва тамсил, иҳом, маҷоз ва дигар анвоъи санъат ба вуҷуд омада, шеърро аз ҳолати табиии худ дур месозад. Худи шоир низ ба таври фаровон аз сари муфохира ва даъвӣ, борҳо ба ин хусусияти услубиаш ишораҳо кардааст:

**Ҳаст тариқи ғариб ин ки ман овардаам,**
**Аҳли суханро сазад гуфтаи ман пешво.**[1]

Калима, ки номаънус ва дур аз зеҳн, ё дар гӯши шунаванда сангину нохушоҳанг бошад, онро ваҳй ва ғариб, яъне бегона ва ноошно, ё сақилу бадоҳанг ва он ҳолатро ғаробат мегӯянд. Ғаробат ба ду маънӣ мусталаҳ аст- яке он аст, ки лафз номаъну бошад ва

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 137

зидди онро маъмулу мутадовил мегўянд. Дигар он ки бар гўш сангину нохуш бошад ва зиди онро узубату хушоҳангӣ мегўянд.[1]

Муроди Хоқонӣ аз истилоҳи «ғариб» дар шеъри мазкур, ҳамон шеваи номустаъмалест, ки ў дар сабки шеъри форсӣ ба худ ихтисос додааст. Дар равияи мазкури ҳунарнамоиҳои шоирона вазифаи аввалиндарачаи лафз васила таъбири маъниву мафҳум нест, балки маънӣ воситаест, ки барои арзёбии ҳунар дар фанни шоирӣ ба кор бурда мешавад. Маънӣ бо ташбеҳот, истиорот, талмеҳот ва дигар воситаҳои баёнӣ ва орояҳои сухан бо мушкилтарин анвоъ ва такрори пай дар пай дар шаклҳои мухталиф ифода мегардад, ки ҳеҷ ҷузъе аз иҷзои маонӣ аз санъатҳои бадеӣ холӣ нест. Аз ҳамин ҷост, ки лафз ва таркибот ба тариқе интихоб карда мешавад, ки то фосилаи охирини имкон ва то ҷое, ки мумкин аст риштаи маонӣ тавилтар шавад ва майдони ороиши калому иборапардозӣ барои шоир бештар фароҳам бошад. Ба ҳамин ҷиҳат ҳам барои дарёфти маънӣ дар шеъри фаннӣ хонандаро лозим меояд, ки пеш аз ҳама монеаҳои лафзии каломро аз бар кунад.

Дар баъзе маврид шоир аз меъёрҳои таъиншудаи хунарие, ки риояти он зарур аст бо истифодаи қофияву радиф мебарояд. Қасойиди Хоқонӣ аглаб дорои радифанд ва қофияи танҳо кам доранд. Танҳо аз 132 қасидаи девони шоир (қасоиди кўчаки шоир ба ҳисоб гирифта нашудааст) 82 қасидааш мураддафанд. Аксарияти қасойиди бо услуби олӣ

[1] Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ.- Теҳрон, 1368, саҳ.14

навиштаи ӯ бо истифодаи душвортарин қофияву радиф моҳирона эҷод шудаанд. Ин махсусияти ҳунари шоирро қариб ҳамаи адабиётшиносон зикр намудаанд. Дар пораи қасидае, ки барои намуна иқтибос шуд, ҳарфи равии қофия алифи ишбоъ аст. Алифи ишбоъ ҳарфест, ки дар охири калимаҳо гузошта мешавад ва вазифаҳои гуногун дорад, чунончи дар қасидаи мазкур аксари маврид шакли муаннаси калимотро сохтааст. Шамси Қайс дар бораи ин ҳарф ва шартҳову мавриди саҳеҳ ва нодуруст истифода бурдани он қазоват карда менависад: «… бинои қофия бар ин ниҳанд (алифи ишбоъ- Б. Ш.) ва агар зарурат афтад, ҳамчун алафоти ҷамъ бояд, ки аз машҳуроте, ки мутадовили порсигуён аст, удул накунанд… чунончи Хоқонӣ гуфтааст:

**Хоқонӣ аъзам, к-аз шараф,**
**омад салотинро канаф,**
**Борони ҷуд аз абри каф, ғарбову шарқо рехта.**

ва мустаъмалот нест, аммо ӯро аз ин ҷинс тавсаъот бисёр бошад, аммо бо ин қадар бо ӯ мазойиқ натавон кард».[1]

Аз қоидаву меъёрҳои таъиншудаи адабӣ, ки риоя кардани онҳо зарур буд берун шудани Хоқонӣ дар мадди аввал тасодуфӣ ва бо норасоии қудрати баён ва ноилоҷӣ менамояд. Аммо аз рӯи мулоҳизаҳои танқидии шоир, ки дар номаҳояш баён доштааст, бармеояд, ки ӯ ин амалҳоро огоҳона ва бо тақозои тамойюл ва завқи эҷодиаш анҷом медиҳад. Дар номае ӯ нисбати интихоби алфозу тарзи истифодабарии он ва перомуни мустаъмал ва шавоз (чизе, ки мустаъмал нест- Б. Ш.) сухан ронда, чунин баён доштааст: «…

[1] Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. Ал мӯъҷам фи маъойир-ул-ашъор-ил Аҷам.- Теҳрон, 1337, саҳ.174

Ва агар муншӣ… гӯяд, ки ин ибдол, ки ту мегӯӣ шавоз аст, ҷавоби ишон тавон дод, ки он чи шавози кутуби қудамо буд дар мозии қурун мустаъмали маҳдасист. Ҳамчунон алфозе, ки филҳол шавоз тавонад донист, ҳароина мустаъмали оянлагон хоҳад буд дар мустақбал».[1]

Дар осори Хоқонӣ, ба хусус қасидаҳояш, ки миқдори қасойиди мураддафаш болотар зикр гашт, радиф дар баробари таъмин намудани хушоҳангии шеър, дар айни замон боиси вусъати доманаи хаёлпардозиҳо ва мазмунофаринаҳои шоир гардидааст. Шоир дар ин ҷода тавонистааст, ки ҳунари шаклофарини худро намоиш диҳад ва дар қасидаҳои тӯлонии мураддаф, ки ӯ дорад, радиф аз оғоз ба анҷом, бе тағирот барои ба сар бурдани бори ғоявии шеър риоя шудаанд. Ин хусусияти ҳунарварзии шоирро ба инобат гирифта, Ян Рипка менависад, ки ин тамоюл имконияти ӯро дар офаридани мазмуну маъниҳо маҳдуд мегардонад.[2] Роҷеъ ба ҳамин махсусияти шаклии қасидаҳои шоир аксари адабиётшиносон изҳори ақида карда, қудрати Хоқониро дар ин ҷода беандоза шумурдаанд. Чунончи Забеҳулло Сафо ҷое ишора карда менависад: «Қудрате, ки ӯ дар илтизом ва радифҳои мушкил нишон додааст камназир аст. Чунончи, дар бисёре аз қасойиди худ як феъли монанди «барафканад», ё як феълу мутааллиқи он

[1] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон, 1349, саҳ.174

[2] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, саҳ.205

«барнатобад беш аз ин» ё исму сифатро радиф қарор додааст».[1]

Дар бораи радиф ва шароиту истифодабарии он дар афкори адабии ноқидони форсу точик назарияҳои мухталиф вуҷуд доранд, ки маҷмӯи ин ақоид дар рисолаи профессор Р. Мусулмонкулов шарҳ ёфтааст.[2]

Дар марсияҳои шоир радифҳо бештар ба шеър оҳанги ҳузномез илова мекунанд. Чунончи ин хусусиятро дар яке аз марсияҳои машҳури шоир, ки бо номи «Тараннум-ул-мусоб» овоза дорад, мушоҳида мекунем. Марсия дар камоли эҳсос ва истеҳкоми лафз суруда шуда, радифи «бикшоед» ҳузниёти марсияро меафзояд:

**Субҳгоҳӣ сари хуноби ҷигар бигшоед,**
**Жолаи субҳдам аз наргиси тар бигшоед.**
**Дона-дона гуҳари ашк бибоper чунон-к,**
**Гираҳи риштаи тасбеҳ зи сар бигшоед.**
**Сели хун аз ҷигар оред сӯи боғи димоғ,**
**Новадони мижаро роҳи гузар бигшоед.**

Истиқболи Хоқонӣ дар мавриди пайкараи сухани шоирони дигар ба таври сирқот набуда, дар ниҳояти эҷодкорӣ ва навоварӣ аст ва ҳамин маҳорати эҷодии ӯст, ки дар баъзе мавриди қолаберо аз шоирони пешин дар иншо ба кор гирифта, мӯҳтавои онро бо хусусиятҳои эҷодии худ ороиши тоза мебахшад. Ҳарчанд Хоқонӣ аз Сайид Ҳасани Ғазнавӣ дар фахрияву мулоҳизаҳои танқидиаш ёдовар намешавад,

---

[1] Забеҳуллоҳ Сафо. Мухтасар дар таърихи таҳаввули наср ва назми форсӣ.- Теҳрон, 1334.- 98с.

[2] Мусульманқулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика 10-12 вв. – М.: Наука, 1989, стр.112-115

аммо қолаби расои қасидаи «Фоҷеаи Хуросон»-ро аз як марсияи Сайид Ҳасан гирифтааст, ки матлаъаш ин аст:

**Моҳи тамоми мулк ба зери ниқоб шуд,**
**Оби ҳаёти шаръ дареғо сароб шуд.**[1]

Хоқонӣ дар пайрави бо қолаби ифодавии қасидаи мазкури Сайид Ҳасан воқеаи ҳуҷуми туркони Ғузро ба Хуросон ва ваҳшиёна кушта шудани яке аз пешвоёни мазҳаби шофеия, шогирди маъруфи Имом Ғаззолӣ- Муҳйиддин Муҳаммади Яҳёро ба як таври марғуб тасвир кардааст. Қудрати баёни шоир дар ин гуна аз сароиш то он ҷост, ки хонанда зимни мутолиаи марсия ва шиквоияҳояш симои пурандӯҳу дареғгӯи ӯро тасаввур мекунад:

**Он Мисри мамлакат, ки ту дидӣ, хароб шуд,**
**Он Нили макрамат, ки шунидӣ, сароб шуд.**
**Сарви саодат аз тафи хазлон зулол гашт,**
**Акнун бар-он зугол ҷигарҳо кабоб шуд.**
**Аз сели ашк бар сари туфони воқеа,**
**Хуноб қуба-қуба ба шакли ҳубоб шуд.**[2]

Аз умдатарин хусусияти дигари ҳунари шоирии Хоқонӣ ин қудратнамоиҳои шоир дар нав кардани матлаъи қасида мебошад. Нав кардани матлаъ як рукни балоғати калом ба шумор рафта, ҳангоме ба амал меояд, ки шоир  аз лиҳози тӯлонӣ будани қасида ва нақл аз матлабе ба матлаби дигар, эҷоди тозагӣ дар сухан, ё барои рафъи малолу хастагӣ аз мухотаб, матлаъи нав оғоз мекунад. Азбаски матлаъ байти аввали қасида аст ва қасида ба он оғоз мешавад, бояд

---

[1] Сайид Ҳасани Ғазнавӣ. Девон. Бо эҳтимом ва муқаддимаи Сайид Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ.- Теҳрон, 1343, саҳ. 218

[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 155

аз лиҳози истеҳкоми алфозу таркиб ва зебоии тарзи баён аз сойири абёти қасида мумтоз бошад. Қасидае, ки дорои ду матлаъ аст, матлаъи дуюм пас аз тамом шудани тағаззул, ки муқаддимаи қасидаро ташкил мекунад, оварда мешавад. «Ин махсусияти баёнӣ, ки – менависад Зайнулобиддини Мӯътаман, - дар қасида аз ду нагузаштааст, дар қасидаҳои Хоқонӣ то чор маротиба нав карда шудааст».[1] Шамси Қайс низ ин шеваи баёни Хоқониро аз дигар шоирон боло гузоштааст, ӯ мегӯянд; «Бошад, ки як қасидаро чанд матлаъ кунанд, чун аз сифате ба сифати дигар нақл кунанд ва аз ҷумлаи шуаро Хоқонӣ бад-ин шева мувallaътар будааст ва чанд қасидаи бисёрматлаъ гуфтааст».[2] Аксари адабиётшиносоне, ки роҷеъ ба ин хусусияти ашъори шоир ишора кардаанд, ҳадди болои нав кардани матлаъи қасидаҳои Хоқониро то чор маротиба шинохтаанд. Аммо дар баробари ин аз рӯи маълумоти аллома Ҷалолиддини Ҳумоӣ шоир қасидаи шашматлаъдор низ дорад. Муҳаққиқ қасидаи шоирро, ки бо матлаъи (Чун оҳи ошиқ омад субҳ оташин муанбар) оғоз мешавад, мутобиқи нусхаҳои маъмул дорои шаш матлаъ медонад.[3] Аммо он чи аз рӯи нашри интиқодии девони шоир бармеояд, ҳадди болои нав кардани матлаъ дар қасидаҳои шоир то чор карат мерасад.

---

[1] Зайнулобиддини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1339, саҳ. 13

[2] Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. Ал мӯъҷам фи маъойир-ул-ашъор-ил Аҷам.- Теҳрон, 1337, саҳ.336

[3] Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноoти адабӣ.- Теҳрон, 1368, саҳ. 113

Ян Рипка нав кардани матлаъро дар қасидаҳои Хоқонӣ дар кӯтоҳии вазни шеър медонад ва менависад: «Вазнҳои кӯтоҳ равиши оҳанги қасидаҳои тӯлонии ўро метезонанд ва дар айни замон сабаби таҷдиди нави матлаъ мегарданд».[1]

Навкарди матлаъро дар қасидаҳои Хоқонӣ аз чигунагии вазни шеър муайян кардан баҳсталаб аст ва барои ташхиси ин навъ ҳунарвазӣ қонунияти мушаххасе ҳам ҳукм кардан номумкин аст.

Дар байни қасидаҳои Хоқонӣ 18 қасидаи думатлаъӣ, 15 қасидаи сематлаъдор ва 5 қасидаи чорматлаъдор мавҷуд аст.

Таҷдиди матлаъ бештар дар қасидаҳои хусусияти тавсифӣ дошта, алалхусус мадҳияҳои шоир густариши хосса дорад. Шоир пас аз тағаззул бо риояи тахаллус (гурезгоҳ) ба таърифи мамдӯҳ мепардозад ва пас аз ду ё се байте, ки дар сифати мамдӯҳ арза медорад аз нав ба таҷдиди матлаъ даст мезанад. Матлаъи сонӣ аз лиҳози интихоби мавзӯъ маҳдуд нест, мумкин аст, ки дар матлаъи аввал васфи субҳ бошад ва дар матлаъи дуюм ҳам ҳамон мавзӯю мазмун ё ҳолати дигар ифода гардад, ё ин ки матлаъи аввал дар сифати ишқ бошад ва матлаъи дуюм дар тасвири ягон манзараи табиат. Дар матлаъи дуюм ва сеюм шоир бо тасвири ягон манзара ва ҳолат қудрату маҳорати шоири худро муаррифӣ карда, аз нав тахаллус ва таъриф менамояд, матлаъи чорум бошад матлаби шоирро фаро мегирад ва бо шаритаву ҳусни мақтаъ анҷом мепазирад. Мадҳияҳои Хоқонӣ дар қиёси баъзе мадҳияҳои адабиёти форсӣ танҳо як

---

[1] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, саҳ. 206

тавсифи хушку холӣ ва муболиғаомези мамдӯҳ нест. Шоир дар қасидаҳои мадҳӣ бештари маврид ба мамдӯҳ маслиҳат ва таълим медиҳад. Аз дигар тараф, ин мадҳияҳо на танҳо дар ситоиши ҳокимони замон суруда шудаанд, балки шоир дар мадҳи олимон шоирон ва пешвоёни дину тариқат ҳам ситоишҳои зиёде дорад.

Яке аз қасидаҳои машҳури чаҳорматлаъдори Хоқонӣ қисидаест, ки онро шоир дар мадҳи Абӯисҳоқи Иброҳими Бокуӣ – аз пирони роҳи тариқат ва суфии овозадори замон, иншо кардааст. Шоир матлаъи аввали қасидаро аз сифати ишқ оғоз мекунад:

**Ишқ бияфшурд пой бар намати кибриё,**
**Бурд ба дасти нахуст ҳастии моро зи мо.**[1]

Шоир дар тағаззул ишқро тавсиф карда, ҳамзамон мавқеи худро дар ирфон ва зӯҳду тақво баён медорад ва дар байти бистусеюми тағаззул ба ин тариқ ҳусни тахаллус кардааст:

**Бар асари доғашон ҳар дам султони ишқ,**
**Гӯяд, Хоқониё, хоки туям, марҳабо.**
**Рав ба ҳунар садр ҷӯй, бар дари садри ҷаҳон,**
**Рав ба сифат боз гард, бар дари асҳоби мо.**
**Ҷоҳи Бароҳим бин, гашта Бароҳимвор,**
**Макрами ихвони фақр бар сари хони ризо.**
**Ҳофизи аъломи шаръ, носири дини расул,**
**К- аз мадади илми ӯст, нусрати ҳизбу худо.**

Баъд шоир аз нав таҷдиди матлаъ карда, матлаъи сониро бо тавсифи маъмул оғоз карда, бо таърифи мамдӯҳ поён медиҳад:

**Эй сифати зулфи ту ғорати имони мо,**

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ.35

**Ишқи ҷаҳонсӯзи ту, бар дили мо подшо.**
**Бар дари айвони туст пой нишаста хирад,**
**Бар сари майдони туст даст кушода ҳаво.**

Ин ҷо баробари ситоши мамдӯҳ, ки поёнтар меояд шоир як навъ худситоии шоирона ҳам кардааст, ки хосси тамоми ашъори ӯст:

**Мӯйшикофам ба шеър, мӯй шудастам зи ғам,**
**Лек нағунҷам ҳаме дар ҳарами муқтадо.**
**Садри Бароҳимном, роди Сулаймонҷалол,**
**Хоҷаи Мусисухан, меҳтари Аҳмадсахо.**
**Ёфт зи ахлоқи ӯ олами фартут фар,**
**Бурд зи инсофи ӯ фасли баҳорон баҳо.**

Матлаъи сеюми қасида чун бештари тағаззулоти шоир васфи баҳору тасвири манзара аст. Шоир ин ҷо як лаҳзаи манзаривиро тасвир карда:

**Нофаи оҳу шудаст нофи замин аз сабо,**
**Уқди ду пайкар шудаст, пайкари боғ аз ҳаво.**

Пас аз тасвироте андак, аз забони булбуле ҳунару мартабаи шоирии худро меситояд ва бо ҳамин манзалату қудрати маддоҳии худро ба Ҳоҷӣ Носириддин ишора мекунад:

**Гуфтанд, ки-имрӯз кист тозасухан дар ҷаҳон?**
**Гуфт, ки Хоқонияст булбули боғи сано.**
**Моддеҳи шайхи Имом, олими омил, ки ҳаст,**
**Носири дини набӣ, муфтахари авлиё.**

Матлаъи чоруми қасида аз шарҳи ҳоли пурдард, моҷарову ситами даҳр ва аҳволи пурфоҷеаи шоир ҳикоят мекунад:

**Дод маро рӯзгор молиши дасти ҷафо,**
**Бо ки тавонам намуд нолиш аз ин бевафо.**
**Дар сарам афканд чарх бо кӣ супорам инон,**
**Бар лабам овард ҷон бо кӣ гузорам ано.**

Дар ин қисмати қасида шоир аз фозилони замон, аз он ҷумла Абдулаълои Ганҷавӣ-устод ва

падарарӯсаш менолад ва назди мамдӯҳ шарҳи дарду озор мекунад:

**Аз лагади ҳодисот сахт шикаста дилам,**
**Баста хаёлам, ки ҳаст ин халал аз Булъало.**
**Пеши бузургони мо оби касе равшан аст,**
**К-об зи пас мехӯрад бар сифати осиё.**
**Ранҷи диламро сабаб гардиши айём нест,**
**Феъли саги ғарча аст, қудҳи хари рустро.**
**Худ ба ҳузури саге баҳр нагардад наҷас,**
**Худ ба вуҷуди харе хулд наёбад вубо.**

Шоир зимни шикоят аз нав ба таърифи мамдӯҳ мепардозад, аммо чун ҳисси худситоӣ боло мегирад васфи мамдӯҳ хира мемонад ва гӯё ӯро матлаб бедор кардани як навъ ҳисси ҳамдардӣ дар мамдӯҳ мебошад. Бо шарафи номи мамдӯҳ Хоқонӣ ҳунари шоиронии худро бори  дигар барои ҳосидону риёкорони давр ёдовар шуда менависад:

**Эй  фузалопарваре, к-аз шарафи номи ту,**
**Муддаиёнро занад қофияи ман қафо.**
**То ба навои мадеҳ васфи ту бардоштам,**
**Руди рубоби ман аст, рудаи аҳли риё.**
**Баҳри хавоси туро мойидаи хушмазоқ,**
**Сохтам аз ҷони пок, бингару дардеҳ сало.**
**Ҳаст тариқи ғариб ин ки ман овардаам,**
**Аҳли суханро сазад гуфтаи ман пешво.**

Мақтаи қасида низ бо маҳорати баланди шоирӣ ва риояи шарита анҷом пазируфтааст:

**Н-ояд аз буди ман ҳеҷ ғараз ҷуз сухан,**
**Нестам аз нафси ту ҳеҷ ғараз ҷуз дуо.**
**Бар сари садри ту бод хайма зада то абад,**
**Лашкари ҷоҳу ҷалол, мавкаби иззу ало.**

Дигар қасидаҳои чоҳарматлаъдори шоир бо баъзе махсусиятҳои лафзӣ аз қасидаи мазкур фарқ мекунанд. Аз чор қасидаи дигар, ки дорои чор матлаъ

мебошанд, ду қасида дар мадҳи Манучеҳри Шарвоншоҳ як қасида дар мадҳи Фахриддини Манучеҳри Шарвоншоҳ ва қасидаи дигар, ки «Бокурат-ул-афсор ва мазкурат-ул-азҳор» ном дорад, дар дари Каъба иншо гашта, тахаллус дар мадҳи Ҷамолиддини Мавсулӣ, ки ҳарами Қаъбаро таъмир карда буд, бахшида шудаанд. Як нуктаи дигарро мебояд зикр намуд, ки аксари қасойиде, ки аз се ё чор матлаъ иборат мебошанд, бештар мадҳӣ буда, дар мадҳи ин ё он ҳокими давр иншо гардидаанд. Аз ин ҷиҳат мурод аз таҷдиди чандинкаратаи матлаъ пеш аз ҳама қудратнамоӣ ва изҳори фазлу ҳунар будааст.

Аз дигар бартариҳои ҳунарии шеъри Хоқонӣ, ки аз қадим то имрӯз ноқидону адабиётшиносон дар мавриди арзиши шеъри ӯ зикр намудаанд, истиора ва ташбеҳоти офаридаи ӯ мебошанд, ки ҳамин хусусиятҳои сурудаҳои шоирро тобиши тоза мебахшанд, алалхусус истиораҳо. Дар муқаддимаи шарҳе, ки Зиёуддини Саҷҷодӣ бар девони шоир навиштааст, дар ин бора иқтибосеро аз «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» интихоб карда менависад: «… ва муҳаққиқин вайро (Хоқонӣ- Б. Ш.) мабдаъи равоеъи алфоз ва мухтареъи бадоеъи афкори ғариба меноманд… Ашъори вай мин-ҳайс-ул-лафз мазбуттар аст ва дар иншои истиорот қудраташ тамомтар».[1]

Воқеан, шеъри ӯ аз ин лиҳоз дар нисбати ашъори шоирони дигар мумтоз ва афзал аст. Пайкараи сухани ӯ, ба қавли Мирҷалолиддини Каззозӣ «Ончунон моро ба худ дармекашад, мефиребад, мешебад, ки саргашта мемонем ва фаросӯи он намеандешем, фузунтар ва фаротар аз онро намехоҳем… Гоҳ ончунон шефта ва фирефта гӯи ба ҳангомаи овоҳо

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 12

дар сухани ў месупорему чашм ба рахшонии шеваҳо бар пайкари он медўзем, ки пиндорҳои шоиронаашро намеандешем ва дар он пустаи нигорайн ва фирефтор мағзи маъниро намеҷўем».[1]

Дар мураккаббаёнии ў, аз як тараф, ғароиби луғоти номустаъмал монеа шавад, аз дигар ҷониб, ҳамин истиороти номаънуси шоир мусоидат кардаанд. Аммо шеъри Хоқониро бо ин пурсанъатии либоси шеър, шеъри маснўъ ҳам гуфтан хатост. Зеро истилоҳи маснўъ бо он мафҳуме, шоир маҳз барои санъат шеър нависад, хосси эҷодӣ ў нест. Албатта, бо тақозои муҳит ва ҳунарнамоӣ ин амалро гоҳ маврид дар шеър ба кор гирифтааст, ки мо баъзе хусусиятҳои онро пештар дар шарҳу таҳлили як пора аз қасидаи ў мушоҳида кардаем. Аммо ба қавли Бадеъуззамон Фурўзонфар: «Хоқонӣ агарчи дар бисёре аз ашъораш тасаннўъро раво донистааст ва гоҳе ба такаллуф шеър гуфтааст, аммо ба андозаи баъзе аз муосирони худ монанди Рашиди Ватвот ва Абулвосеъи Ҷабалӣ пойбанди саноеъи лафзӣ нест».[2]

Яке аз ҷиҳатҳое, ки тасвирҳои Хоқониро ҷондор ва хаёли ўро ғарибу шигифт вонамуд мекунад, дар баробари ташбеҳоти баиду нотакрор ва дигар орояҳои сухан, истиороти ихтироъкардааш мебошанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар миёни чаҳор қаламрави ҳунар, шоир бештар ба истиора гароён аст. Агар хоҳем, ки тасвирҳои манзаравии Хоқониро бо тасвирҳои Манучеҳрӣ муқоиса кунем, ин вежагии ҳунари Хоқонӣ равшан ошкор мешавад. Агар Манучеҳрӣ рангорангии ҷаҳонро он чуноне ки

---

[1] Рухсори субҳ, саҳ. 180-181

[2] Бадеъуззамони Фурўзонфар. Сухан ва суханварон.- Теҳрон: Хоразмӣ, 1369, саҳ. 620

ҳаст, бо ҳамаи пораҳою гӯшаҳои он тавассути ташбеҳоти парвардаву борики худ ошкор гардонад, Хоқонӣ ин амалро тавассути истиороти зеҳнии бесобиқа анҷом медиҳад. Шояд иддаои шоир, ки дар бораи фазилати ҳунару тасвиркориҳояш иброз доштааст, далели гӯёи қазияи мазкур бошад:

**Суварнигори ҳадисам вале ҳар он сурат,**
**Ки ҷон дар он натавонам намуд, нангорам.**
**Кадом илм, к-аз он ақли ман наёфт асар.**
**Биёзмой маро то бубинӣ осорам.**
**Бад-ин қасида, ки аксар ғароибу ғарар аст,**
**Сазад, ки хонӣ сад чун Лабиду Башшорам.**[1]

Вале сари масъалаи таркиби саноеъи шеъри ӯ, ки аксаран ақливу дур аз зеҳн ва идроканд, баъзе нукотро шарҳ мебояд дод. Матлаб ин аст, ки ҷузъиёт, парвардаҳои истиораву ташбеҳ ва дигар орояҳоро шоир аз ашёву ҳодисаҳо, ривоёт ва истилоҳи мухталифи илмиву расмӣ корбаст менамояд. Ин ҷиҳат фаъолияти шоирро ба хонанда чунин вонамуд месозад, ки гӯё дар ин амал ӯ аз рӯи хост ва барои изҳори фазилатҳои маънавии худ даст мезада бошад. Чунончи, дар абёти пештар иқтибосшуда, шоир ҳамин махсусияти эҷодиашро, таъкид кардааст, ки ӯ тамоми улуми замонаро фаро гирифтааст ва натиҷаи онро дар шеър инъикос карда, хонандаи хушзавқро барои озмоиши худ даъват мекунад.

Ба ақидаи М. Каззозӣ дар ин ҷода шоир аз рӯи маром ва хости худ амал менамояд, то ин ки хонандаро дар маърифати сурудаҳояш оҷизу нотавон қарор диҳад. Мавсуф ин падидаро чунин маънидод мекунад: «Ормони суханвар дар ин шева он аст, ки ангораҳои худро дар дуртарин ва шигифттарин

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 288

ангораҳое, ки метавонад ёфт, бознамояд ва бозтобад. Бад-он сон ки гоҳ ангораҳо дар сиришт пайванде бо нигораҳо надоранд ва бо онҳо ҳамгину ҳамгун нестанд. Дар шеъри фаннӣ мағзи андеша дар пустаҳое чанд, гоҳ ситабр ва сахт пӯшида шудааст, ки барои расидан ба он мебояд он пӯстаҳоро яке аз паси дигар баршикофт…»[1]

Воқеан, барои маърифат кардани шеъри Хоқонӣ хонандаро дониши фарох ва гуногунсоҳа лозим меояд, то ин ки ба умқи ифодаҳои илмии шоир дар шеър роҳ ёбад. Шеъри ӯ дар як маврид ҳам шеър аст ва ҳам илм, вале дар ниҳояти масъала илм дар хизмати шеър қарор гирифтааст. Ба андешаи мо ворид кардани ҳама ин мушкилиҳо дар шеър ғояти такаллуфу худнамоӣ нест, балки ин мушкилиҳо маърифатест, ки шоир аз илмҳои замона ҳосил кардааст, ки ҳангоми эҷод новобаста ба хости шоир ба дарёи шеъраш мечакад. Ва барои маърифату писанди шеъри шоире чун Хоқонӣ завқу салиқаи махсуси сухансанҷӣ лозим аст.

Омӯзиши масъалаи мазкур аслан мавзӯи илми баён аст, ки дар гузашта адибон аз шарту шароит ва дархостҳои он огоҳии комил доштанд. Унсурҳои таркибии фанни баёнро аз рӯи таърифе, ки қудамо ба он додаанд, метавон муайян кард, чунончи: «Баён дар луғат ба маънии кашфу эзоҳ ва зуҳур аст ва дар истилоҳ иборат аст аз маърифати эроди маънии воҳид дар суратҳои мухталиф ба сабаби зиёдатӣ нуқсҳо ва вузуҳи далолати ақлӣ бар он, то ба воситаи

---

[1] Рухсори субҳ, саҳ. 181

вуқуф бад-он дар такриби калом ҷиҳати афҳом мурод аз хато эҳтироз кунанд.»[1]

Дар таърифи мазкур се рукни асосӣ матраҳ аст: далолат ва ақсоми он, эроди маънии воҳид дар тариқи мухталифа ва зиёдативу нуқсон ва вузуҳи як маънӣ дар суратҳои мухталифи ҳамон маънӣ.

Чигунагии аркони мазкур вобаста аст ба имкониятҳои шакл ва саҳнаи хаёли шоир. Сурате, ки зери таъсири олами ҳастӣ дар зеҳни шоир пайдо мешавад падидаи нафсонӣ ва ғайримаҳсус аст ва ин сурат барои касе маълум аст, ки дар зеҳни ӯ зуҳур ёфтааст. Барои огоҳии дигарон шоир лозим медонад, ки барои суратҳои ғайримаҳсусро возеҳ сохтан, нишонаҳои маҳсусро ба кор гирад, ки бар он суратҳои зеҳнӣ далолат дошта бошад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки саҳнаи хаёли Хоқонӣ ниҳоят мураккаб мебошад. Аксари суратҳои офаридаи ӯро хонанда танҳо тавассути далолати ақлӣ метавонад маърифат кунад. Дар баробари ташбеҳу истиораҳои соддаву равшани намунаи зерин:

**Бубастам ҳирсро чашму шикастам озро дандон,**
**Чу мим андар хати котиб,**
**чу син дар ҳарфи девонӣ.**[2]
**Бад-он ки чун алифи васл бошам аз хорӣ,**
**Ки ном набваду бинанд халқ дидорам.**[3]

Шоир истиороту ташбеҳоте дорад, ки муносибати ҷузъиёташон аз лиҳози монандсозӣ ғариб менамоянд, чунончи:

---

[1] Беҳрӯзи Сарватиён. Баён дар шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1369, саҳ. 23
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 467
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 354

**Барбат нигар обистану ноланда чу Марям,**
**Зояндаи рухе, ки кунад мўъҷизазойӣ.**
**Бар коси рубоб охури хушки хари Исост,**
**К-аз чор забон мекунад инҷилсаройӣ.**[1]

Дар порчаи мазкур бунёди тасвир бар қиссаи Исо устувор аст. Шоир як шакли асбоби мусиқиро ба Марям монанд мекунад, (истиора ва ташбеҳ) ва шояд барбат аз ҷиҳати шакл бо ҳомиладории Марям нисбате дошта бошад, пас аз он ки Марям рўҳе тавлид кард, (киноя аз Исо) ки мўъҷизаҳо меофарид, барбат ҳам тавассути мўъҷизаи савти худ рўҳи инсонро ба қолаб даровард. Дар ин ду мисраъ хонанда як навъ шакли хаёли шоирро тасаввур мекунад. Дар мисраи сеюм низ байни косаи рубоб ва охури хари Исо ҳаммонандиро метавон пайхас кард, аммо дар мисраи чорум ҳарчанд матлаб возеҳ аст, як навъ ғаробат эҳсос мешавад. Намунаи чунин тасвирҳо дар ашъори шоир фаровон дучор меоянд, инак, намунае чанд барои мисол:

**Сина чун чанг бар китф бурданд,**
**Дида чун ной бар миён бастанд.**

**Ҳаст мутаввақ чу сифр хасми ту бар тахти хок,**
**Дар бараш оҳоду сифр, яъне оҳ аз надам.**

**Оташ аз ангишт бин сарбарзада,**
**Рум дар Ҳиндустон бархоста.**

**Ҳамчу хазинахонаи занбури хушксол,**
**Аз бод чашма-чашма димоғи харобашон.**

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 532

Мисолҳои мазкур намунаи истиора ва ташбеҳоти хосса ва ихтироъкардаи Хоқонӣ ба шумор меравад. Дар ин мухтасар имкони таҳлил ва баёни ҳамаи хусусиятҳои ҳунарӣ ва эҷодии шоирро надорем. Имтиёз ва бартарии Хоқониро дар ҷодаи навовариҳои ҳунари шеърӣ қазияи Хуршеди Фаршедвард, ки пештар онро зикр карда будем, собит месозад. Дар баробари ин шоир боз ҳам барои парваридани пиндорҳои шоиронаи худ аз истилоҳоти гуногуни илмӣ, расму ойинҳо, ахтаршиноси, нарду шатранҷ, бозиҳои кӯдакона ва ғайра истифода бурдааст. Аз ин ҷиҳат, девони ӯ ойинаеро мемонад, ки дар он метавон бисёре аз ниҳодҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро дар чандин сада пеш равшан созем. Омӯзиш ва таҳлили ҳар кадоме аз ин истилоҳоту саноеъ, дар алоҳидагӣ тадқиқоти мустақилро мехоҳад.

## ХОҚОНЇ ВА НАҚДИ ШЕЪР

Масъалаи муайян кардани муносибати Хоқонӣ нисбат ба шеъру шоирӣ ва хусусиятҳои афкори адабию танқидии ӯ дар муқоиса бо як зумра шоирони машҳури пешин, аз он ҷумла, Носири Хусрав, Амир Хусрав, Ҷомӣ, Низомӣ ва дигарон, то як андоза мураккабтар мебошад. Мураккабии масъалаи мазкур аз он ҷо оғоз мешавад, ки Хоқонӣ дар муқоисаи шоирони номбаршуда, камтар сари масъалаҳои назарии шеър ва умуман эҷоди бадеӣ таваққуф кардааст. Ба истилоҳи дигар воситаи асосии ифода

кардани афкори назариву танқидии шоирро дар шинохту нақди шеър асосан қасидаҳо, қатъаҳо, маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» ва баъзе номаҳои ӯ ташкил медиҳанд. Дар порчаҳои алоҳидаи жанрҳои мазкур шоир пеш аз ҳама вобаста ба бартарии мартабаи шоирии худ нисбат ба шоирони ҳамзамону пешин ишораҳо карда, дар ин замина ба ситоишу нукӯҳиши шеър, мавқеи иҷтимоиву ахлоқӣ, мазҳабӣ, ғоявӣ ва ҳунарии дигар шоирон пардохтааст.

Дар воқеияти эътибори ақида ва мулоҳизаҳои танқидии Хоқонӣ метавон як нуктаро қаблан изҳор кард, ки таъини арзиши шеър дар нақди шоир ба афкор ва ҷаҳонбинии ӯ алоқаманд аст. Яъне шоир ҳусну қубҳи осори бадеиро ба мизони ҳунар, завқ, ахлоқ, мазҳаб, ва мавқеи иҷтимоиву ахлоқии худ месанҷад. Аз ин рӯ, усул ва мизонеро, ки Хоқонӣ дар шинохт ва маърифати каломи бадеъ ба кор гирифтааст, ҳаргиз наметавон дар моҳият ва арзиши адабиёти тамоми давраҳо мӯътабар донист ва бо ин афкору назар дар бораи хусусиятҳои ҳамаи давраву марҳилаҳои адабиёти форсӣ хулоса баровард. Ин махсусиятро ба афкори назариву танқиди ҳамаи шоирон метавон нисбат дод.

Шоирону нависандагони гузашта худ дар бораи шеър ва навиштаи хуб ақидае дошта, ба усуле пойбанд буданд ва гоҳ аз ин усул дар муқаддимаи осор, ё дар шеърҳои худ, хусусан дар байтҳое, ки тахаллус меоварданд, ёд кардаанд. Дар навиштаҳое, ки ба тариқи наср сурат мегирифтанд, албатта, шоирон имконияти бештаре доштанд, то ишора ба он усулро аз сифат ба таърифи кӯтаҳ бирасонанд. Ҳарчанд ин мулоҳизот бештари маврид ба таври ишора ва бо истилоҳоти нақдию тавсифии маъмули он замонҳо сурат мегирифт, аммо барои муайян

намудани хусусиятҳои сухансанҷӣ дар гузашта, инчунин тамоюлу завқи фардии эҷодкор, аз ин ишораҳо наметавон сарфи назар кард.

Пас агар хоҳам, ки арзиши афкори танқидии шоиронро дар таърихи нақди адабӣ барои давраҳои мухталифи адабиёт ба эътибор гирем, бояд дар муқобили он афкор ва назареро ҳозир дорем, ки ба талаботи воқеии нақди адабӣ ҷавобгӯ бошанд, то ки арзиши ҳақиқии шеъру ҳунари шоирон дар мизони муайян тасвиб гардад. Дар ин маврид муроҷиат менамоем ба манбаъҳои дигари афкори назарию интиқодӣ, ки иборатанд аз рисолаҳои махсуси ба илми бадеъ, қофия ва арӯз, тазкираву рисолаҳои дигари илмӣ, ки дар таҳқиқу тадқиқи паҳлӯҳои гуногуни эҷоди бадеӣ нақши муҳим доранд. Дуруст аст, ки мунаққидони касбӣ ҳам аз муҳаббату майл, ҳадафҳои иҷтимоӣ барканор намондаанд, аммо ба қадри ҳол дар таъин намудани арзиши асари бадеӣ ҳунару малакаи эҷодии хешро меъёри шинохт қарор надодаанд. Ба ибораи дигар меъёри шинохти шеър дар довариҳои шоирона агар ҳунару завқи фардии эҷодкор бошад, дар наққодиҳои мунаққидони касбӣ завқи фардӣ бо ҳунар дар мафҳуми томаш фаҳмида мешавад. Аммо вобаста ба таҳаввулот ва дархостҳои адабии ҳар давр чигунагии ҳунари шоир дар тағйирот буда, афкори танқидии чи шоирон ва чи мунаққидон таҳаввулот ва дархостҳои адабии ҳар давраро равшану мушаххас менамоянд.

Он чи дар ташхиси нақди мунаққидони варзида ва мулоҳизоти эҷодкорон нақши муҳим дорад, ин малоки ҳукм дар нақду шинохти каломи бадеъ мебошад. Абдулҳусайни Зарринкӯб барои муайян кардани афкори танқидии шоирон истилоҳи «нақди завқӣ»-ро истифода бурдааст. Тавре маълум

мешавад, адабиётшиносони гузаштаи Шарқу Ғарб ин мафҳумро ҳамчун малоки ҳукм дар аҳкому қазоватҳои интиқодӣ тасдиқ кардаанд.[1] Чунончи, адиби маъруфи асримиёнагии араб Абулқоҳири Ҷурҷонӣ завқро аз «эҳсоси руҳонӣ ва виҷдони ботинӣ, ки ба василаи он мазият ва риҷҳони (бартарӣ) каломе бар каломи дигар идрок мешавад ва ҳар ки аз он бебаҳра бошад ба шинохт ва дарёфти шеър даст наметавонад ёфт», иборат донистааст. Ибни Халдун бошад завқро «ҳусули малакаи балоғат дар забон» медонад.[2] Яъне шоир ва нависанда ҳангоми эҷод аз шеваҳои мухталифи забони арабӣ таркиботи хоссеро меҷӯяд ва то ҳадди тавоноӣ назму насрро ба ин шева то ҷое, ки малакаи суханварӣ бар ин услуб ва равиш барои ӯ ҳосил гашта, кори таркиботи сухан ба ӯ осон шавад, муроот мекунад. Азбаски завқ унсури фардӣ буда ва суханвари дар равишу услуби муайян такмилёфта наметавонад шеваҳои дигарро бипазирад, ба қавли Ибни Халдун «Чун таркиботе бишнавад, ки ба ин равишу шева ҷорӣ набошад, ба гӯши вай гарон меафтад ва бе камтарин андеша вайро рад мекунад».[3]

Воқеан, завқ ҳамчунн меъёри эҳсосӣ ва идрокӣ дар муайян кардани зебоиву зиштии осори бадеӣ нақши муҳим дошта, дар ҳар шахс вобаста ба тарбия ва дараҷаи ташаккул махсуситяҳои гуногунро доро мебошад. Ҳар қадар ташаккули завқ дар ниҳояти камол бошад ҳам, чун падидаи фардист наметавонем

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва туруқ ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон.- Теҳрон, 1338, саҳ. 57-58

[2] Ибни Халдун. Муқаддима, ҷиди 1.-Теҳрон, 1338, саҳ. 114

[3] Ҳамон ҷо

ҳукми онро барои доварӣ дар хақиқати арзиши кулли давраҳои адабиёт боэътимод шуморем, алалхусус, вақте ки сухан дар бораи завқи худи эҷодкор меравад. Зеро ҳар қадар шоир ва ё мунаққид дорои завқи баланд бошад, чун дар таъину шинохти асари бадеӣ завқи фардии худро кор мегирад, ӯ ба ҷуз кӯшиши тобеъ сохтани алоқамандон ба майлу завқи худ дигар маҳорате нишон дода наметавонад.

Бо вуҷуди ин ташаккул ва инкишофи завқ амри зарурист. Зеро аз ин тариқ метавонад такомулу тавсеа ёбад ва то андозае ҷанбаи куллӣ ва умумӣ пайдо кунад. Пайваста ба ин, тавре ки Абдулҳусайни Зарринкӯб мефармояд, бояд «виҷдони илмашро нозири ҳукумати завқи хеш созад» ва нагузорад, ки ҳеҷ гуна маслаки динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба завқи ӯ таъсир расонад. Дар ин ҷода мунаққид бетарафӣ ва беназарии комил бояд ихтиёр кунад.[1]

Аммо табиист, ки удабо ҳангоми муаррифии шеъри худ ва маҳсули эҷодии дигарон аз доираи майлу мавқеи шахсиашон баромада натавонистанд ва ба қавли муҳаққиқи иронӣ Маҳмуди Киёнуш «... Шоирон ба ҳамаи сифоти сухани хуб дар пардаи сувари хаёл бас кардаанд ва гоҳ чунон аз улув ва мартабаи худ дар сухандонӣ ба ваҷд омаданд, ки худситоиро аз пардаи фурутанӣ берун кашиданд.»[2] Ба ин хотир дар ҳақиқати эътибори довариҳои шоирона истилоҳи нақди завқӣ бамаврид хоҳад буд.

---

[1] Нақди адабӣ, саҳ. 59

[2] Маҳмуди Киёнӯш. Қудамо ва нақди адабӣ. Баррасии дидгоҳи шоирон ва нависандагони классики форсӣ дар нақди адабӣ.- Теҳрон, 1354, саҳ. 33

## 1. Хусусиятҳои назариёти интиқодии Хоқонӣ

Нақди завқӣ, ки иборат аст аз мулоҳизоту ақидаҳои шоирон дар мавриди ситоиши шеъри худу бурду бохти фаъолияти эҷодии дигар суханварон дар ҳамаи давраҳои адабиёт ройиҷ будааст. Дар асри XII бошад вобаста ба таҳаввулоти адабию фарҳангии давр нақди адабӣ ҳам махсусиятҳои тоза ба худ касб кардааст.

Мавзӯи муфохира ва худситоӣ, ки аз қадимтарин айём миёни шуарои араб мутдовил буд, дар ин давра яке аз лавозимоти эҷодӣ шуда, ҳатто шоирони дараҷаи миёна низ дар появу мартабаи шеъри худро бар фарқи ҳунару шеъри дигарон ниҳодаанд. Албатта, ин падида сабабҳои объективӣ дошт, ба ин далел, ки дар ҳамаи давраҳо шоирон ҷиҳати иноят ва ҷазби диққати мамдӯҳ худро ба ин амал мӯҳтоҷ медидаанд. Аз ҷониби дигар, ин амал сабқатеро мемонд, ки суханварон ҳар яке хостаанд аз дигаре бартарӣ ҷӯянд ва дар ин ҷода пешрави дигарон бошанд.

Дар масъалаи муносибат ба шоирони пешин низ адибони ин давра ба таври мухталиф наздик шудаанд. Касоне, ки аз дунболи шеваи шоирони қаблӣ рафта ва аз онҳо пайравӣ кардаанд, мувофиқи хоҳишу дархурди завқ эшонро ошкоро ситоиш намудаанд. То ҷое ки дар ин ҷода бархе хешро дар қиёси суханварӣ эътирофкардааш оҷиз вонамуд кардаанд. Чунончи Анварӣ, ки аз эҷоди Абулфараҷи Рунӣ пайравӣ дошт ва то андозаи равшан тақлид ҳам кардааст, ба ин амалаш иқрор аст ва Абулфараҷи Руниро эътироф менамояд:

**Бод, маъмулаш, ки ман ходим**

**ба шеъри Булфараҷ,**
**То бидидастам валӯе доштастам бас тамом.**[1]

Ба ҳамин монанд, Муиззӣ, ки ба шеър ва ҳунари хеш эътимоди беназир дорад, боз ба Унсурӣ ва Фаррӯхӣ пайравӣ намуда, ба навъе назди онон сари таъзим фуруд меорад. Ин амали Муиззиро Анварӣ ба сирқот монанд карда, хуни девони Унсурӣ ва Фаррухиро ба гардани ӯ бор мекунад:

**Гӯянд мардумон, ки бадаш ҳасту нек ҳаст,**
**Оре, на сангу чӯб ҳама лаълу чандан аст.**
**Дар бӯстони гуфтаи ман гарчи ҷой ҳаст,**
**Бар сарву ёсамину мусаллову росан аст.**
**Бо ин ҳама гар бингарӣ аз шеваҳои шеър,**
**Акнун ба иттифоқ беҳин шеваи ман аст.**
**Боре мароcт шеъри ман аз ҳар ҷиҳат, ки ҳаст,**
**Гар номураттаб аст ва гар номудавван аст.**
**Кас донам аз акобири гарданкашони назм,**
**К-ӯро сареҳ хуни ду девон ба гардан аст.**[2]

Ва ба ҳамин маъниву мазмун аз осори кулли шоирони ин давра маводи фаровоне дарёфт кардан мумкин аст, ки муносибату эътиқоди онҳоро нисбат ба шеъри дигар шоирон ошкор сохта, роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни нақди адабӣ муоризаву мубоҳисаҳо оростаанд. Падидаи мазкур ҳамчун ҳодисаи мусбат барои равшан сохтани баъзе паҳлӯҳои адабиёти он давраҳо, ба муҳаққиқони имрӯз кӯмаки зиёде расонда метавонад.

---

[1] Девони Анварӣ. /Таҳияи нашр бо тасҳеҳи Р. Ҳодизода.- Душанбе: Ирфон, 1971, саҳ. 180

[2] Девони Анварӣ. Ба эҳтимоми Мударриси Разавӣ.- Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1384, саҳ. 85

Аммо дар ин ҷода ҳеҷ як суханвар чун Хоқонӣ тунд нарафтааст. Хоқонӣ дар ашъораш зимни худситоӣ ба муосиронаш аз шуаро ва саромадони адабиёту форсу араб таънаҳо зада, шеъри арабии худро аз Лабиду Буҳтурӣ бартар мешуморад, дар ҳунари нависандагӣ ҳам насри Чоҳизро дар муқоисаи насри худ ночиз медонад, ҳамчунин маҳорати шоириашро дар шеъри форсӣ аз Рӯдакиву Унсурӣ, Манучеҳриву Фаррухӣ ва Муиззию Саноӣ фаротар дониста, ҳамзамонашро ҳам «дӯзди баён», «атсаи сеҳри ҳалол» ва ғайра номидааст:

**Агар Муиззиву Ҷоҳиз ба рӯзгори манандӣ,**
**Ба насру назм ҳамоно, ки пешкори манандӣ.**

**Зи Бурашиду зи Абдак масал зананд**
**ба Шарвон,**
**Агар ба даври манандӣ, давотдорӣ манандӣ.**[1]

Ё ҷои дигар:

**Унсурӣ ку? Ё Муиззӣ, ё Саноӣ, к-ин сухан,**
**Мӯъҷиз аст аз ҳар се гарди имтиҳон ангехта.**[2]

Қитъаи аввал ифодагари тамоюлоти давр мебошад, ки мо дар боби аввали кор дар мавриди таъсири адабиёт ва балоғати арабӣ ба ин зуҳурот ишора карда будам. Шоирони муосирашро Хоқонӣ бештар дар масъалаҳои сирқат, мувозина, ки аз масоили муҳими накди адабӣ дар он рӯзгор ба шумор мерафт, айбдор кардааст, ки гӯё шоирони ҳамрӯзгораш аз ӯ ҳам баён ва ҳам маънӣ медӯзданд, дар ҳоле ки худи шоир ҳангоми эҷод дар наздаш дафтару девонҳои дигар шоиронро намемонад, аз ин

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 702
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 318

ҷост, ки шеъри ӯро ба маҳсули эҷодии дигарон монанд кардан мумкин нест:

**Набинӣ ҷуз маро назми муҳаққақ,**
**Наёбӣ ҷуз маро насри мубарҳан.**
**Наёрад ҷуз дарахти Ҳинд кофур,**
**Наёрад ҷуз дарахти Миср равған.**
**На назми ман ба байти кас музаввар,**
**На уқди ман ба дурри кас музайян.**
**На пеши ман давовин асту ашъор,**
**На Исоро ақоқир асту ҳован.**

Дар муқоисаи худситоиҳои шоирони муосираш маҳз ҳамин ҷанбаи хусусии даъвиҳои Хоқонӣ ҷолиби диққат аст, ки ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ дар сурудаҳои худ нуқсонро намебинад ва аз шоирон касеро дар ҷодаи суханварӣ аз худ болотар намедонад. Агар Анварӣ дар «бӯстои табъи» худ «хубу бад»-ро иқрор аст, чи тавре ки дар фавқ ишора гардид ва «номудавван»-ию «номураттаб»-ии шеърашро медонад, барои Хоқонӣ ин гуна худтанқидкунӣ хос нест. Чунончи дар як ғазали худ Хоқонӣ, ки он ҷо бо тақозои зикри тахаллус ба вазни шеър халал ворид кардааст, худ онро ба ёд овардааст, то ки бо ҳамин нуқсон баҳона оварда ба ӯ хурда нагиранд:

**Ишқи туро навола шуд, гоҳ дилу гаҳе ҷигар,**
**Лоғар аз он намешавад чун бараи думодарӣ.**
**Киса ҳанӯз фарбеҳ аст, аз ту аз он қавидилам,**
**Чора чи Хоқонӣ, агар киса расад ба лоғарӣ?**
**Гарчи ба мавзеи лақаб муфтаъилун**
**дубора шуд,**
**Баҳр зи қоида нашуд, то ту баҳона н-оварӣ.**[1]

Вазни шеър дар ғазали мазкур муфтаъилун мафоъилун муфтаъилуан мафоъилун (Раҷази

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 751

мусаммани матвии махбун) мебошад. Дар мисраи чорум ба ҷои муфтаъилун мафоилун, муфтаъилун муфтаъилун гардидаст. Ин дигаргунӣ ҳарчанд ошкору дағал нест, шоир ба он эътибор додааст.

Аз тарзи гузориш ва шеваи аксари даъвию худситоиҳои шоир чунин бармеояд, ки ин гуна муоризотро дар ҷавоби касе мегӯяд, ки дар арсаи ҳунар бо ӯ ҳамовардӣ кардааст, чунончи:

**Дузди баёни ман аст он ки дар ин аҳд,**

**Бар симати шоири-ш ном баромад.**

ва ин масъаларо аз муоризаву мунокишаҳое, ки байни Хоқониву муосиронаш сурат гирифтааст, саҳеҳтар метавон шарҳ дод.

Вобаста ба чигунагии муносибат байни Хоқонӣ ва шоирони муосираш ақида ва назари танқидии шоир низ тағйир меёбад. Бас дучор меояд, ки шоир дар ҳамдигарситоӣ аз рӯи меҳру дӯстӣ дар васфи шоире таҳнияту тавсифҳо карда, ахлоқу ҳунари эҷодии ӯро сутудааст. Ва агар чунин мушоира аз мунокишаву мунозира сарчашма гирад, шоирон дар накӯҳишу мазаммати якдигар то ҷое, ки имкон доранд ифодаву ташбеҳоти кабеҳро ҳам раво мебинанд. Ҳолати мазкур, яъне мунокишаву муҷодалаҳо, аз ду чиҳат дар таърихи накди адабӣ дорои аҳамиятанд. Ҷиҳати аввал он аст, ки дар ин замина шоирон кӯшиш мекунанд то даъвою эродҳои ҳарифро бо далелу бурҳон инкор кунанд ва ҳамзамон бо тавзеҳу ишороти дақиқ фазилатҳои ҳунариву ахлоқии худро муаррифӣ намоянд. Намунаи олии ин гуна муориза дар таърихи накди адабӣ муоризаи Унсурӣ бо Ғазойирии Розист.

Ҷиҳати дуюми масъалаи мазкур дар он зуҳур меёбад, ки ҳангоми мунокишот шоирон зимни ҳиҷогӯӣ мавқеи ахлоқиашонро ошкор карда, ба ин

васила чигунагии муносибаташонро нисбат ба дигар адибон муайян менамоянд. Ин ҷо муносибати Хоқонӣ бо устодаш Абулаълои Ганҷавӣ мисол шуда метавонад, ки поёнтар сари ин мавзӯъ бармегардем.

Ҳамин тариқ, шеваи гузориши матлаб ва хусусиятҳои афкори адабию танқидии Хоқониро ба инобат гирифта, вобаста ба чигунагии муносибати шоир бо адибони муосираш мо мулоҳизаҳои танқидии ӯро дар ду замина- заминаи муноқишаву муҷодала ва дар пайванди меҳру дӯстӣ баррасӣ карданием.

Тавре ки худи шоир дар қитъае шарҳи ҳол кардааст:

**Аз хомаи моршакли Хоқонӣ,**
**Ҳар рӯз ду хосият аён ояд.**
**Ё заҳри мизоҷи душманон хезад,**
**Ё муҳраи нӯши дӯстон ояд.**[1]

Воқеан, муносибати ӯ бо дигар адибон дар ҳамин ду шакл сурат гирифтааст. Он чи аз рӯи девон ва маснавию баъзе номаҳои ӯ бармеояд, ин аст, ки аз ҳамаи адибони муосир дида, Хоқонӣ бештар бо устодаш Абулъалои Ганҷавӣ ва Рашиди Ватвот дар ниҳояти низоъ ва рақобат муносибат кардааст. Ва ҳамаи он фаҳшу муҳоҷоте, ки дар осори шоир мушоҳида мешаванд, асосан ба ҳамин ду шахс нигаронда шудаанд.

## 2. Хоқонӣ ва Рашиди Ватвот

Дар ибтидо миёни Хоқонӣ ва Рашиди Ватвот пайванди меҳру дустӣ устувор буд. Рашид дар васфи

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 880

Хоқонӣ қасидае дар ҳаҷми 32 байт иншо кард, ки оғозаш ин аст:

**Эй сипеҳри қадрро хуршеду моҳ,**
**В-эй сарири фазлро дастуру шоҳ.**
**Афзалиддин булфазойил баҳри фазл,**
**Файласуфи динфизои куфркоҳ.**[1]

Рашиди Ватвот шоири шарвониро ба фозиливу хирадмандӣ, инчунин, мавқеъ ва равияи мазҳабиашро ҳам ситоиш кардааст. Хоқонӣ дар биступанҷсолагӣ, дар он ҳангом ки аз марги амакаш Кофиуддин сухтадилу сӯгвор буд, дар ҷавоби қасидаи Рашид қасидае навишт ва дар он қасида Рашиди Ватвотро ба некӣ сутуд, ки оғозаш чунин аст:

**Магар ба соҳати гетӣ намонд расми вафо,**
**Ки ҳеч унс наомад зи ҳеҷ инс маро.**[2]

Шоир дар қасидаи мазкур пас аз нолидани сарнавишти талхи худ шеъру ҳунари шоирии Рашидро баҳои баланд додааст:

**Сазад, ки ид кунам дар ҷаҳон ба иззи Рашид,**
**Ки назму насраш иди муаббад аст маро.**
**Тавилаи суханаш сиву як ҷавоҳир дошт,**
**Ниҳодамаш ба баҳои ҳазору як асмо…**

Лекин пайванди дӯстӣ байни ду суханвар дер напоид. Аз рӯи ишораҳои Хоқонӣ дар қитъае, ки дар мазамматн Рашид навиштааст, чунин бармеояд, ки Рашид ба Саноӣ таъна задааст ва ин амр боиси хашми Хоқонӣ мегардад:

**Забонбурони замона ба гаштананд магӯй,**
**Ки дар замона манам ҳамзабони Хоқонӣ.**
**Сақотаҳои ту он асту сеҳри ман ин аст,**
**Ба ту чи монам вайҳак, ба ман чӣ мемонӣ.**

---

[1] Рухсори субҳ, саҳ.139
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 29

**Қиёси хеш ба ман кардан аҳмақӣ бошад,**
**Ки Ибни Арбадӣ имрӯз ту, на Ҳассонӣ.**
**Далели ҳумқи ту таъни ту дар Саноӣ бас,**
**Ки аҳмақист сари кардаҳои шайтонӣ.**[1]

Дар қитъаи мазкур яке аз хусусиятҳои асосии назариёти танқидӣ ва тамоюли завқии Хоқонӣ инъикос ёфтааст. Матлаб ин аст, ки шоир барои таъини арзиши воқеии ҳунар ҳамеша меъёр адабиёти арабро мегирад. Ин амал аз як тараф агар таваҷҷӯҳу мароқи шоирро ба балоғати арабӣ ошкор созад, аз ҷониби дигар, тобиши мазҳабӣ ҳам дорад. Чунончи, ифодаи тавсифии сеҳр, ки Хоқонӣ дар таҳнияти шеъри худ бо «сақотаҳо»-и Рашид қиёс намудааст, ба қавли шореҳон ишора бар яке аз ҳадисҳои ҳазрати пайғамбар аст, ки ба ин маънӣ асос дорад: «Инна баъзалбаёни сеҳран» яъне баъзе аз суханҳо ҳамчу ҷодуст,[2] ки Хоқонӣ дар тавсифи қудрати баёни шоирии хеш аз ин истилоҳ фаровон истифода кардааст:

**Мустафо гӯяд, ки сеҳр аст аз баён ман соҳирам,**
**К-андар эъҷози сухан сеҳр аз баён овардаам.**[3]

Махсусияти мазкур дар қитъае, ки Хоқонӣ дар радифи «Унсурӣ» сурудааст, низ мушоҳида мешавад. Аз рӯи шеваи муоризаи шоир дар қитъа аён аст, ки ин қитъа дар ҷавоби касе гуфта шудааст, ки маҳорати эҷодии Унсуриро хеле баланд бардоштааст. Аз рӯи тахмини мо мухотаби шоир дар қитъаи мазкур низ

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 931

[2] Маъсумаи Маъданкан. Базми дерина арӯс. Шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонии Шарвонӣ.-Теҳрон, 1372, саҳ. 116

[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 258

метавонад Рашиди Ватвот бошад, зеро аз рӯи манбаъҳои адабиётшиносии гузашта, алалхусус, ашъори Рашид ва рисолаи «Хадоиқ-ус-сеҳр»-аш ин қазия аниқ аст, ки Рашиди Ватвот ба Унсурӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намудааст. Дар «Хадоиқ-ус-сеҳр» барои намунаи аксари санъатҳо мисолҳо аз осори Унсурӣ иқтибос гаштаанд. Роҷеъ ба ин масъала дар маҷмӯаи номаҳои Рашиди Ватвот низ ишораҳо вуҷуд доранд.

Қитъаи мазкур бо чунин мисраъҳо оғоз мешавад:

**Ба таъриз гуфтӣ, ки Хоқониё,**
**Чи худ дошт назми равон Унсурӣ.**
**Бале шоире буд соҳибқабул,**
**Зи мамдуҳи соҳибқирон Унсурӣ.**[1]

Қитъа аз 24 байт иборат буда, дар он Хоқонӣ асосан сари чор масъала ба Унсурӣ хурдагарӣ кардааст:

1. Мавқеи иҷтимоӣ, ахлоқ ва хислатҳои шахсии Унсурӣ.
2. Баён ва ҳунари шоирӣ.
3. Мундариҷа ва шакли ашъор.
4. Масъалаи маърифатнокӣ ва баҳраманд будан аз илмҳои мухталиф.

Дар масъалаи аввал Хоқонӣ мақсади пешаи шоирии Унсуриро фақат дар ба даст овардани манфиати калон шарҳ медиҳад, ки дар ин роҳ ӯ (Унсурӣ- Б. Ш.) шарафу номуси худро ҳам идора карда наметавонист:

**Ба бӯи ду ноне пеши дунон шудӣ,**
**Зади бӯса чун парниён Унсурӣ.**
**Чунон, к-ин арӯс аз дирам хуррам аст,**

---

[1] [1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 925

**Ба зар буд хуррамравон Унсурӣ.**

ва дар саховатмандӣ низ дасти кушода надошт:

**Диҳам молу бас шод бошам кунун,**

**Ситад зарру шуд шодмон, Унсурӣ.**

Дар масъалаи қудрати баён ва ҳунари шоирӣ низ Унсуриро муқаллиди услуби шоирони даври сомонӣ медонад ва қудрати маддоҳии ӯро дар муқоисаи мадҳияҳои худ ночиз мешуморад:

**Маро шеваи хосу тозасту дошт,**

**Ҳамон  шеваи бостон Унсурӣ.**

**Шиносанд афозил, ки чун ман набуд,**

**Ба мадҳу ғазал дурфишон Унсурӣ.**

Дар баёни шоирӣ, Хоқонӣ, меъёр услуби арабиро таъкид менамояд ва шеваи Унсуриро дар муқоисаи услуби яке аз суханварони маъруфи араб - Саҳбони Войил, паст мезанад:

**Адибу дабиру муфассир набуд.**

**На Саҳбон ба урфи забон Унсурӣ**

Ба ақидаи шоир дар мӯҳтавои осори Унсурӣ ба ҷуз мадҳи мамдуҳу маъшуқ чизи дигаре вуҷуд надорад. Ва воситаи ифодааш низ маҳдуд ба қасидаву ғазал аст:

**Ҷуз ин тарзи мадҳу тирози ғазал,**

**Накарди зи табъ имтиҳон Унсурӣ.**

Эроди чорум ифодагари таҳаввулоти адабиест, ки ба адабиёти мавриди таҳлили мо хос мебошад. Дар  ин мулоҳизаи шоир, мавқеи асосиро нуфузи иҷтимоии шоир ва шеъри ӯ ишғол менамояд. Дар асри XII талабот аз шеър ва вазифаи шоир дар муқоисаи давраҳои пешин дигар шуда буд, ки мо дар боби аввали кор сари ин масъала дахолат карда будем.

Метавон гуфт, ки қитъаи мазкури Хоқонӣ дар таҳқиқи таърихи нақди адабӣ аҳамияти калонро

соҳиб аст. Зеро дар ин ҷо шоир агар, аз як тараф, махсусиятҳои адабии давр, талабот аз шеър, моҳияти шеър, вазифаи шоирро дар ҷомеа хотиррасон карда бошад, аз дигар ҷониб, мавқеи ғоявӣ, иҷтимоӣ ва ҳунарии худро низ ошкор сохтааст, ки дар воқеияти ин даъвою ақидаҳои ӯ поёнтар сухан хоҳем ронд. Барои муайян кардани рӯҳияи адабиёти ин давра аз лиҳози ташаккул ва таҳаввули услубию маънавӣ минбаъд бархе аз адабиётшиносон қитъаи мазкурро ҳамчун далели мӯътамад мисол овардаанд. Чунончи Е. Э. Бертельс ҳангоми мушаххас сохтани мухтассоти адабиёти асри XII дар қиёс бо адабиёти ғазнавиён барои тақвияти фикри худ, ҳамин қитъаи Хоқониро мисол меорад.[1]

Ин ҷо ба маврид аст, ки як нуктаи дигарро дар бораи муносибати Хоқонӣ бо Унсурӣ зикр намоем. Аз мутолиаи осори шоир бармеояд, ки ӯ беш аз ҳар як суханвари дигар аз Унсурӣ ёд овардааст. Ҳамин таваҷҷӯҳи шоирро баъзе аз муҳаққиқон нишонаи эътироф кардани Хоқонӣ Унсуриро пиндоштаанд. Чунончи, Мирҷало-лиддини Каззозӣ менависад: «… Гӯйи Унсурӣ дар чашми Хоқонӣ намунаи бартарин дар миёни чомасароёни номдор менамудааст».[2] Аммо аз рӯи аксари музокираҳо Хоқонӣ дар бораи Унсурӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки бештари

---

[1] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М.:Изд-во вост. литературы, 1960, стр. 506

[2] Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ. Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ. Бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае баланд аз зиндагонӣ ва шеваи шоирии ӯ.- Теҳрон.- 1368, саҳ. 130

чунин ёдкардҳо аз худшиносии эҷодии ӯ сарчашма мегиранд.

Хоқонӣ дар номае, ки барои шоири ҳамрӯзгораш Кофиуддин иншо кардааст, аз мукотиботу ҳамдигарситоии шоирони пешин таҳният карда, зимни ин қасидаи Манучеҳриро, ки «Луғзи шамъ» ном дошта, дар мадҳи Унсурӣ иншо гаштааст, аз тамоми ашъори Унсурӣ боарзиштар донистааст: «Умед ба фазли эзади ҷаллат қудратуҳу чунон аст, ки баъдалиявм бунёди мухолиса ва муҷолама мадидуззил бошад ва хотири кафави (унвони эҳтиромӣ-Б.Ш) дар маноҳичи (тариқаҳои рост) мусофоту (дӯстии пок) мудовот (пай дар пай) мадидунур. Акнун маҷлиси кафавиро маълум аст, ки мукотаба ва муколамаи арбоби сухан боқӣ монад ва дар сабӯҳу ғубук мазкур бошад.

Аз чанд қасоиди нағз, ки Унсурирост, музокираи бештар он қасидаест, ки Манучеҳрӣ дар ҳаққи ӯ гуфтааст. Биҳамдуллоҳ ходим Манучеҳриро тифли дабиристони хеш донад, чуночи маҷлиси кафавӣ Унсуриро».[1]

Дарвоқеъ, қасидаи Манучеҳрӣ, ки бо мисраъҳои зер оғоз мегардад:

**Эй ниҳода дар миёни фарқ ҷони хештан,**
**Ҷисми мо зинда ба ҷону ҷони ту зинда ба тан.**[2]

яке аз беҳтарин сурудаҳои шоир ба шумор меравад. Тавре дар боби аввали кор ишора рафта буд, рӯҳияи арабӣ дар адабиёти нимаи аввали асри XII пеш аз ҳама дар ашъори Манучеҳрӣ мушоҳида

---

[1] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон, 1349, саҳ.256

[2] Манучеҳрии Домғонӣ. Девон. Бо кӯшиши Муҳаммад Дабирсиёқӣ.- Теҳрон, 1347, саҳ. 71

мешавад. Қасидаи мазкур низ аз ҳамин махсусият орӣ нест. Манучеҳрӣ зимни тавсифу мадҳ шеър ва пояи ҳунари Унсуриро аз тамоми шуарои Арабу Аҷам болотар мениҳад.

Дар иқтибоси мазкур Хоқонӣ Манучеҳриро дар ҳунари қасидасароӣ аз Унсурӣ фаротар медонад ва дар айни замон бо ҳама бартарӣ Манучеҳриро «тифли дабиристони хеш» меҳисобад. Аз ин рӯ, дар мулоҳизаи Хоқонӣ як навъ тамоюли услубӣ ва умумияти завқӣ мушоҳида мешавад. Аз дигар ҷониб, дар иқтибоси мазкур як хусусияти дигари ботинии шоир инъикос ёфтааст, ки он эҳтиёҷи ӯ ба шунидани таърифу тавсиф дар ҳаққӣ худ мебошад.

Аз муоризоти дигари Хоқонӣ бо Рашиди Ватвот ҷолиби диққат қитъаест, ки дар он шоир Рашидро барои довариҳои беадолатонааш таъна зада изҳор доштааст, ки ҳарчанд Масъуди Саъд шоири тавоност, аммо чун пайрави Унсурист ва дар айни ҳол ба ӯ (Унсурӣ- Б. Ш.) таъна зада хурдагарӣ мекунад, ки ин нишони беэҳтиромӣ ва носипосии Масъуди Саъд нисбат ба Унсурист:

**Масъуди Саъд на сӯи ту шоирест фаҳл,**
**К-андар сухан-ш ганҷи равон ёфт ҳар ки ҷӯст.**
**Бар табъи Унсурӣ раваду хасми Унсурист,**
**К-андар қасидаҳо-ш занад таънаҳои чуст.**
**…Фарзанди оқ риши падар гирад з-ибтидо,**
**Фаҳли набахра даст ба модар занад нахуст.**[1]

Ҷои таасуф аст, ки аз ҳама он мунокишаҳое, ки байни Хоқонӣ ва Рашид сурат гирифтааст, танҳо баъзе эътирозҳои Хоқонӣ боқӣ мондаасту халос. Аз посуху навиштаҳои Рашид дар ин мушоира мо имрӯз ягон намунае дар даст надорем. Бо ҳамин сабаб ҳам

---

[1] Девни Хоқонӣ, саҳ. 831

наметавонем ин ҷо асли воқеиятро шарҳ дихем, зеро ҳақиқати ҳама гуна мушоираву муоризаҳоро, ки дар онҳо роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни адабию ахлоқӣ баҳс меравад, танҳо тавассути муқоисаву муқобала метавон ба осонӣ таҳқиқ кард. Лекин аз ин ишораи Хоқонӣ:

**Зи гуфтаи ту бичӯшид табъи Хоқонӣ,**
**Ҷавоб дод ба инсоф агарчи дидастам.**
**Ки гар ба зикри ту дигар қалам бигардонам,**
**Пас ин забон чу теғам ба теғ бод қалам.**

чунин бармеояд, ки моҷарои онҳо хеле тӯл кашидааст ва ҳатто Хоқонӣ дар накӯҳиши Рашид қабеҳтарин ифодаҳоро ҳам ташбеҳ кардааст, чунончи:

**Ин гурбачашмак, ин саги ғуриву ғурғурак,**
**Сагсораки муханнасаки зишти кофурак.**
**Бо ман палангсораку рӯбоҳчашмак аст,**
**Ин хӯкгарданак, сагаки димнагавҳарак.**
**Хунбак задан чу бузина, чунбак занад чу хирс,**
**Ин бузинаришаки паҳноманзарак.**[1]

Чунончи аз баъзе номаҳо ва ашъори Рашиди Ватвот бармеояд, ӯ низ марди фазилатфурӯш ва худписанд буда, беш аз он чи муқтазои табъи газофагӯии баъзе шоирони ин давра аст, дар худситоӣ ва бартар ниҳодани хештан бар дигарон муболиға кардаст.[2]

## 3. Хоқонӣ ва Абулъалои Ганҷавӣ

Дигар аз адибоне, ки Хоқонӣ бо ӯ дар паҳнаи суханварӣ дар зиддият муносибат кардааст, ин

---

[1] Девни Хоқонӣ, саҳ. 870

[2]Номаҳои Рашидаддини Ватвот. Бо кӯшиши Қосими Тавсирконӣ.-Теҳрон, 1338, саҳ. 12

Абулъалои Ганҷавӣ мебошад. Абулъалои Ганҷавӣ устод ва ҳам падарарӯсӣ Хоқонӣ буд. Шоир пас аз даргузашти амаки худ Кофиуддин Умари Усмон, бо ӯ робита пайдо карда, бо ёрии ӯ ба дарбори Фахриддин Манучеҳри Шарвоншоҳ роҳ ҷӯст. Азбаски дар ҷараёни минбаъдаи ҳаёт чигунагии муносибати ин ду шоир барои муайян кардани хусусиятҳои ахлоқии Хоқонӣ аҳамияти калонро доро мебошад, таҳлили ин масъаларо ҳам мо дар канор монда наметавонем. Зеро дар рафтори беадолатонаи Хоқонӣ нисбат ба устоди худ як рукни асосии ахлоқиаш таҷассум ёфтааст, ки барқарор кардани он барои мушаххас кардани хусусиятҳои афкори адаби шоир муҳим аст. Шоир дар таъризоташ бо дигар адибон, худро дар масъалаи муносибат бо устод намунаи ибрат вонамуд кардааст, ки мо инро дар мулоҳизаҳои танқидии ӯ нисбат ба Масъуди Саъд мушоҳида карда будем. Дар он қитъа Хоқонӣ Масъуди Саъдро барои беҳурматӣ ва носипосӣ нисбати устодаш- Унсурӣ ба фарзанди нохалаф ва оқшуда ташбеҳ карда буд. (Фарзанди оқ риши падар гирад з-ибтидо, Фаҳли набаҳра даст ба модар занад нахуст). Аммо рафтори худи шоир нисбат ба устод ва падарарӯсаш, байни гуфтор ва кирдораш ихтилоферо падид меорад.

Муҳаққиқи озарбойҷонӣ- Ғаффор Кендлӣ падарарӯс будани Абдулаълоро ба Хоқонӣ инкор мекунад ва менависад, ки зиддият дар аввалҳо байни Абулаъло ва Хоқонӣ дар масъалаи адабиёт, эҷодиёт ва чигунагии муносибат нисбат ба шоирони гузашта зуҳур меёфт, вале шиддат гирифтани ин зиддият ба

он вобастагӣ дорад, ки Абулъало ба дунё аз назари Сино менигарист.[1]

Аз рӯи маводе, ки аз моҷарои Хоқонӣ ва Абулъало боқӣ мондааст, возеҳ аст, ки шоир домоди Абулъало буда, замоне шогирд ва ба дарбор ҳам ба василаи ӯ роҳ ёфта будааст, чунончи Абулъало мегӯяд:

**Ту, эй Афзалиддин, агар рост пурсӣ,**
**Ба ҷони азизат, ки аз ту на шодам.**
**Даравгарписар буд номат ба Шарвон,**
**Ба Хоқоният ман лақаб барниҳодам.**
**Ба ҷойи ту бисёр кардам нукӯӣ,**
**Туро духтару молу шӯҳрат бидодам.**
**Чаро ҳурмати ман надорӣ, ки ман худ,**
**Туро ҳам падархонда ҳам устодам.**[2]

Дар бораи зиддияти ин ду шоир дар масъалаи адабиёт ва муносибат ба шоирони пешин чизе гуфта наметавонем, зеро аз маводе, ки боқӣ мондааст роҷеъ ба масъалаи мазкур ягон ишорае нест. Ва Ғаффор Кендлӣ дар кадом асос ба ин хулоса омада бошад, низ номаълум аст. Аммо муносибати падарарӯсӣ доштани Абулъалоро ба Хоқонӣ муҳаққиқи мазкур бо дигар сабабҳо инкор карданӣ мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии ба чунин хулоса омадани муҳаққиқи озарбойҷонӣ таъсири мақолаи А. Зарринкӯб мебошад. А. Зарринкӯб дар мақолааш бо назардошти баромади иҷтимоӣ, муҳит, саргузашти

---

[1]Гафар Кендли- Херисчи Али огли. Хакани Ширвани. Жизнь, эпоха, среда./Автореф. дис. на соиск. уч. ст. д-ра филол.наук.- Баку, 1972, саҳ. 98

[2] Рухсори субҳ, саҳ. 137

пурмаҷорои зиндагии шоир ва муносибати ӯ ба волидайну дигар атрофиён аз як тараф мехоҳад сабаби ҳама худситоишҳою шикоятҳои талхи Хоқониро ошкор кунад, аз ҷониби дигар ба ҳамин васила аҳволи рӯҳии шоирро низ таҳлил кардани мешавад. Муҳаққиқи мазкур сабаби ҳамаи худситоиҳову овозаҷӯӣ ва баёни ғайриоддии Хоқониро бо фазилатфурӯшию ҷоҳталабӣ мансуб дониста, ӯро дар ин ҷода ёдовари шоири номвари араб - Мутанабӣ, медонад. Ва табъи худхоҳу пурғурири шоиррро низ як навъ «уқдаи хақорат» дар вуҷуди ӯ шарҳ медиҳад.[1] Уқдаи ҳақорат ба қавли А. Зарринкӯб иборат аст ва уқдае, ки соҳиби он худро аз он чи менамояд фурутар ҳис мекунад. Албатта, ин ҳақорат метавонад воқеӣ бошад, ё хаёлӣ. Аммо ба ҳар ҳол соҳиби ин уқда «Барои талофи ва ҷуброни ҳақорати хеш ғолибан ба дигарон рафтори омехта бо таҷовуз ва таҳқир дорад».[2]

Ҳақиқати ҳол он аст, ки Хоқонӣ аз як навъ хусусияти фардӣ- ботинӣ, ки аз ғуруру худбинӣ иборат аст, орӣ нест. Ҳамин хусусияти фардии шоирро Ян Рипка низ дарёфтааст, ки менависад: «Гениальный поэт, но необычайно само-влюбленный и чувствительный человек- в этом ключ к правильному пониманию его нескладной жизни».[3]

Дар масъалаи ба молу неъмати фаровон майли тамом доштани Хоқонӣ низ ақидаи А. Зарринкӯб

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла.Дар бораи бист тан шоири форсигӯ. Аз Рӯдакӣ то Баҳор.- Теҳрон, 1343, саҳ. 107-122

[2] Бо корвони ҳулла, саҳ. 123

[3] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, стр. 205

дархурди эътимод аст ва ин мояро аз ишораҳои фаровони Хоқонӣ ҳам пай бурдан мумкин аст. Аммо гузориши ин матлаб ба мамдӯҳ аз ҷониби Хоқонӣ аз мавқеи худшиносии эҷодӣ ва қадри суханвар дар таърихи ҷомеа сарчашма мегирад, ки дар мавриди худ ба шарҳи ин масъала бармегардонем.

Ҳамин тариқ, муносибати Хоқонӣ бо Абулъало тавре аз шикоятҳои шоир бармеояд, дар ихтилофи назар ба масъалаҳои равияи мазҳабӣ вайрон гаштааст. Шиддат гирифтани муҳоҷот ва аз ҳаҷв ба фаҳшгӯӣ пардохтани Хоқонӣ шояд дар ҳаққи ӯ айбгӯӣ кардани Абулъало ҳам бошад, чунки дар қасидае, ки шоир ба яке аз пешвоёни мазҳаби шофеия – Иброҳими Бокуӣ, иншо кардааст, аз Абулъало ба ин тариқ шикоят мекунад:

**Ҳеҷ накарда гуноҳ то кай бошам бигӯй,**
**Хастаи ҳар ноҳифоз, бастам ҳар носазо.**
**Ранҷи диламро сабаб гардиши айём нест,**
**Феъли саги ғарча аст, қудҳи хари русто.**
**Аз лагади ҳодисот сахт шикаста дилам,**
**Баста хаёлам, ки ҳаст ин халал аз Булъало…**[1]

Аз рӯи гуфтаи Хоқонӣ чунин бамреояд, ки Абулъало ҳам ӯро дар кадом масъалае айбор кардааст. Азбаски аз Абулъало маводе дастрас нест, наметавонем ҳақиқати даъвои Хоқониро ошкор созем. Шоир дар «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» менависад:

**Бини саги ғарчаро дар ин кӯй,**
**Ҳам сурх қафову хам сияхрӯй.**
**… Он мулҳид Абулъалои софил,**
**Чун ваҳду ваҳима ғуфлу ғофил.**
**Он Ҷоҳизи вақтро бадихоҳ,**
**Он ҷоҳиди дин Абодуаллоҳ.**[1]

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 37

Ҳарчанд шоир дар ин муноқиша устодашро айбдор карданӣ мешавад, ки ӯ дар пояш айбҷӯй кардааст, аммо ба ҳамаи ин Хоқонӣ аз як тараф агар дар мавқеи мазҳабиаш таассуб зоҳир намояд, аз дигар сӯ дар афкори танқидии худ як навъ таззоде зоҳир кардаст. Чунки дар ин муориза усули шикоят ва шарҳи ҳоли Абулъало нисбатан диққатҷалбкунанда мебошад. Ӯ аз зиштгӯиву қабоҳатҳои шогирдаш дар қитъае ба як тарзи марғуб нолидааст:

**Умре ба чашми хештан аз айни мардумӣ,**
**Ҷо додамаш, ки гардад аз ағёр нопадид.**
**Аз оби дида нахли қадаш парвариш гирифт,**
**Чандон, ки ҳамчу сарву гул аз ноз баркашид.**
**Чун тифли ашк оқибат он шӯхи шӯхчашм,**
**Аз чашми ман баромаду бар рӯи ман давид.**[2]

## 4. Мувозанаи Хоқонӣ бо Асириддини Ахсикатӣ

Дигар аз шоироне, ки дар арсаи суханварӣ бо Хоқонӣ ҳамовардӣ ҷустааст, ки Асириддини Ахсикатӣ мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки таъин кардани арзиши эҷодиёти шоирон дар қиёси ҳамдигар яке аз қадимтарин масъалаҳои нақди ба шумор меравад. Дар адабиётшиносии гузаштаи форсӣ ва ҳам арабӣ ин масъаларо бо истилоҳи мувозана ифода мекардаанд.[3] Муайян кардани вазни суханварон дар нисбати якдигар, ки дар заминаи

---

[1]Хоқонии Шарвонӣ. Тӯҳфат-ул-Ироқайн. Бо эҳтимоми дуктур Яхёи Қариб.- Теҳрон, 1333, саҳ. 235
[2] Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 138
[3] Абдулҳусайни Заринкӯб. Нақди адабӣ, саҳ. 192

маҳорат ва қудрати эҷодӣ асос ёфтааст, моҳияти аслии ин масъаларо ташкил медиҳад.

Метавон гуфт, ки шиддат гирифтани ин падида дар адабиёти асри XII низ бо таъсиру нуфузи адабиёти арабӣ вобастагӣ дорад. Чунончи, аз таърихи адабиёти араб маълум аст, шоирони араб ҳанӯз дар давраи ҷоҳилият ва минбаъд дар аҳди ислом низ борҳо сари ин масъала ба якдигар бархӯрдаанд. Дар муҳоҷот ва мунокишае, ки байни Ҷариру Фарзадақ дар гирифт, баъзе шоирон ҷониби Фарзадак бархостанд ва баъзе дигар ҷониби Ҷарирро гирифтанд. Ҳамчунин дар бораи бартарии Абутамом ва Буҳтурӣ ҳам музокираҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҳавохоҳони ҳар кадом аз ин ду шоир дар тасдиқи даъвои худ далел овардаанд.[1]

Ин падида дар адабиёти гузаштаи тоҷик ҳам хеле ривоҷ дошт. Ҷолиби диққат аст, ки сари масъалаи мазкур ҳам шоирон бо якдигар ҳамовардӣ кардаанд ва ҳам тарафдорону ҳаводорони онҳо. Чи тавре ки аз ин мулоҳизаи Давлатшоҳи Самарқандӣ бармеояд, дар мавриди муайян кардани мартабаи суханварии Хоқонӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва Анварӣ адибон мубоҳиса оростаанд, ӯ менависад: «Арбоби фазл Асирро дар шоирӣ мусаллам ва баъзеро иддао он аст, ки сухани ӯ бар сухани Хоқонӣ ва Анварӣ фазл дорад ва баъзе ин даъворо мусаллам намедоранд. Инсоф он аст, ки ҳар яке аз ин се фозилро шеваест, ки дигарро нест. Асир суханро донишмандона мегӯяд ва Анварӣ

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ, саҳ. 194

салиқаи суханро хубтар риоя мекунад ва Хоқонӣ дар тумтароқи лафз бар ҳама фазл дорад».[1]

Дар таъин намудани мушахассоти ҳунарии Асир, Хоқонӣ ва Анварӣ Давлатшоҳ истилоҳотеро ба кор гирифтааст, ки ташхиси аниқи онҳо дар алоҳидагӣ имконнопазир мебошад. Ба ибораи дигар баъзе аз он истилоҳот хусусияти меъёрии муайян надоранд. Чунончи, ифодаи тавсифии «Асир суханро донишмандона мегӯяд», ин таъриф танҳо хос ба маҳорати эҷодии Асир нест ва Хоқониву Анварӣ ҳам аз бузургтарин донишмандони замони худ ба шумор мерафтанд, ки асари донишмандиву соҳибмаълумотии эшон дар осорашон ҳам бараъло намоён аст. Ва ё шояд вожаи дониш дар гузашта тобиши дигари маъноӣ дошта бошад, ки ин масъала кобили тадқиқ аст. Ба ҳар ҳол таҳлил ва мулоҳизаҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ аз доираи довариҳои завқӣ берун аст, алалхусус, дар мавриде, ки ӯ мегӯяд: «Инҳо (Асир, Хоқонӣ ва Анварӣ- Б. Ш.) ғаввосони буҳори маъонӣ буданд ва ҳар яке ба қадри кӯшиш аз ин баҳр дурдона берун овардаанд».[2]

Дар мушоирае, ки байни Хоқонӣ ва Асир сурат гирифтааст, мавзӯи асосии баҳси онҳо низ масъалаи мувозана мебошад. Ҳар кадоме дар ин ҷода ба шеваи таъриз худро нотакрор, ягона ва бе ҳамқирон шуморидаанд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар ин бора менависад: «Ва фозили замони худ Асириддини Ахсикатӣ муосири Хоқонӣ буд ва аз диёри Фарғонаи

---

[1] Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббос.-Теҳрон, 1337, саҳ. 139

[2] Тазкиратушшуаро, саҳ. 139

Туркистон ба орзуи оҳанги Хоқонӣ ва мулки Шарвон кард… ва Асир ҳамвора муоризи Хоқонӣ мебуда ва сухани худро бар сухани Хоқонӣ муқаддам медошта ва ин қитъаро Хоқонӣ назди Асир фиристод:

**Хирад харитакаши хомаву банони ман аст,**
**Сухан ҷанибабари хотиру баёни ман аст.**
**Ба кирдгор, ки даври замон падид овард,**
**Ки давр даври ман асту замон замони ман аст.**

Ва Асириддин ин қитъаро дар ҷавоб фиристод:

**Гиреҳкушои сухан хомаи навони ман аст,**
**Хазинадори равон хотири равони ман аст.**
**Кашид зини ман ин дайзаи ҳилолрикоб,**
**Аз он ки шаҳпари руҳулкудус инони ман аст.**
**… На ман қарини вуҷудам?,**
**саҳаф бувад гуфтан,**
**«Ҳанӯз дар адам аст он ки ҳамқирони ман аст».**
**В-агар забони ҳунар месарояд ин даъвӣ,**
**Ба ҳукми ақл саҷал мекунам, ки они ман аст».**[1]

Қитъаи Хоқонӣ, ки барои мушоира бо Асир эҷод кардааст, дорои даҳ байт аст. Дар қитъаи мазкур дар баробари даъвию овозаҷӯӣ як нуктаи ҷолиби диққат аст, ки он қобили зикр мебошад. Хоқонӣ ба Асириддин таъкид карда мегуяд, ки ҳангоми ҳаҷв одоби муҳоҷотро бояд риоя кунӣ, очунон ки марост:

**Ба вақти ҳаҷв маро фаҳш гуфтан ойин нест,**
**Ки ҳаҷви ман баадабтар зи хонадони ман аст.**[2]

Агар ишораи мазкурро бо он ифодаҳои қабеҳе, ки шоир дар таҳқири Рашиди Ватвот ва Абулъалои

[1] Ҳамон асар, саҳ. 65
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 701

Ганҷавӣ раво диниста буд, муқоиса намоем, он гоҳ ихтилофе байни гуфтаҳою кирдораш падид меояд. Ва ҳамин таззод аксари ҷанбаҳои фикриву равиявии шоирро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, он усулеро, ки баъзе муҳаққиқон дар барқарор кардани ҷиҳатҳои фикриву ахлоқӣ ва мазҳабии Хоқонӣ истифода менамоянд, на он қадар қобили қабул шуда метавонад. Ин ишора ба хоқоншиносони озарбойҷонӣ Ғаффор Кендлӣ мебошад, ки ӯ дар рисолаи доктории хеш аз ҳамин мавқеъ ба ҷиҳатҳои ахлоқӣ ва мавқеи иҷтимоии шоир доварӣ кардааст. Осори Хоқонӣ худ як маъхази тарҷумаиҳолиест, ки дар он шоир ҷузъитарин лаҳзаҳои ҳаёт, ҳолоти рӯҳиашро инъикос намудааст. Барои ҳамин таззодҳои фикриву ахлоқии ӯро дар тағйирёбии ҳолати рӯҳияаш бо ангезаҳои авзои замона шарҳ бояд дод, на дар як қолаби муайян ҷо кардани ҳамаи хусусиятҳои фикриву мазҳабӣ ва яктарафа баҳо додан.

Дар муқаддимаи девони Асир Рукниддини Ҳумоюнфаррух пас аз арзёбии мушаххассоти сабкӣ ва мартабаи суханварии Асириддини Ахсикатӣ муносибати ӯро бо адибони давр ва саромадону пасомадон таҳлил мекунад ва дар фасле, ки “Асир ва Хоқонӣ” унвон гирифтааст, перомуни мулоҳизоти муҳаққиқон дар атрофи муносибати Хоқонӣ бо Асир изҳори ақида карда, мартабаи суханвари Асирро бар Хоқонӣ тарҷеҳ додааст ва арзиши шеъри Хоқониро дар муқобили шеъри Асир ночиз муаррифӣ кардааст. Ҳумоюнфаррух мулоҳизаҳои Банокатӣ, Тақиуддини Кошонӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигар муҳаққиқонро оварда, баъдтар андешаҳои адабиётшиносони муосирро ҳам зикр месозад. Тавре аз мутолиаи тадқиқоти муҳаққиқони муосир бармеояд, Асир дар ин моҷаро аз доираи одоб берун баромадааст

ва бо Хоқонӣ барин шоири забардаст ҳаққи ҳамсангӣ ҷӯстан надорад. Дар ин бораи Фурӯзонфар менависад: “Асириддин ҳамон устод аст, ки бо камоли маҳорат сабки Саноӣ ва Анвариро тақлид мекунад...Чанд қасида ҳам ба тариқаи Хоқонӣ суруда ва аз ӯҳда баромада ва ӯ худро аз Хоқонӣ бартар медонад ва ин гуфта аз инсоф дур аст».[1] Ва Забеҳуллоҳ Сафо, ҳам ин фикрро тақвият бахшидааст: “Аз он ҷо, ки худро ҳампояи Хоқонӣ мешуморад кори он ду ба бадгӯӣ ва таъриз ба якдигар кашид ва ҳатто тазкиранависон навиштанд, ки Асир ба қасди муориза бо Хоқонӣ аз Хуросон оҳанги Шарвон кард ва дар роҳ ба хидмати Арслон ибни Туғрал пайваст. Вай агарчи натавонист худро ба пояи Хоқонӣ бирасонад ва дар муоризае, ки бо он устод дошт қадам аз доираи адаб ва инсоф ба берун ниҳод, лекин дар бисёре аз маворид тавонистааст аз ҳайси эҷоди мазомин ва ибдоъи таркиботи хос ва истиора аз афкори илмӣ ва иттилооти васеъи худ дар халқи маонӣ ба сухангӯи бузурги Шарвон наздик шавад.”

Пас аз овардани ин иқтибосҳо Рукниддини Ҳумоюнфаррух менависад, ки “Шойиъа ва афсонаи ҳаракати Асир аз Хуросон ба қасди муориза бо Хоқонӣ холиулваҷҳ аст. Зеро Асир бар асари инқилоби Хуросон ва буруз ва зуҳури фитнаи Ғуз ба Ироқ омад на ба қасди муориза бо Хоқонӣ ва далел бар бутлони ин он аст, ки навиштаанд, ки дар роҳ ба хидмати Султон Арслон расид...Овардаанд, ки дар Табрез Хоқонӣ ӯро дид ва пурсид кистӣ ва ӯ рубоии маъруфи

---

[1] Асириддини Ахсикатӣ. Девон. Тасҳеҳ, муқобала ва муқаддимаву шарҳи ҳол ба қалами Рукниддини Ҳумоюнфаррух.- Теҳрон: Китобфурӯшии Рӯдакӣ, 1337, саҳ. 68

худро хонда сохтагӣ ва аз ҷаълиёти авом аст, зеро мустабъад аст, ки Хоқонӣ аз хиёбон бигзарад ва бидуни ошноӣ ва шиносоии қаблӣ мутаваҷҷеҳи шахси ношиносе бишавад ва бигӯяд ту кистӣ."[1]

Дар бораи ин муоризот Ҳумоюнфаррух менависад: "Аммо муоризоти онҳо он чи мусаллам аст Хоқонӣ шоире мағрур ва худписанд буда ва суханро ба худ хатмшуда мепиндошта ва гӯяндагони ҳамасри худро ҳақир ва ночиз мешумурда ва бар онҳо таъна мезада то ҷое ки тамоми гӯяндагони ҳамасрашро алайҳи худ барангехтааст".[2]

Ҳумоюнфаррух менависад, ҳарчи дар ашъори Асир тааммуқ ва диққат кардам матлаби хориҷ аз ҳудуди адабро надид. Бо ин ки Асир мугӯяд:

**Хулқони ҳирсу оз бикаш аз сари Асир,**
**В-аз нанги мадҳ гуфтани хулқон-ш во раҳон.**
**Мурғи саҳаргаҳист сафири саломи ӯ,**
**Ӯро ба ошёнаи Шарвониён расон.**
**То дар хӯи хиҷолати Ҷайҳун кунанд хок,**
**Хоқонии саногару хоқони шеърхон.**
**Боре, фарохсоли сухан бинад он ки гуфт,**
**«Қаҳти вафост дар бунаи охируззамон».**

Баъдтар Ҳумоюнфаррух перомуни ашъори Хоқонӣ менависад: «Муғлақгӯӣ ва мубҳамгӯӣ яке аз имтиёзоти хосси Хоқонӣ аст ва дигарон номи ин муғлақгӯӣ ва мубҳасароӣ ва печидагиро тумтароқ гузоштаанд ва овардани номҳое ғайримаънус ва истилоҳоти дур аз зеҳни мазҳаб ва адёнро ҳунар шумурдаанд. Ин номафҳумгӯии Хоқонӣ то ба ҷоест, ки ҳанӯз ҳам бо он ҳама шурӯҳи бисёре аз қасоидаш лоянҳал мондааст. Оқои дуктур Қариб дар муқаддима ва таҳқиқоти худ

---

[1] Девони Асир, саҳ, 69
[2] Ҳамон асар, саҳ. 70

бар «Тӯҳфатул Ироқайн» менависад: «Вале бояд бо ниҳояти таассуф иқрор ва иғроқ кард, ки ин устоди бузургвор, ки дар асри мушкилгӯӣ ва душворнависӣ мезиста, монанди соири шуаро ва сухансароёни муосири худ тамоми маълумот ва иттилооти худро дар ашъори хеш ба кор бурда ва ба ҳамин ҷиҳат фаҳм ва идроки бештари аз ашъораш бағоят душвор ва шояд баъзе аз онҳо лоянҳал бошад ва аз ин равиш, ки шарҳҳо ва тафсирҳо бар ашъори ин устоди азимушшаън нигоштаанд». Бо таваҷҷӯҳ бо он чи рафт бояд гуфт, ки Асир дар баробари як чунин шоире муғлақгӯ дар салосат ва равонӣ ва латофат ва балоғат ва мазомини дилнишин ва шӯрангез гӯӣ сабқат бурда ва ҳамчунон ки аз замони Асир то даврони Тақиуддани Кошонӣ ноқидон ва мустаъидон ва суханшиносон ақида доштанд ва ин ақида имрӯз бо интишори осори Асир ба субут мерасад аз Хоқонӣ дар сухан муқаддам ва чирадасттар аст ва мақоме волотару болотар аз сухансарои Шарвон дорад. Беҳтарин гувоҳ бар ин муддао ғазалиёт ва қасоиду рубоиёту тарҷеъоти ӯст. Гуфтаанд Асир татабӯъи сабки Хоқонӣ карда ва тавонистааст дар бархе маворид ба сухансарои Шарвон наздик кунад. Ин назар комилан хилофи воқеъ ва дур аз инсоф аст.»[1]

Ҳумоюнфаррух ин афкорро инкор карда, менависад, ки Асир ҳеҷ гоҳ татабӯъи девони Хоқониро накардааст, балки ҳамаи шоирони маъруфи асри

---

[1] Асириддини Ахсикатӣ. Девон. Тасҳеҳ, муқобала ва муқаддимаву шарҳи ҳол ба қалами Рукниддини Ҳумоюнфаррух.- Теҳрон: Китобфурӯшии Рӯдакӣ, 1337, саҳ. 71

дувоздаҳум, ҳатто пештар аз онҳо Саноӣ барин суханвар, шефтаи баёни Усмон Мухторӣ будаанд.

Масъалаи мувозанаи суханварони маъруфи садаи дувоздаҳум худ як тадқиқоти мукаммалро талаб мекунад.

## 5. Хоқонӣ ва Муҷириддини Байлақонӣ

Дигар аз адибони давр, ки бо Хоқонӣ мушоира оростааст, Муҷириддини Байлақонӣ мебошад. Муҷириддин аз шоирони маъруфи ин аҳд ва яке аз шогирдони Хоқонист. Аз қасидае, ки ӯ дар мадҳи Хоқонӣ навиштааст, чунин бармеояд, ки дар ибтидои фаъолияти эҷодӣ тариқаи суханварии ӯро пазируфта, ба ӯ пайрави менамудааст:

**Ба ибтидои сухан чун ба шеър пайвастам,**
**Ниҳеби шеъри туам кард сина пурғавғо.**[1]

Дар ин қасида Муҷириддин тамоми фазилатҳои суханварии Хоқониро баршумурда, ӯро ягонаи суханварони даврон, «хотам-уш-шуаро» меномад:

**Зи доми чуну чаро сар бурун барем охир,**
**Ба фазли эзади тафзилу хотам-уш-шуаро.**
**Абулфазойил, хуршеди ҳикмат, афзали дин,**
**Ки фахри аҳли замин асту тоҷи аҳли само…**

Лекин сипосу ситоиши Муҷир аз Хоқонӣ дер напоид, шогирд чун ашки шӯху густох бар чеҳраи устод давид ва аз подоши рӯзгор бар Хоқонӣ ҳамон расид, ки аз ӯ ба Абулъало расида буд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ навиштааст, ки Муҷир дар назди Атобак Элдгиз-аз атобакони Озарбойҷон, пойгоҳе баланд ёфт. Атобак ӯро барои корҳои девонӣ ба Исфаҳон фиристод. Бузургони он сомон тавре ки

[1] Девони Хоқонӣ, муқаддима

месазад ӯро гиромӣ надоштанд. Аз ин муносибати аҳли Исфаҳон Муҷир ранҷид ва ба накӯҳиши Исфаҳон пардохт, чунонки гуфтааст:

**Гуфтам зи Сифоҳон мадади ҷон хезад,**
**Лаълест мурувват, ки аз он кон хезад.**
**Кай донистам, к-аҳли Сифоҳон кӯранд,**
**Бо ин ҳама сурма, к-аз Сифоҳон хезад.**[1]

Адибону донишмандони исфаҳонӣ аз ин гуфтори Муҷир ба хашм омада, ӯро мавриди накӯҳишу сарзаниш қарор доданд. Дар баробари Муҷир ҳамзамон устодаш Хоқониро низ таъна заданд, зеро онҳо мепиндоштанд, ки Хоқонӣ Муҷирро ба ин кор барангехтааст.

Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар қасидае Муҷириддини Байлақониро барои ин кирдораш ҳушдор дода, ӯро ба марг ҳаросонидааст ва Хоқониро ҳам таъна зада менависад:

**Ҳаҷв мегӯӣ, эй Муҷирак, ҳон,**
**То туро з-ин ҳиҷо ба ҷон чӣ расад?**
**Дар Сафоҳон забон ниҳодӣ, бош!**
**То сараро аз ин забон чи расад.**
**…Тез дар риши хоҷа Хоқонӣ,**
**То ба ту хоми қалтабон чӣ расад.**[2]

Хоқонӣ, ки дар ин айём аз ғаму андӯҳи рузгору маҷароҳои гуногуни зиндагӣ куфтаҷону хастадил буд, пас аз огоҳ шудани моҷарои навбатии шогирд, қасидае дар радифи «Сифоҳон» эҷод кард, ки яке аз беҳтарин қасидаҳои Хоқонӣ ба шумор меравад. Дар ин қасида шоир Муҷириддинро ба дуздии баёни хеш муттаҳам карда, Исфаҳонро ба зебоӣ васф кардааст:

**Деви раҷим он ки буд дузди баёнам,**

---

[1] Тазкиратушшуаро, саҳ, 140
[2] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ.145

**Гар дами туғён зад аз ҳиҷои Сифоҳон.**
**Ӯ ба қиёмат сапедрӯй нахезад,**
**З-он ки сияҳ баст бар қафои Сифоҳон.**[1]

Пас аз ин воқеа байни устод ва шогирд зиддият ҳосил гашт ва эшон бар якдигар забон баркушуда, ба зиштгӯиву накӯҳандагии якдигар пардохтанд. Муҷириддин дар қитъае Хоқониро ба хасе монанд кардааст, ки барои соҳиб шудани унвонҳои ҳунарии замона арзише надорад, фазилатҳои устодро, ки пештар ба «хуршеди ҳикмат», «афзали дин», «хотам-уш-шуаро» васф карда буд, ночиз шумурд ва Хоқониро «хушачини хирмани табъ»-и хеш ҳисоб кард:

**Ҳассонлақаб шуданду касе дар Араб намонд,**
**К-ин ном бар хасе зи хасони Аҷам ниҳанд...**[2]

ва ҷои дигар:

**Пирӯзаи осмон нигинам зебад,**
**Бар тавсани рӯзгор зинам зебад.**
**Бар хирмани назму наср чун Хоқонӣ,**
**Ҳаққо, ки ҳазор хушачинам зебад.**

Дар посух ба ҳама ин ҳаҷву маззамат ва даъвоҳои Муҷир Хоқонӣ фақат ӯро дузди баёни худ гуфта, шогирдашро ба зоғе монанд кардааст, ки равиши булбулро таклид мекунад:

**Хоқониё, хасон, ки тариқи ту мераванд,**
**Зоғанду зоғро сифати булбул орзуст...**[3]

Дар як қасидаи дигараш низ Хоқонӣ ҳамаи пайравону қосидонашро, ки ба ӯ муқовимат варзида, ҳамқиронӣ мекунанд таъна зада, Муҷириддинро ҳам

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 355
[2] Рухсори субҳ, саҳ. 146
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 725

ба он гурўҳ дохил кардааст. Қасида бо байти зер оғоз мегардад:

**Мушти хасинреза, к-аҳли сухан наянд,**
**Бо ман қирон кунанду қаринони ман наянд…**[1]

Асириддини Ахсикатӣ низ Муҷириддини Байлақониро дузди сухани худ хондааст. Минбаъд ин даъвои Асриддинро Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур» як навъ беадолатӣ дар ҳаққи Муҷир шарҳ дода, сурудаҳои Муҷириддини Байлақониро хеле тавсиф кардааст. Асириддини Ахсикатӣ Муҷириддинро тавре ки қайд кардем ба сирқот айбдор кардааст:

**Аз барои худой Хоҷа Муҷир,**
**Корвонҳои шеъри ман чӣ занӣ.**

Ровандӣ, ки ба Муҷириддини Байлақонӣ эътиқоди калон меварзид, ба эроди Асир дар хашм омада, ўро накўҳиш кардааст:

«Шарм бод Асири Ахсикатиро, ки дар баробари ин маънӣ гуфт: Аз барои худой… он ҳақиқат сахт номунсифӣ кард ва агар чи шеъри ўву Мунҷир дар мадҳ бисёр аст, аз маломат меандешам.. ва шеъри Асир ба тавсиби Муҷир беш аз як қасидае намеорам».[2]

Роҷеъ ба муносибати Хоқонӣ ва Муҷир адабиётшиносон ақидаҳои мухталиф изҳор доштаанд. Лутфалибеги Озар дар «Оташкада» менависад, ки Муҷириддин Хоқониро ҳаҷв накардааст, аммо соҳиби «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» муҳоҷоти Муҷирро бар Хоқонӣ қойил аст.[3]

Ҳамин тариқ, мулоҳизаву муҳокимаҳои танқидии шоирон, ки аз мунокишаву муҷодала сар мезанад, дар

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 174
[2] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 147
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 48

таърихи нақди адабӣ на ҳама вақт воқеӣ ва дархурди эътимод буда метавонад. Тавре ки аз мисолҳои боло аён гашт, дар шеваи афкори танқидии шоирон, чигунагии муносибати байниҳамдигарии эшон низ таъсир дорад. Аз ин намуна дар таърихи адабиёти форсӣ мисолҳои фаровон овардан мумкин аст.

Дар фарҷоми қасидае, ки Хоқонӣ дар тавсифи Исфаҳон ва накӯҳиши шогирдаш Муҷириддини Байлақонӣ иншо кардааст, бо муқтазои ҳол ва посух ба аҳли адаби Исфаҳон, ки ӯро ҳам аз лиҳози ҳунару қудрати шоирӣ дар баробари шогирдаш паст зада буданд, ба муаррифии фазилатҳои худ пардохта ва ин тариқ иддао кард:

**Понсади ҳиҷрат чу ман назод ягона,**
**Боз дубора кунам дуои Сифоҳон.**
**Мабдаъи фаҳлам ба назму наср шиносанд,**
**Кам накунам то зиям валои Сифоҳон.**[1]

Ин худситоии шоирро Ҷамолиддини Исфаҳонӣ посух гуфт. Ҷамолиддин дар оғози қасидаи хеш худситоиҳои Хоқониро нишонаи лофу ҳазёноти ӯ шумурда, таъкид карда мегӯяд, ки аввалан худ оқил даъвои фазл намекунад, лекин агар карданӣ бошад бояд аввал суханро аз ибтидо ба поён барад:

**Касе бад-ин моя илм даъвии دониш кунад?**
**Касе бад- ин қадр шеър номи бузургон барад?**
**Тӯҳфа фиристӣ зи шеър сӯи Ироқ ин-т ҷаҳл,**
**Ҳеҷ кас аз зиракӣ зира ба кирмон барад?...**[2]

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 555

[2] Девони Ҷамолиддини Исфаҳонӣ, саромади қасидасароён дар садаи шашум. Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ.- Теҳрон: Саноӣ, 1362, саҳ. 420

Сипас Ҷамолиддин аз накӯҳиши шӯхиомези худ ба таърифи Хоқонӣ мепардозад ва мегӯяд, ки ҳамаи он таънаҳо барои «тиббат» (шӯхӣ) буд:

**Ин ҳама худ тиббат аст, биллоҳ агар мисли ту,**
**Чарх ба сесад қирон гашт ба даврон кунад.**

Дар ин таъриф Ҷамолиддин бо ифодаҳои шоирона махсусиятҳои маънавию лафзии эҷодиёти шоири шарвониро номбар мекунад, чунончи, «Маънии бикри ту зевари бустон барад», «Фалак зи алфози ту зевари олам диҳад», «Хирад зи ашъори ту ҳуҷҷату бурҳон барад» ва амсоли ин. Дар баробари афзалиятҳои маънавию услубии шоир, ҳамчунин, ба мавқеи иҷтимоии шоир ишора карда менависад:

**Шукри худоро, ки ту нестӣ аз он ки ӯ,**
**Шеър ба дунон чу мо барои ду нон барад…**

Дар байти мазкур Ҷамолиддин ишораи Хоқониро дар таъни Рашиди Ватвот, ки (Ба бӯи ду нон пеши дунон шудӣ- Задӣ бӯса чу парниён Унсурӣ) гуфта буд, дар назар дорад.

Бо ҳамаи мартабаи баланди суханварӣ дар замони худ нигоҳ накарда, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ Хоқониро бар афзалияти тамоми шоирони ҳамзамону пешин меситояд ва мартабаи ҳунару сухандонии хешро назди Хоқонӣ ночиз мешуморад. Дар қиъае Ҷамолиддини Исфаҳонӣ Хоқониро ҳамчун довар барои таъини арзиши шеъри худу арзиши суханварии Муҷириддини Байлақонӣ мехонад:

**Ба ҳазрати ту ҳаме лофи фазл натвон зад,**
**Ки пеши Юсуф айб аст даъвии таъбир.**
**Дигар наёрам гуфтан, ки дар ҷаҳони хирад,**
**Камина резахӯронам Фараздақ асту Ҷарир.**
**Ҳадиси фазл раҳо кун, ки хок бар сари фазл,**
**Ман ин тариқ супурдам низ қалилу касир.**

**Вале ба шеър агар беҳ наям зи Хоқонӣ,**
**Ба ҳеҷ ҳол ту донӣ, ки кам наям зи Муҷир.**[1]

Аз тарзи гуфтори Ҷамолиддин дар ин қитъа бармеояд, ки шоир дар муфохираву фазилатфурӯшиҳои замона то андозае саҳм доштааст. Матлаб ва мақсади шоир аз ин иддао он аст, ки суханварон дар муфохира бояд адолат ва ҳадди воқеии худситоиро нигоҳ дорнд. Ҷолиби диққат аст, ки Ҷамолиддин дар масъалаи мувозана Хоқониро дар нисбати худ муқаддам ва афзал меҳисобад ва аз Муҷариддин ҳам даъвои бартарӣ накардааст. Ин гуна довариҳодар накди завқии шоирони адабиёти форсӣ кам дучор мегарданд. Як сабаби асосии худситоиҳои шоироне, ки мартаба ва қудрати эҷодии худро дарк кардаанд, ба ҳамин омил вобастагӣ дорад. Зеро ҳангоми низоъ ва ҷадал аз ҳар ду ҷониб метавонанд дар мазаммату ҳиҷо нуқсонҳоеро дар домани ҳунар ва эҷоди ҳамдигар банданд, ки шояд аз воқеият ва асли ҳол фарсаххо дур бошад. Дар ин маврид худситоиҳои шоирона як навъ тобиши худсафедкунӣ ва муаррифиро мемонад, ки дар осори Хоқонӣ ҳам аз ин мисол намунаҳо пайдо кардан мумкин аст.

Хоқонӣ дар марсияи Фалакии Шарвонӣ қитъае дорад, ки айни зикри фазилатҳои Фалакӣ ӯро «Атсаи сеҳри ҳалолӣ» худ хондааст:

**Атсаи сеҳри ҳалоли ман Фалакӣ буд,**
**Буд ба даҳ фан зи роҳи нӯҳ фалак огоҳ.**
**Зуд фурӯ шуд, ки ин атса дер напоид,**
**Оҳ, ки камумр буд атсаи ман, оҳ.**[2]

Шоир инро дар ҷавоби ҳосидон ва муоширони худ гуфтааст, зеро Асириддини Ахсикатӣ дар

---

[1] Ҳамон асар, саҳ. 432
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 918

мушоирае, ки онҳо доштанд, Хоқониро шогирди Фалакӣ ҳисобида буд:

**Зи охури Фалакӣ тавсане бурун омад,**
**Ки тавқи наълаш бар халқаи даҳони ман аст.[1]**

Минбаъд ҳам баъзе аз адабиётшиносон Хоқониро шогирди Фалакӣ пиндоштаанд.[2]

Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳардуро шогирди Абулъало хондааст:

«Хоқонӣ ва Фалакӣ ҳарду шогирди ӯ (Абулъало-Б. Ш.) буданд ва Хоҷӣ Муставфии Қазвинӣ дар «Таърихи гузида» меоварад, ки Абулъало духтари хеш ба Хоқонӣ дод. Фалакиро низ тамаъи домодии устод буд, чун даст надод ранҷид ва мехост, ки то сафар кунад. Устод ҷиҳати ризои ӯ бист ҳазор дирам бад-ӯ бахшид…».[3]

Ҳақиқати ҳолро дар ташхиси муносибат ва таъини ариши ҳунар ва шеъри ҳарду шоир, осори боқимондаи онҳо собит месозад. Аз рӯи осори Фалакӣ метавон хулоса кард, ки шоир вобаста ба таъсири муҳити адабӣ дар шеъри худ баъзе махсусиятҳои тозаи адабиёти даврро инъикос намудааст, чунончи дарҷи истилоҳоти нуҷумӣ ва истифодаи дигар унсурҳои шаклии каломро, аммо дар асл услуби эҷодии ӯ ба услуби шоирони дарбори Сомониёну Ғазнавиён қаробати наздик дорад. Ин нукта гувоҳи он аст, ки дар арсаи эҷод байни Хоқонӣ ва Фалакӣ тамоюли завқӣ ва умумияти услубӣ вуҷуд надорад. Дар мавқеи ҳунар ва қудрати суханварӣ низ мартабаи Хоқонӣ дар паҳнаи адабиёти форсӣ бо ҳама гуна навовариҳои эҷодӣ баландтар аст. Аз ҳамин

---

[1] Девони Асир, муқаддима
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 48
[3] Девони Хоқонӣ, сах. 57

ҷиҳат ҳам дар даъвои Хоқонӣ, ки Фалакиро пайрав ва шогирд хондааст, шояд ҷои шубҳа набошад.

## 6. Мамдӯҳони Хоқонӣ аз адибони давр

Хоқонӣ бо як зумра аз аҳли илму адаби рӯзгор муносибати нек ва мукотиботи дӯстона доштааст. Шоирону нависандагон ва файлосуфони замони шоир ба монанди Баҳоуддин Муҳаммад Муайяди Бағдодӣ, Наҷмиддини Симгар, Имом Наҷмуддини Халил, Кофиуддин, Муҳаззабиддин, Афзалиддини Совӣ ва дигарон Хоқониро дар мақоми баланди суханварӣ ва дигар фазилатҳои ахлоқию мазҳабӣ ситоиш кардаанд. Дар ҷавоби таърифу тавсифи аҳли илму адаб шоир ҳам маддоҳони хешро ба олимию хирадмандӣ, сухандонию дигар фазилатҳо тавсиф намудааст.

Рақобату мунофасати ҳосидон ва ҷабру ҷафои даҳр боис мегашт, ки шоир дар шунидани таърифу тавсифҳо дар ҳаққи худ мӯҳтоҷ бошад. Пас аз шунидани таҳниятҳо, тавре ки шоир мегӯяд, ӯ худро то як андоза осудаҳол эҳсос мекардааст. Хоқонӣ мукотиба ва ҳамдигарситоии шоиронро аз лавозимоти суханварӣ шумурда, аз аҳли адаби рӯзгори хеш дархост дорад, ки бояд «Муколама ва мукотибаи арбоби сухан боқӣ монад».[1]

Табиист, ки дар муколамаҳои дӯстона аз сари меҳру муҳаббат, ҳарду ҷониб ҳам тавсифу ситоишҳои муболиғаомез дар бораи фазилатҳои эҷодии якдигар изҳор мекунанд. Дар ҳолати мазкур шоирон аз осори

---

[1] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон, 1349, саҳ. 256

ҳамдигар нуқсону камбудӣ намеҷӯянд ва яке дигареро дар масъалаи сирқоту пайравӣ аз саромадон айбдор намекунад. Бо вуҷуди ин аз ишора ва мулоҳизаҳои суханварон дар чунин маврид роҷеъ ба ахлоқ, мавқеи иҷтимоӣ, афкори назарӣ ва дигар хусусиятҳои фардии онҳо хулоса баровардан мумкин аст.

Дар чигунагии афкори адабии шоирон шахсияти онҳо ҳам нақши муҳим дорад. Шояд дар муҳити дарбории шоирони асри XII Хоқонӣ ягона шоире бошад, ки номуси шоирон худро ин қадар пос дошта бошад. Сифати номуси шоирона пеш аз ҳама аз муносибати шоир ба эҳтиёҷоти моддӣ муайян мегардад. Дар саросари осори Хоқонӣ ишорае наметавон дарёфт, ки дар он шоир аз касе барои эҳтиёҷ чизе талаб карда бошад. Агар дар девони Анварӣ, ки худ муосири Хоқонӣ ва яке аз шуарои маъруфи ин давра ба шумор меравад, хонанда ҳангоми мутолиа зиёда аз ҳафтод қитъае дарёфт намояд, ки шоир барои дархости шароб ба дӯстонаш иншо кардааст, ё ҷои дигар аз касе барои аспаш ҷав талаб кардааст ва дар ҳолати қаноатманд нашудан ба мамдӯҳону дӯстонаш мазаммату ҳиҷоҳои қабеҳро ҳам дареғ надоштааст, дар девони Хоқонӣ гузориши чунин матлабро ҳаргиз вонамехӯрем. Исботи даъвое, ки Хоқонӣ дар нукӯҳиши Унсурӣ ба маънии «Диҳам молу бас шод бошам кунун, - Ситад зарру шуд шодмон Унсурӣ», гуфта буд, дар муносибати ӯ бо Кофиуддин ошкор гаштааст.

Кофиуддин, ки ӯро Хоқонӣ «муршид-ул-фузало» ва «малик-уш-шуаро» номидааст[1], дар васфи Хоқонӣ қитъае иншо карда, аз шоир шакар талаб намудааст:

**Эй амири умарои сухан, эй кохи сахо,**
**Ба сухан мисли Аторуд, ба сахо чун хуршед.**
**… Аз сахои ту таманно кунам он чиз, ки ҳаст,**
**Чун суханҳои ту ширину чу бахти ту сафед.**[2]

Хоқонӣ ҳамзмамон бо қитъаи Кофиуддинро ҷавоб гуфтан, инчунин як миқдор шакару дирам барои ӯ фиристодааст. Дар қасидааш шоир ҳунари эҷодӣ ва табъи Кофиуддинро ба пояи баланд меситояд:

**Таъби Кофӣ, ки искири ҳунар аст,**
**Чун найи искирӣ ҳама шаккар аст.**
**Қатраи кавсару қамтараи қанд,**
**Аз шакарҳои лафзи ӯ асар аст.**

Бо ҳама ин саховатмандӣ Хоқони аз ҳиммати худ хиҷил гаштааст ва маъзарат хостааст:

**Симу шаккар фиристаму хиҷилам,**
**Ки чаро дастрас ҳамин қадар аст.**
**Шеър гуфтам ба узри симу шакар,**
**Мухтасар узрхоҳи мухтасар аст…**[3]

Дигар аз шоироне, ки бо Хоқонӣ ҳамдард буда, ӯро ба афзалият дар ибдоъи маъниву шарҳи рамзҳои ниҳонии ду олам «амири мулки сухан» номидааст, Наҷмиддин Ҳамид ибни Аслии Симгар мебошад. Наҷмиддин дар қитъае барои идроки маънавиёти Хоқонӣ худро оҷиз шумурдааст:

---

[1] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон, 1349, саҳ. 226
[2] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 120
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 85

**Гарчи кони хирад маро донӣ,**
**Оҷизам дар ниҳоди Хоқонӣ.**
**Сурати рӯҳи пок мебинам,**
**Мутадарриъ ба шахси инсонӣ.**
**Афзалиддин амири мулки сухан,**
**Шореҳи рамзҳои дуҷҳонӣ.**[1]

Дар посухи қитъаи мазкур Хоқонӣ Наҷмиддини Симгарро дар шеъру шариат ҳамқирони хеш номидааст ва ситоишҳоеро, ки Наҷмиддин дар ҳаққи ӯ раво диниста буд, ҳамчун мададгору тасаллибахши рӯҳу қуввати дил аз бедодиҳову ноадолатиҳои аср, ба монанди мумиё барои худ дармонбахш пазируфтааст:

**Гар ҳаводис пушти умедат**
**шикаст андеша нест,**
**Мумиёе ҳаст мадҳи соҳиби соҳибқирон.**
**Ҳуҷҷат-ул-ислом Наҷмиддин,**
**ки гардун бар дараш,**
**Чун замин бӯсад нигорад «абдуҳу» бар остон.**[2]

Дар идомаи қитъаи мазкур як ҷиҳати муҳими афкори адабии шоирро пайхас кардан мумкин аст, ки он назари шоир доир ба мақсади аз шеър ва шеваи шоирӣ мебошад. Тавре маълум аст дар гузашта нобасомониҳои рӯзгор шоиронро дар банд медошт, аз ин рӯ мақсад ва мароми будани шоирӣ ҳам хеле мушкил буд. Дар ин масъала шоирон ба гурӯҳҳо ҷудо мешуданд. Баъзе аз шуаро дар ин пеша бақои ном ва умри ҷовид ҷӯстаанд. Дигаре шоириро василаи зиндагӣ ва таъмини маош донистааст. Гурӯҳи дигари шоирон бошанд мақсад аз шеъру шоирӣ дарёфти роҳи ҳақиқати динро донистаанд. Вале дар назари аксари шоирони маддоҳ мақсад аз эҷоди мадҳ бақо

[1] Рухсори субҳ, саҳ. 115
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 846

бахшидан ба исми мамдӯҳ мебошад. Ин масъаларо дар мисоли мулоҳизаи Хоқонӣ мушаххас сохтан андак душвор аст, зеро дар қитъае, ки болотар иқтибос овардем, шоир ба Наҷмиддин, ки шояд ӯро азоби бефарзандӣ ранҷ медодааст, тасаллӣ дода, наслгузориро хосси мокиёну гунҷишк номида, ашъори Наҷмиддинро бақои номи ӯ медонад:

**Гар надори ҳеҷ фарзанде шараф дорӣ, ки ҳақ,**
**Ҳам шараф з-ин дорад, инак ламялид хон**
**дар Қуръон.**
**Байза бишкан, навъ кам кун,**
**то буви товуси нар,**
**Байза парвардан ба гунҷишкон гузору мокиён.**
**Чун худу чун ман набинӣ**
**ҳеҷ кас дар шаръу шеър,**
**Коф то Коф ар биҷӯӣ Қайрувон то Қайрувон.**
**К-ин натоиҷҳои фикри ту туро бас зуррият,**
**В-ин маъониҳои бикри ту туро бас хонадон.**

Ба ҳамин тариқ, агар ба афкори Хоқонӣ сари масъалаи мазкур назар андозем, барои ӯ мақсад аз пешаи шоирӣ ва эҷоди шеър ҳам бақои исм асту ҳам таъмини маош, ҳам дарёфти шӯҳрату овоза ва ҳам тараннуми муқаддасоти динию мазҳабӣ, ки бо дарёфти мавриди зарурӣ мо сари ин масъалаҳо бармегардем. Дар таърифи Хоқонӣ нисбат ба Наҷмиддини Симгар мулоҳизаи дигари қобили қайд, ин таваҷҷӯҳи шоир ба ҷанбаи диниву ахлоқии шеър мебошад, ки ба хусусияти мазкури осори Наҷмиддини Симвар ишораҳо дорад. Чунин мулоҳизаҳои шоир нисбат ба Наҷмиддин дар

«Тӯҳфат-ул-Ироқайн»[1] ва «Муншаот»[2] ҳам мушоҳида мешавад. Илова бар ин аз рӯи ишораҳои Хоқонӣ чунин бармеояд, ки муносибати ӯ бо Симгар хеле самимию сидқӣ буда, дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ ҳамдами якдигар будаанд. Чунончи, дар номае шоир ёдовар мешавад, ки муддати бемориаш, замоне дар сарои Симгар умр ба сар бурдааст.[3]

Дар мушоираҳои дигаре, ки бо ҳамдигарситоии байни Имом Маҷдуддини Халил, файласуф Афзалиддини Совӣ ва Хоқонӣ сурат гирифтааст, ҳар ду ҷониб ҳам ба ҷанбаи ахлоқии осори ҳамдигар таҳният кардаанд. Чунончи, Имом Маҷдуддини Халил дар се қитъаи худ Хоқониро дар мартабаи баланди шоирӣ қарор дода, ӯро саромади суханварон ва олими шаръу пири тариқат хондааст:

**Афзалиддин Имом Хоқонӣ,**
**Тоҷдори мамолики сухан аст.**
**Ба иттифоқи айимаи олам,**
**Дар замона фазалаки сухан аст.**[4]

Дар навбати худ Хоқонӣ ҳам ба ҳамин шева Маҷдуддинро меситояд, ки дар ин ситоиш ҳам хусусиятҳои ҳунарӣ ва бештар мамдӯҳро дар мавқеи ахлоқӣ мӯътабар медонад:

**Гар чи донад, к-ин нисор аз баҳри кист,**
**То нагӯям бар фалон хоҳам фишонд.**
**Бар ҷалолу маҷди Маҷдуддин Халил,**
**Дурри мидҳат бекарон хоҳам фишонд.**
**Ҳар шакар, к-аз лафзи ӯ барчид самъ,**

---

[1]Хоқонии Шарвонӣ. Тӯҳфат-ул-Ироқайн. Бо эҳтимоми дуктур Яҳёи Қариб.- Теҳрон, 1333, саҳ. 226-230

[2] Хоқонии Шарвонӣ. Муншаот. саҳ. 293

[3] Муншаот, саҳ. 187

[4] Рухсори субҳ, саҳ. 177

**Ҳам бар-он лафзу баён хоҳам фишонд.**
**Ҳар гуҳар, к-аз килки ўduздид табъ,**
**Ҳам бар-он килку банон хоҳам фишонд.**
**Доварам кай даст фармояд бурид,**
**К-он чи дуздидам ҳамон хоҳам фишонд.**

**Шеърро ганҷи равон аз килки ўст,**
**Ақл бар ганҷи равон хоҳам фишонд…**[1]

Тавре мушоҳида мешавад, Хоқонӣ бо як навъ фурўтанӣ, ки аслан хосси ў нест, худро дузди маҳсули табъи Маҷдуддин вонамуд кардааст. Дар бораи адиби мазкур шоир тавсифҳои зиёде дорад, ки аз лиҳози тараннум ва мадҳи унсурҳои ахлоқӣ, шахсӣ ва эҷодии мамдўҳ якранганд. Аз он ҷумла дар «Тўҳфат-ул-Ироқайн» ҳам шоир аз Маҷдуддин ба некӣ ёдовар шуда, роҷеъ ба фазилатҳои гуногуни ў ба тафсил сухан рондааст.[2]

Ба мисоли боло монанд, яке аз фозилони дигари замони Хоқонӣ, Афзалиддини Совӣ ҳам, ба шоири шарвонӣ эътиқоди калон варзидааст ва мақому мартабаи Хоқониро дар шеъру ахлоқ ба дараҷаи пайғамбарӣ тавсиф намудааст:

**Касе, ки аз паси Аҳмад раво бувад мурсал,**
**Бузургвор амир Имом Хоқонист.**
**Расули Шарвон чун хонӣ он бузургеро,**
**Ки дар ҷаҳони сухан мулки ў Сулаймонист.**
**Расули бозпасинро ҳазор гуна қасам,**
**Ба ҷони поки азизи расули шарвонист.**[3]

Хоқонӣ низ дар ҷавоби қитъаи Афзалиддини Совӣ қитъае иншо карда, тамоми фазилатҳои ўро ном

---

[1] Двони Хоқонӣ, саҳ. 140
[2] Хоқонии Шарвонӣ. Тўҳфат-ул-Ироқайн, саҳ. 92-93
[3] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 119

мебарад. Нуктаи ҷолиби диққат дар қитъаи Хоқонӣ он аст, ки шоир аз тавсифоти файласуфи мазкур ба ваҷд омада, қитъаи навиштаи ӯро ҳамчун васила дар бақои шӯҳрати шоирии худ мепазирад. Ба истилоҳи дигар ин ҳамдигар-ситоиҳо низ дар гузашта вазифаи накди адабиро иҷро мекардаанд:

**Ганҷи фазойил Афзали Совӣ шиносу бас,**
**К-аз илми мутлақ ояти даврон шиносомаш.**
**Устоди ҳикмат омаду шогирди ҳукму дин,**
**К-аз чанд фан Фалотуни Юнон шиносамаш.**
**…Ӯ худ маро ҳаёти абад дод Хизрвор,**
**З-он қитъае, ки чашмаи ҳайвон шиносамаш.**[1]

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки аз рӯи оҳанги ифода ва шеваи гузориши матлаб, Хоқонӣ мулоҳизаҳои танқидиашро дар заминаи низоъу муориза ва заминаи мукотибаву муколамаи дӯстона таҷассум кардааст.

Афкор ва ақоидеро, ки шоир дар заминаи муоризаву муҷодала арза доштааст, дар таърихи накди адабӣ аз он ҷиҳат арзиш доранд, ки шоир ин ҷо бо малоки завқу мизони ҳунар ва мавқеи ахлоқиву иҷтимоии худ ба мақому хусусиятҳои эҷодии дигарон доварӣ намудааст. Дар мавриди мазкур, тавре ки аз муоризаи шоир бо Рашиди Ватвот аён гардид, мулоҳизаҳои танқидии шоир то як андоза ҷанбаи истидлоливу бурҳонӣ касб кардааст. Дар ин ҳолат шоир ба муаррифии шеъри худ бархоста, роҷеъ ба як қатор масоили накди адабӣ аз қабили сирқот, мувозана баҳс карда, дар масъалаи таъини арзиши шеър аз сари адолат, Рашиди Ватвотро барои надоштани виҷдони илмӣ дар наққодӣ гунаҳкор меҳисобад.

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 894

Аз тарзи қиёс ва муҳокимарониҳои Хоқонӣ дар мавриди арзиши шеъри шоирони пешин таъин аст, ки мояи эҷодиеро, ки адибони пешин намунаи олии ҳунар меномиданд, барои ӯ, ки мойили навовариҳои эҷодӣ аст, дархурди завқ ва мавриди писанд нест. Ин ҷо масъалаи моҳияти шеъру вазифаи шоир низ дар назар аст ва дар боби аввали кор роҷеъ ба баъзе таҳаввулоти адабӣ дар ин давра ишора рафта буд.

Дар муколама ва мукотибаҳои дӯстона бошад, шеваи нақд ба ҳамдигарситоӣ асос ёфтааст ва ҳарду ҷониб ҳам тараннумгари арзиши ҳунар ва таҳниятгари ахлоқи ҳамидаи якдигар мебошанд. Дар заминаи мазкур баъзе хусусиятҳои шахсию сифатҳои иҷтимоии шоир, назари ӯ дар масъалаи мақсад аз пешаи шоирӣ ва шеър низ муайян гардид, ки ин ҷанба низ дар чигунагии афкори тақидиаш нақши муҳим дорад.

## 7. Балоғати сухан аз назари шоир

Дар муқоиса бо афкори адабии шоирони асрҳои X-XI дар асри XII аҳли адаб дар роҳи маърифату шинохти каломи бадеъ қадамҳои устувор бардошта буданд. Илми нақд дар ин давра бо таъсири адабиёти арабӣ махсусиятҳои тоза касб карда, меъёри шинохти шеър санъатҳои бадеӣ қарор гирифта буд. Чун ба тадриҷ мизони шинохти шеър санъатҳои бадеӣ шинохта шуд, китобҳои назариявӣ низ дар ин боб таълиф шуданд, ки «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот гувоҳи ин нукта мебошанд.

Бо таъсир ва тақозои муҳит шоирони зиёде ба саноеъ таваҷҷӯҳ доштанд, ки дар ин ҷода Рашиди

Ватвот, Қивомии Ганҷавӣ, Абулвосеъи Ҷабалӣ, Хоқонӣ ва Низомии Ганҷавӣ мавқеи хосса доштанд.

Аз нависандагони машҳури ин давра, ба ғайр аз Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки бо «Чаҳор мақола»-и худ дар таърихи адабиётшиносии тоҷик нақши босазо дорад, як идда муншиёну мутарҷимони дигар ҳам аз қабили Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ, Абулмаъонӣ Насруллоҳи  Муншӣ, Мунтаҷабуддин Бадеъ Ҷувайнӣ, Баҳоуддин Бағдодӣ, Носеҳ Зафари Ҷурфаъқонӣ, Аҳмад Ҳомиди Кирмонӣ, Саъдуддини Варовинӣ ва дигарон дар таҳқиқ ва шинохти каломи бадеъ саҳми босазо доранд. Адибони номбаршуда дар муқаддимаи рисола ва тарҷумаҳои худ дар бораи баъзе масъалаҳои эҷодӣ бадеӣ изҳори ақида намудаанд, ки аз навишта ва мулоҳизаҳои онҳо дараҷаи майл ва огоҳияшон ба балоғату адабиёти араб ошкор гаштааст.

Аксари удабо дар ин давра бо баҳравар будан аз малакаи сухани арабӣ, услубҳои мухталиферо, ки дар арабӣ ихтисос дошт ба кор мебурданд. Ва бо ҳифз кардани суханони қадими арабӣ хоҳ дар назм бошад, хоҳ дар наср ҳангоми эҷод тамоми диққати худро мутаваҷҷеҳ ба лафз карда, дар таъбироти худ аз луғоту вожаҳои гуногуни арабӣ истифода мекарданд. Мутарҷими «Марзбоннома» Саъдуддини Варвонӣ дар муқаддимаи китоб, он ҷо ки номи нависандагон ва муншиёни бузурги гузаштаро зикр мекунад, тамоми завқу ҳунари худро дар овардани алфозу таркиботи арабӣ ва оростани ибороти мусаҷҷаъ мунҳасир мекунад. Вақте мехоҳад, ки ба қавли ӯ «Ба забони Табаристон ва порсии қадими бостон ин китобро адо карда ва он оламы маъниро ба луғоти

нозилу ибороти софил хор гардондаанд»[1], ба ибороти латифу бадеъ биёрояд ва дар пероҳани тоза ҷилва диҳад, онро бо услуби насри маснӯъ ва мутакаллифи муншиёни арабӣ менависад. Ин гувоҳи таваҷҷӯҳ ва майли муншиёну адибони давр ба адабиёту балоғати арабӣ мебошад. Ҳамин амр боис гашт, ки адабиёти ин аср аз саноеи бадеӣ ва такаллуфоти маънавию лафзӣ пур гардад.

Саъдуддини Варовинӣ дар радифи ҳамаи муншиёну мутарҷимони пешину ҳамзамон, номи Хоқониро ҳам зикр кардааст. Ӯ шеваи дабирии Хоқониро баҳои баланд дода, услуби ӯро «аз русуми дабирон берун» донистааст. Мегӯяд: «Ва навъи дигар, агарчи аз русуми дабирон берун аст чун нафасоти сеҳри калому муҷоҷоти ақломи амир Хоқонӣ, ки хоқони акбар буд бар хайли фусаҳои аҳли замона ва дар он майдон, ки ӯ се тифли банонро дар найпорае савор кардӣ, қасаб-ус-сабақи бароат аз ҳама бирабудӣ ва гарди гоми килкаш авҳоми собиқон ҳурбаи даъвӣ бишикофтӣ».[2]

Воқеан, услуби баёни Хоқонӣ ҳамон тавре ки дар шоирӣ ғайриоддист дар дабирӣ ҳам нотакрор ва берун аз умумияти услубии дабирони муосири худ мебошад, ки шоир ҳамзамон бо ситоиши қудрати шоирӣ, ҳунари нависандагиашро ҳам борҳо ситоиш кардааст:

**Осмон донад, ки гоҳи назму наср,**
**Дар замин чун ман мубарриз кас надид.**[3]

---

[1] Марзбоннома. Тарҷумаи Саъдуддини Варовинӣ.- Теҳрон, 1353, саҳ. 6

[2] Ҳамон асар, саҳ. 9

[3] Девони Хоқонӣ, сах. 87

Таҳиягари «Муншаот»-и шоир Муҳаммади Равшан дар муқаддимаи ин маҷмӯа менависад, ки ҳамаи он ишораҳо, ки шоир ба бартарии худ аз дигар адибон дорад, «аз вуқуфи баланди ӯ дар пойгоҳи назму наср сурат мегирад».[1]

Воқеан, дар «Муншаот»-и Хоқонӣ, ки он маҷмӯаи номаҳои ӯро ба хешовандону наздикон, олимону шаҳриёрони рӯзгор ташкил медиҳад, нукоти бисёре метавон дарёфт, ки парда аз авзои торикиҳои замона бармегирад. Ҷӯяндаи нуктаёб пас аз мутолиаи ин номаҳо дар бозшинохти муҳити иҷтимоӣ, одобу русум, ақоид ва хусусиятҳои рӯҳии мардуми он замон маълумоти тоза дармеёбад. Алалхусус, фикру мулоҳозаҳои шоир дар бораи усули китобат дар дабирӣ, тарзи таъбири луғоти арабӣ аз ҷониби шоирону дабирони давр, ҳамчунин назари шоир дар бораи арбоби адабиёту араб ва форс, ба муҳаққиқон имконият медиҳад, ки роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти шоир тадқиқот баранд. Аз ҷумла, муҳокимаҳое, ки шоир роҷеъ ба услуб дар нақди балоғати араб ва арабизабон иброз доштааст, дар муайян кардани диди интиқодии ӯ мусоидат мекунанд. Мушаххас сохтани хусусиятҳои зикршуда, бидуни «Муншаот» аз имкон берун аст. Ҳарчанд дар девони шоир ишораҳои фаровоне дар бораи шоирону нависандагони араб мавҷуданд, ки Хоқонӣ худро ба бартарӣ аз онҳо меситояд ва як миқдор қасидаҳои ба арабӣ иншо кардаӣ ӯ, ки қудрати табъи худро дар ин ҷода чи тавре ки расми замон буд санҷиданӣ мешавад аз таваҷҷӯҳи бепоёни шоир ба ин падида далолат кунанд ҳам, аммо бо ин чиз дар бораи чигунагии

[1] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 6

муносибати ӯ ба равишҳои балоғат чизе гуфта наметавонем.

Тавре аз рӯи маълумоти адибони ин давра ошкор мегардад, дар он рӯзгор дар тартиби сухан тариқа ва ҳунарҳои мухталиф падид омада буд ва адибони давр барои худ усул ва равияҳои гуногунро интихоб менамудаанд. Чунончи, яке аз нависандагони маъруфи ин давра, муаллифи «Ат-тавассул-ил-ал-тарассул» Баҳоуддини Бағдодӣ, ки Хоқонӣ ба ӯ эътиқоди калон дорад, менависад: «Сухан ба эътибори мутарассилон аммо маснӯъ бувад ва аммо матбӯъ. Ва маснӯъро ба ҳасби ихтилофи санъатҳо ақсоми фаровон ва анвоъи мутафаннин аст… ва матбӯъ ё каломи ҷазл ва маҳкам бошад, ки осори қуввати хотир аз аснои он муоина мегардад, ё сухани ракик ва диловез, ки далойили лутфи табъ аз мазмуни он мушоҳида меафтад. Ба ҳасби ин тақсим сиёсати суханро маноҷеҳи бисёр ва фунуни мухталиф падид омадааст…ва ҳар аз куттоби рӯзгор ва арбоби санъат тариқе з-он ҷумла ихтиёр кардаанд ва шевае аз он навъ гузида».[1]

Аз рӯи таҳлил ва таснифоти Баҳоуддини Бағдодӣ бармеояд, ки пайравони сухани маснӯъ бештар ба «сухани латифу обдор ва калимоти хушгувор» мекӯшидаанд, дар сухани матбӯъ бошад, бештар ба «диққати маънӣ» аҳамият медодаанд. Яъне меъёр ва пояи таҳсини каломро ҳар кадоме ба яке аз ин ду унсур мансуб медонистаанд.

Перомуни масъалаи мазкур дар афкори адабии адабиётшиносони минбаъда низ ақидаҳои фаровон

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Накди адабӣ, саҳ. 401

метавон дарёфт кард.[1] Чунончи, адиби маъруфи асри чордаҳи араб- Ибни Халдун дар китоби «Муқаддима»-и худ дар чигунагии сухани маснўъ ва матбўъ мулоҳиза ронда, рутбаи сухани матбўъро аз сухани маснўъ бартар шинохтааст.[2]

Дар ин бора муҳокимаҳои Хоқонӣ, ки дар «Муншаот» дарҷ аст, аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд. Хоқонӣ дар номае оид ба интихоби алфозу тарзи таъбир ва сухани маснўъу матбўъ мулоҳиза рондааст, ки аз ин савияи завқи интиқодии ў аён гаштааст. Шоир дар ин нома ба адибону муншиёни муосир маслиҳат дода, диққати онҳоро ба интихоб ва истифодаи дурусти алфоз ҷалб карданӣ мешавад. Ҷанбаи маънавии каломро дар офариниш ў барои ҳар эҷодкор дастрас намедонад, зеро ин ҷиҳат, яъне маъниофаринӣ хосси қобилияти фарди худодод мебошад, менависад: «Муктасаби одамизод, ки дар харитаи ҳофиза тавонад ёфт, агарчи ҳар соҳибқаламеро даст ба заҳоби чашмаи маонӣ нарасад, ки он файзи хосси мавкаби зулҷалол аст, аммо нашви иборотро қаҳтсол наёмадааст ва анҷуми хотир аз фатҳи боб дар намондааст».[3] Дар идомаи ин навишта Хоқонӣ аҳли қалами рўзгорашро барои истифода кардани баъзе луғоти дастмолшудаи забони арабӣ айбдор кардааст, аммо ба таври куллӣ истеъмолу истифодабарии он калимотро мамнўъ намедонад, аз ҳамин ҷиҳат ҳам мегўяд: «Ва мани

---

[1] Шарифов Х. Сухани маснўъ ва матбўъ.// Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон/ серияи шарқшиносӣ, филология, таърих/.- 1987.№1

[2] Ибни Халдун. Муқаддима, ҷиди 1.-Теҳрон, 1338, саҳ. 401

[3] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 173

кеҳтар намегӯям, ки он алфози амсолро ба куллӣ қазаф (таҳқир) ва ҳазф кунанд ва дар силки мақолоту сабки рисолот ва насҷи мансурот ва ҳуки манзумот ба кор надоранд, аммо ғараз аз ин итноб он аст, ки мустаъмалот бештапр ҳашв ва ноқис менамоянд».[1] Шоир барои исботи ақидаи худ чанд мисол барои намуна меорад ва мефармояд: «Чунончи, лафзи ҳаким. Агар офаридагорро ҷалла закара ҳаким донанд ва Қуръонро ҳаким хонанд, аммо чун раззоқи басараш хонанд, наздиктар ояд ба қабули табъ. Магар ибороти ӯрро (ӯрён) ба зевари маонии ғариб бароянд оростан. Ва Ҷаъфари Содиқ олими мутлақ буд, аммо ҳисоб некӯ донист. Пас агар гӯянд муҳосибу мунаҷҷим буд муқтазо бар забон ронда бошанд, на мунқабатӣ (фахр)».

Мурод аз ин матлаби шоир он аст, ки бояд ба қавли ӯ аҳли қалам дар ҳар аҳд дасти тасарруф ба алфози хос бирезанд ва онро чандон дар қавонини китобат ба кор доранд, ки дастмолу шинохта шавад. «Ва агар бадали нақир ва қатмир фатил ва фасит, ки ҳам аз донаи хурмо бошад дар иборат оварданд чӣ аҷаб», - мегӯяд шоир. Ба ақидаи Хоқонӣ ҷорӣ кардани ҳар гуна таъбироти тоза дар аввал барои хонанда қобили қабул нест, вале ба тадриҷ ҳама гуна луғоти нав, ки хонанда дар аввал ба шунидани он одат накардааст, мустаъмал мегардад, аз ин рӯ ба муншиён таъкид карда менависад: «Ва агар муншии мақали бадмақол, ки дар николи бадӣ бошад ва суханҳои колбадӣ тарошад, гӯяд, ки он ибдол, ки ту мегӯӣ шавоз (номустаъмал) аст на мустаъмал, ҷавоби ишон тавон дод, ки он чи шавози куттоби қудамо буд, дар мозии қурун акнун мустаъмали маҳдасист,

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 175

ҳамчунин алфозе, ки шавоз тавонад донист, ҳаройина мустаъмали ояндагон хоҳад буд дар мустақбал».[1]

Ҷои дигар вақте ки дар бораи дуруст истифода карда натавонистани луғоти шавоз аз ҷониби адибони замони худ ва гузашта сухан дар миён меорад, аз рӯзгори Ибн-ул-Амид барои мисол ҳикояе меоварад ва дар анҷом менависад: «Ва алфози шавозро, ки натавонанд тарсеъ кардан ва ба ҷаруссақил дар назму наср кунанд, мутакаллиф ояд ва халақ (кӯҳна) бошад ва ҳазор бор шанеътар (қабеҳ, зишт) аз он мустаъмали дастмол намояд».[2]

Дар бораи чигунагии сухани маснӯъу матбӯъ ҳам Хоқонӣ дар фарҷоми ин нома ақидаи хешро иброз доштааст. Ҳамон тавре ки аз сабку баёни шоирӣ ва таърифу назари шоир дар ин боб бармеояд, ӯ камоли ифодаро дар ваҳдати ин ду усул мешиносад, барои ҳамин меафзояд: «Ва ғояти шаъвазаи (сеҳр) хотир он аст, ки маснӯъро матбӯъ гардонад ва алфози дур аз табъро ба қабули асмоъи тибоъ наздик гардонад, чунончи мarост дар расойил ва қасойид».

Азбаски илми маонӣ ва баён ду қисмати асосии балоғат ба шумор меравaнд ва камоли ифодаю мутобиқати муқтазои ҳол бо сабаби ин ду илм ҳосил мешавад, табиист, ки лафзу маънӣ лозиму малзум мебошанд ва ба якдигар нисбат дода мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар гуна таркибе, ки аз мутобиқат ва камол норасо бошад, дар балоғат ҳам норасо мешавад. Яъне вақте сухани матбӯъ мегуянд, мақсад аз ин ифода мафҳумест, ки табиати он аз лиҳози ифодаи маънӣ такмил шуда бошад ва суханвар он чиро, ки дар дил

[1] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 175
[2] Ҳамон ҷо

дорад бо камоли ифода ба шунавандаи худ бирасонад. Пас аз камоли ифода барои равнақу фасоҳати калом аз анвоъи гуногуни ороишот истифода барад, ки мояи ширинӣ ва зебоии сухан мегардад.

Аз рӯи хулосаи Хоқонӣ бармеояд, ки барои эҷод танҳо малакаи сухани арабӣ кофӣ нест. Балки шоир, ба вижа, бояд дорои латофати табъ бошад. Дар такмили ифода ва ҳусни баён шоирро савияи баланди шаклофаринӣ ҳам лозим мешавад, аз ин лиҳоз, ки унсурҳои шаклии сухан бо ҳам мувофиқат дошта бошанд.

Агар таъриферо, ки Хоқонӣ  дар услуби баёни худ арза доштааст, бо афкор ва назари адабиётшиносони минбаъда муқоиса намоем, он гоҳ мухолифати завқ ва маърифати суханро дар давраҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин мешавад. Албатта, ончи ки Хоқонӣ дар мавриди чигунагии сухани матбӯъ арза доштааст, ин хосси завқ ва тамоюли услубии ӯст. Аммо унсури ҷолиби диққати таърифи ӯ дар чигунагии таркиби луғавии калом баръало намоён мешавад. Он чи  ки ноқидони пасин дар бораи сухани матбӯъ навиштаанд, сари унсури мазкур бо гуфтаҳои Хоқонӣ тафовут пайдо мекунад, чунончи Шамси Қайси Розӣ дар бораи каломи матбӯъ менависад: «Ба филҷумла, шеъри матбӯъ он бошад, ки насри балеғу назме бадеъ дошта бошад ва қавофии он дурусту маъони латифу алфоз азб (форам) бувад. Ва ҳуруфи калимоти он бар ҳам афтода ва талаффузи калимоти он мушкил набувад. Ва таҷнисоти он мутакаррир ва саноати он мутакаллиф набошад. Ва бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғатулфурс ва мусталаҳоти (истилоҳоти) ҳар вилоят (соҳа) пок бошад ва калимоти арабӣ, ки

дар муҳоварати порсигуён наёяд, дар он мустаъмал набувад…»[1]

Назари Атоуллоҳ Ҳусайнӣ ҳам дар ин масъала бо Шамси Қайс мувофиқат дорад, аз он ҷумла дар мавриди ҷанбаи луғавии шеър менависад, ки бояд дар сухани матбӯъ «алфоз хушоянда ва машҳурулистеъмол бошад».[2]

Ихтилофи назари Шамси Қайс ва Атоуллоҳ бо Хоқонӣ сари масъалаи чигунагии ҷанбаи лафзии калом ошкор мешаванд, чунончи агар барои Шамси Қайс ва Атоуллоҳ хушояндагии лафз дар «машҳур-ул-истеъмол» будани он бошад, аз диди Хоқонӣ эҷодкор бояд алфози дур аз табъро тавассути кудрат ва ҳунари шоирӣ ба табъ наздик гардонад.

Аз мутолиаи «Муншаот»-и Хоқонӣ чунин бармеояд, ки ӯ аз адабиёт ва илми балоғати араб огоҳии комил дорад. Далели ин нукта он аст, ки дар номаҳои шоир номи ағлаби адибон ва аҳли илми араб зикр гаштааст. Шоир дар баробари он ки барои тақвияти фикр ва матлаби хеш ҷо-ҷо аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии баъзе суханварон ёдовар мешавад, инчунин перомуни мухтассоти ҳунарии бархе аз суханварон ва аҳли илму балоғати араб доварӣ намудаст, ки ин гувоҳи тамоюли ӯ нисбат ба муқтазои падидаи замон мебошад.

Дар идомаи номае, ки болотар таҳлил гашт, шоир барои исботи даъвою матлаби худ, аз номаи ба арабӣ иншокардааш порчае оварда, сипас дар таърифу

---

[1] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. \ Таҳия ва сарухани У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991, саҳ. 349-350

[2] Атоуллоҳ Маҳуди Ҳусайн. Бадоеъ-ус-саноеъ. /Бо сарсухан, тавзеҳ ва таҳрири Р. Мусулмонкулов. – Душанбе: Ирфон, 1974, саҳ. 203

таҳсини навиштаи хеш мепардозад: «Ҳар олими муҳаққиқ ва мусаннифи мудаққиқ, ки иддати ихтироъи мабонии фикру қуввати ифтироъи маъонии бикр дорад, чун таамули шофӣ ва назари муҳаддақ дар тартибҳои мўъҷазмизоҷу ағлутҳои сеҳромез кунад, донад, ки ин ғояти ибдоъ аст дар сувари иборат нигоштан ва арвоҳи маониро зинда доштан».[1]

Пас аз худситоӣ шоир ба ташхиси махсусиятҳои умдаи ҳунарӣ ва эҷодии суханварони араб ва арабзабон мепардозад ва ҳар якеро дар санъат ва ҳунарҳои гуногун устод таъин мекунад, мегўяд: «Ва аз булағо Абулфараҷи Бабғоъ, аз хитоба Ибни Таботабо ва дар китобат Абдулҳамид ва дар бароат Ибни Амид ва дар ифтитоҳи таҷнис ва қаволиби мақлуб Абулфатҳи Котиб ва дар салосати баён ва саҳоифи тасҳиф Ибни Аббод-ас-Соҳиб ва дар талқеҳи фикрат Қобус Шамс-ул-Маъолӣ  ва дар танқеҳи қолаб Абулфазли Миколӣ  ва дар саёқати баёни ҳуҷҷат Абўисҳоқи Собӣ ва дар суръати имтиҳони бадеҳа Кулсуми Аттабӣ ва дар ғазорати ҳифз Абулаббоси Зобӣ ва дар риққати назму мубоҳат Абуфироси Ҳамадонӣ ва дар муқаттаот Абумансури Шерозӣ ва дар мусаҷҷаот Абулҳасани Аҳвозӣ ва дар тақризу тобйин Абў Абдуллоҳи Ҳомидӣ ва дар таҳониву тағозӣ Абу Усмон Холидӣ ва дар ғароибу ғурар Ибни Сакрати Ҳошимӣ ва дар наводири милҳ Абулсаиди Рустамӣ ва дар ҷазолату латофат Буҳтуриву Санавбарӣ ва дар накду тасарруф  Ибни Румӣ ва дар  ибдоъи васф Сареъӣ Ғавонӣ ва дар анвоъи сарф  Дабидавонӣ…»[2]

---

[1] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 176
[2] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ 176

Истилоҳотеро, ки аз шоир дар таснифоти хусусиятҳои ҳунарии адибони номбурда ба кор гирифтааст, аз ифодаҳое ба шумор меравaнд, ки аҳли адаб дар гузашта барои шинохт ва таҳсину тавсифи ҳунар истифода мекардаанд. Меъёри шинохт ва ҳадди воқеии аксари ин истилоҳот танҳо ба дойираи муайяне аз аҳли адаби ҳамон замон муяссар мегардид. Маърифати ҳамаи он мушахассоти ҳунарие, ки Хоқонӣ аз ҳунару эҷодиёти суханварони мазкур дарёфтааст, барои мунаққид ва муҳаққиқи имрӯз шояд имконнопазир бошад. Чунончи, агар аз муҳаққиқ ва мунаққиде, ки имрӯз ба балоғат ва адабиёти араб сару кор дорад, фаразан пурсиш кунем, ки махсусияти умдаи ҳунариву эҷодии Абулфатҳи Котиб дар чист, ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ гуфта наметавонад, ки дар «ифтитоҳи таҷнису қавобили мақлуб». Ва дар гузашта ҳам ҳар адабиётшинос ба дарёфти ин мушахассот вобаста ба қариҳаи сухансанҷӣ ва завқи худ наздик мешуд.

Чи тавре ки аз таърихи илми балоғат маълум аст, аксари истилоҳоти адабиётшиносӣ ва наққодиро, ки донишмандони мо барои шинохти осори бадеӣ ба кор гирифтаанд, алфозе ба шумор меравaнд, ки сараввал мутакаллимон барои ҳаққиқати эъҷози Қуръон эҷод кардаанд. Ба муқобили таънаҳои аҳли занодиқа, аз ҷумла, Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ, ки дар лафзу маънии Қуръон эрод кардаанд, мутакалиимон маҷбур шудаанд, ки ба ҳимоя бархезанд ва зимни таҳқиқ дар моҳияти балоғат Қуръонро намунаи олии балоғату эъҷоз муаррифӣ кардаанд ва аксари истилоҳотро аз қабили маҷоз, киноя, фасеҳ, балеғ,

салосат ва амсоли инро бори аввал мутакаллимон эҷод кардаанд.[1]

Ба таври куллӣ метавон як нуктаро дар ҳалли ҳақиқати чунин истилоҳот зикр намуд, ки аксари ин ифодаҳо то кунун таҳқиқ нашудаанд ва меъёру қонуниятҳои дохилии онҳо дақиқ муайян нагаштаанд. Таҳқиқ намудани ин авсофу истилоҳот кори саҳл нест. Душвории таҳқиқи ин масъала дар он зуҳур меёбад, ки дар таъини мушаххаси ин авсоф меъёри дақиқ вуҷуд надорад. Агар истилоҳоте ба монанди тавсиф, ташбеҳ, маҷоз, сирқот ва амсоли инро ҳамагон як хел маърифат кунанд, ифодаҳои тавсифи дигар аз қабили узубат, матонат, ҷазолат, салосат, матонат бо сабаби надоштани маъёри дақиқи таъинӣ дар воқеияти ташхис дархурди эътимод ва маърифат шуда наметавонанд. Роҷеъ ба шарҳи ин ифодаҳо дар адабиётшиносии тоҷик баъзе маълумотҳо вуҷуд доранд.[2]. Ва дар чигунагии ин тавсифот адабиётшиносон дар ҳар давра ба таври гуногун ақида изҳор кардаанд.[3]

Дар моҳият ва ҳақиқати чунин тавсифоти наққодӣ ақидаҳои А. Зарринкӯб ҷолиби диққат аст: «Моҳияти он алфоз монанди ҳубобе латиф боандак тамос аз ҳам мепошад ва маҳву нопадид мегардад. Ва басо, ки мунтақид натавонад дуруст дарёбад ва ё лоақал баён кунад, ки он асари адабӣ, ки мавриди

---

[1] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ, саҳ. 350

[2] Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика X-XII вв. – М.: Наука, 1989, стр. 136-137; Шарифов Х. Каломи бадеъ.-Душанбе: Маориф, 1991, саҳ. 9-10;

[3] Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика X-XII вв, стр. 137

накд ва назари ӯст, то чи ҳол аз ҳар яке аз ин авсоф ва нуъуват (сифатчинӣ) баҳра дорад»[1].

Воқеан, дар муайян кардани баъзеи ин истилоҳот сарҳади дақиқ ёфтан душвор аст. Чунончи, «ҷазолат», ки ҳангоми мустаҳкам ва устувор будани ҷанбаи лафзии шеър ва наср гуфта мешавад бо истилоҳи матонат имрӯз як тобиши маъноӣ дорад. Дар матни болотар иқтибосшуда Хоқонӣ Абуназри Аттабиро дар матонати лафз ва Буҳтуриву Санавбариро дар «ҷазолату латофат» сутудааст. Аммо дар матни боло чунин ҳамоҳангӣ дигар мушоҳида намешавад ва шоир дар мақоми ҳар як адиб тавсифоти алоҳида ба кор гирифтааст, ки аз ин таъинот қариҳаи сухансанҷӣ, тамоюл ва пайравии Хоқонӣ нисбат ба он суханварон фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, меъёри шинохти шеър аз лиҳози баён ва ҳунари шоирӣ дар накди Хоқонӣ балоғати арабӣ фаҳмида мешавад.

Унсурӣ дуюми меъёри таҳсини калом ба мақсад ва ҳадафҳои ғоявии эҷодиёти шоир алоқамандӣ дорад. Хоқонӣ ба ҷанбаи ахлоқию маънавии шеър ҳам аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ танҳо ҳунарманди чирадаст дар арсаи баён нест. Зери пардаи рангини шеър шоир дуррҳои маънавие нуҳуфта дорад, ки хонандаи хушзавқ бо қуввати зеҳну тахайюл танҳо пас аз маърифат ва бартараф кардани монеаҳои лафзӣ метавонад ба умқи маънои ашъори шоир даррасад. Ҳамин махсусияти ҳунарӣ буд, ки қасойиди шоир ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ пайдо кунад ва аз гузашта то имрӯз шореҳон ба як қатор қасидаҳои ӯ шарҳҳо нависанд. Тавре ки М. Каззозӣ менависад: «Хоқонӣ, он чунонки ба дурустӣ гуфта шудааст, «шоири

[1] А. Зарринкӯб. Накди адабӣ, саҳ. 211

дерошно»-ст. Аммо арҷи он дар дерошноӣ аст. Агар ба чаҳони андешаҳои печ дар печи ӯ равзане кушудем бар ӯ мешебем, ва аз ӯ намешикебем. Агар бо ӯ пайвастем дигар аз ӯ намегусилем. Ӯро фурӯ намеҳилем».[1]

Ҷаҳонбинӣ ва ақидаву афкори шоир аз ҳайси эътиқод ва пайравӣ ихтилофнок аст. Як нуктаро бояд кайд кард, ки ҷаҳонбинӣ ва афкори Хоқонӣ то кунун таҳқиқ нагаштааст. Бо назардошти баъзе зиддиятҳо дар афкори шоир муҳаққиқон дар ин масъала ақидаҳои мухталиф изҳор кардаанд.

Зиёуддини Саҷҷодӣ, ки матни интиқодии девони шоирро таҳия кардааст, дар муқаддимаи девон зимни шарҳи масъалаи мазкур назариёти мухталифи муҳаққиқонро роҷеъ ба ҷаҳонбинии Хоқонӣ иқтибос карда, худи муҳаққиқ бошад, Хоқониро пайрави шофеъия донистааст.[2]

Ғаффор Кендлӣ тибқи усули тадқиқоти худ, ки мо намунае аз онро пештар сари масъалаи ахлоқи шоир иқтибос карда будем, ақидаи муҳаққиқонеро, ки Хоқониро ба тасаввуфу қадандарӣ мансуб донистаанд, инкор карда менависад, ки шоир ҳеҷ гоҳ ба фикри канорагирӣ аз ҷаҳону дурӣ аз мардум наомада буд, балки пас аз хуҷуми ғузон шоир ба ахиён ҳамроҳ шуд.[3] Ақидаи олими озарбойҷонӣ дар ин масъала қобили қабул шуда наметавонад, зеро майли канорагирию узлат яке аз заминаҳои густурдаи ашъори шоирро ташкил медиҳад.

---

[1] М. Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 182

[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 30

[3] Гафар Кендли- Херисчи Али огли. Хакани Ширвани. Жизнь, эпоха, среда./Автореф. дис. на соиск. уч. ст. д-ра филол.наук.- Баку, 1972, стр. 72

А. Зарринкӯб ҳангоми таҳлили тасаввуфи Саноӣ, Хоқониро дар таҳқиқу мавъиза пайрави Саноӣ хондааст, вале ба гуфтаи ин донишманд ваъзу таҳқиқи Хоқонӣ «аз ҳайси умқи таъсир» ба пояи Саноӣ намерасад ва таълимоти ӯ бештар лаҳни қаландарӣ дорад.[1]

Дар воқеъ, баръакси орифону сӯфиёни комил, ки ҷаҳонро ҳама ҳусну некӣ ва хайр мебинанд, Хоқонӣ аз мардуми замона гилаҳои бисёр дорад ва аз бевафоии даҳру мардуми он менолад, ҷаҳонро пур аз шарру фасод мепиндорад. Ин ба ақидаи сӯфиён ва орифон, ки оламро ҳама ҷилваи ҳақ таъоло ва неку бади онро ба ин мансуб медоштанд, созгор нест. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам Хоқониро ба қатори сӯфиёни мутавассит шомил донистаанд.[2]

Таваҷҷӯҳи шоир нисбат ба расму ойин ва дини масеҳӣ зиёд аст. Ҳамин хусусияти ашъоири шоир боис гашт, ки як зумра мусташриқон, аз қабили Ю. Н. Марр, Л. Чайкин, В. Минорский, К. Залеман, О. Л. Вилчевский ва дигарон муносибати Хоқониро ба дину ойини насронӣ шарҳ диҳанд.

Огоҳиҳои Хоқонӣ аз масойили тарсоён ва диниёти масеҳӣ аз се манбаъи мӯътабар ва асосӣ моя мегиранд. Манбаъи нахустин Қуръони маҷид ва тафсироти он мебошад. Хоқонӣ ҳамаи ишораҳое, ки дар Қуръон оид ба масеҳу масеҳият вуҷуд дорад, ба тафсил дар ашъори худ ғунҷондааст. Манбаъи дигар, муҳити зиндагӣ ва ҳамсоягӣ бо сарзаминҳои исавикешу иртиботи мамдӯҳони шоир бо ин кишварҳо мебошад. Ва дигар манбаи аслӣ ин таъсири

---

[1] Зарринкуб А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Ирон.- Душанбе: Ирфон, 1982, саҳ. 209

[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 30

модари настуримазҳаби шоир аст, ки бо вуҷуди ташриф ба дини ислом мусалламан аз тарбияти аввалияи худ барканор набудааст ва дар огоҳиҳои Хоқонӣ аз ин ҷанба нақши муҳиме бозидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки чигунагии ҷаҳонбинии Хоқонӣ дар ҷараёни афкори танқидии ӯ нақши аввалиндараҷа намебозад. Зеро шоир хоҳ мусулмон бошад, хоҳ насронӣ, ё сӯфӣ бошад, ё ахӣ чун ба тариқае эътиқод дорад, ҳамин кофист, ки аз таълимоти ӯ чизе дар бораи ҷанбаи маънавию ахлоқии сухан дарёбем. Дар ин ҷода танҳо баъзе таассубҳои мазҳабӣ метавонанд ба назариёти танқидии шоир дар мавриди таъини ҷанбаи ахлоқии сухан таъсир расонанд, ки мо дар ҷои худ ба ин масъала бармегардем.

Талқини ҷанбаи маънавиию ахлоқӣ ва мазҳабӣ бештар дар маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн», инчунин дар доираи қасидаҳои ба ситоиши уламову пешвоёни мазҳаб эҷодгашта, дар ситоишномаҳову мадҳияҳои Маккаю расули акрам, дар ашъори ирфонӣ ва низ дар қитъаҳои алоҳидае, ки дар худситоӣ аз порсоӣ асос ёфтааст, таҷассум ёфтааст.

Аз таърифоте, ки Хоқонӣ ба пешвоёни мазҳабу уламои дин раво донистааст тамоюли эътиқодӣ ва гиромидошти муқаддасоти динию мазҳабӣ аз ҷониби ӯ муайян карда мешавад. Агар ситоиши Маккаву мадҳи ҳазарти пайғамбар натиҷаи сафари ҳаҷу боздиди Макка бошад, тавсифу таҳнияти уламои дин аз оғоз фаъолияти эҷодӣ ҳам дар осори Хоқонӣ мушоҳида мешаванд. Нуктаи шоёни таваҷҷӯҳ дар тавсифоти мазкур аз он иборат аст, ки шоир аксари уламои динро ба бартарию устодӣ аз худ муаррифӣ менамояд. Ин ҷо номи чанд тан  аз уламову пешвоёни динро номбар кардан мумкин аст, ки Хоқонӣ бо онҳо

эътиқоди тамом варзидааст, чунончи, Изуддин Абўимрон, Қозиюлқузот Имом Аҳамшод, Баҳоуддин Саиди Аҳмад, Абдумансур Муҳаммади Асъад, Аттории Тўсӣ (Ҳафдаҳ), Муҳйиуддин Муҳаммад Яҳёи Нишопурӣ, Носириддин Абў Исҳоқ Иброҳими Бокўӣ, Муваффақиддин Абулғаффор Соҳибулҷийш, Асъад Абў Умру, Умари Нисоӣ, Имом Разиуддини Хазоъӣ ва дигарон. Аксар бузургони номбаршуда пешвоёни мазҳаби шофеъия мебошанд, ки дар он рўзгор дар ирфону тақво мартабаи калонро соҳиб будаанд. Аз оҳанги ситоиш ва мурочиати Хоқонӣ ба ин уламо бештар гилаомезӣ аз аҳли рўзгор ва иноят ҳамдардӣ дархост карда шудааст.

Дар қасидае, ки ба Баҳоуддин Саид Аҳмад бахшида шудааст, пеш аз ҳама шоир ба қудсияти мўҳтавои сурудаҳои худ ишора карда, андешаю ройи Баҳоуддинро барои шинохти шеъри худ меъёр донистааст:

**На марди лофам, Хоқонии суханбофам,**
**Ки руҳи қудс танат тору пуди ашъорам.**
**Зи кас ба зери салаф нестам, биҳамдуллоҳ,**
**Магар ба эзаду устод, садри аҳрорам.**
**Ба шукри эзаду устод дар мақоми суҷуд,**
**Ниҳода сар ба замин бар чу паргорам.**
**...Айёри шеъри ман акнун аён тавонад шуд,**
**Ки ройи равшани он меҳтар аст меъёрам.**[1]

Таҳнияти маърифати динӣ ва мазҳабии уламои мазкур дар ситоишномаҳои шоир хусусиёти муштаракро доро мебошанд. Дар муайян кардани хусусиятҳои ахлоқию маърифатии ҳамаи он бузургон шоир ифодаҳои тавсифиеро аз қабили «динтироз», «куфркоҳ», «чашми бедори шаръ» ва ғайраро раво

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 287

медонад. Ин тавсифот дар муколама ва ҳамдигарситоии орифону шоирони гузашта қариб, ки яксон истифода бурда мешаванд, чунончи инро мо дар мушоираҳои Хоқонӣ бо Имом Маҷдуддин Халил, Наҷмиддини Симгар ва дигарон дида будем. Аммо дар қиёс бо мушоираҳо ба ҳаммаслакони хеш шоир дар муносибати мазкур ҳамеша худро дар қиёс бо эшон фурутан нишон дода, аксари олимони номбаршударо ба устодӣ ном мебарад, чунончи, дар қасидаи зер, ки ба Изуддин Абӯ Имрон бахшидааст:

**Дабиронро манам устоду миронро манам қудва,**
**Маро ҳам қудва ҳам устод**
**Изуддини Бӯ Имрон.**
**Даме, к-аз рӯҳи қудс омад**
**сӯи ҷон бинти Имронро,**
**Маро он дам сӯи ҷон дод Изуддини Бӯ Имрон.**[1]

Аз муносибати шоир нисбат ба бузургони дину мазҳаб ба мавзӯи мо он нукта вобастагӣ дорад, ки тараннуми муқаддасот ва тавсифи шахсиятҳои динро Хоқонӣ яке аз вазифаҳои шоирии худ меҳисобид. Тавре ки пештар ҳам ишора рафт, дар муқоиса бо шоирони дарбори ғазнавиён, барои шоирони ин давра, аз он ҷумла Хоқонӣ, вазифа аз шеъру шоирӣ танҳо мадҳи мамдӯҳу ситонидани сарват нест. Вазифаю мароми шеър аз чунин мақсади чокарона болотар меистад, шоир масъулияти бештаре эҳсос мекунад. Чун аз маддоҳии ҳокимони давр, ки мақсад аз он ба даст овардани неъмати фаровон буд, пушаймон мегардад, чунки дар ин масъала ҳам шоир қадр надид, рӯ меорад ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, чунки дар назари шоир шеър чизи муқаддас

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 914

аст. Ин масъала ба унсурҳои гуногуни фикрию мавқеи ахлоқии шоир алоқамандӣ дорад, ки сари ин масъала мо дар мавриди худшиносии эҷодии шоир бармегардем.

Ҳамон тавре, ки медонем, аксари марсияҳои пурсӯзу ҷонгудози Хоқонӣ ҳам дар сӯгвории алломаҳои мазкур иншо гаштаанд.

Шояд муболиғаомез набошад, агар даъво кунем, ки муассиртарину сӯзноктарин марсияҳои адабиёти форсиро Хоқонӣ ба худ ихтисос додааст. Шарти асосии марсия, ки иборат аз риққату дардангезӣ, шӯрофаринию дилнишинӣ мебошад, дар осори Хоқонӣ дар ниҳояти камол эҳсос мешавад. Ҳарчанд пардаи ситабри шеърият, ки ба хусусиятҳояш дар боби аввали кор ишора намуда будем, дар марсияҳо ҳам мавҷуданд, аммо сӯзи дил ва оташи дарунии шоир дар марсияҳо то ҳаддест, ки ҳар гуна ҳиҷобро ба оташ мекашад.

Шоири доғдида дар тайи зиндагии худ шоҳиди фоҷиаҳои зиёде гаштааст. Дар сӯги фарзанди нокомаш Рашидаддину ҳамсари маҳбубаш, инчунин амаке, ки барои шоир падариҳо намуда буд ва писари амакӣ, ки ӯро устоду дину дунёи худ мехонад ва дигарон, шоир оламеро ба шеван вомедорад. Ба ҳамин хусусияти шеъраш ӯ ишора карда менависад:

**Шеъри ман з-он сӯзнок омад, ки ғам,**
**Хотири гавҳарфишонам сӯхтааст.**[1]

Дарвоқеъ, саргузашти шоир басо пуробичашм аст, ки ҳаводис дар коҳиши илҳому табъи шоирии ӯ

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 749

таъсири зиёде расонидааст. Шоир дар ҷое аз қазову қадар шикоят кардааст:

**Пас аз чӣ буд ки бар манн камон**
**кашида фалак,**
**Нарафта ҳеҷ хаданге хато камонашро.**

Худи шоир ҳам дар қитъае шарҳи ҳол карда, аз таъсири манфии ғаму кулфати замона дар коҳиши табъу равнақи эҷодиёташ ишора кардааст:

**Табъи равшан дошт Хоқонӣ замона тира кард,**
**Гар накарди хотирашро нури пайванд омадӣ.**
**Гар калиди хотираш нашкастӣ андар**
**қуфли ғам,**
**Аз хазонайи ғайб лафзаш ваҳймонанд омадӣ.**
**Гар ба аввал настананди асли ширинӣ зи мум,**
**Нахли муминро рутаб ширинтар**
**аз қанд омадӣ.**[1]

Ноаҳлии рӯзгору рақобати ҳосидон боиси ранҷу нокомиҳои шоир мегаштанд ва яке аз сабабҳои дигари ситоиш ва рӯ овардан ба аҳли дини замона ба ҳамин омил вобастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки суханвари мумтоз ягона ҳамдарду ғамгусори худро аз тақводорону пешвоёни мазҳаб ва уламои дин меҷӯст. Аммо чанголи аҷал ҳеҷ як аз дӯстону ғамгусоронашро раҳо накард ва шоир дар охири умр қариб бекасу танҳо монда буд.

Дар марсияҳое, ки шоир ба фавти Умдатуддин, Имом Изуддин Абӯ Умру Асъад, Изуддин Абӯ Имрон, Носириддин Абӯ Исҳоқ Иброҳими Бокӯи ва Муҳийуддин Муҳаммад Яҳёи Нишопурӣ сурудааст,

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 929

дар баробари шикоят аз фироқу танҳоӣ, инчунин аз талафоту костани шариату дини мубини ислом бо набудани он бузургон ишора кардааст. Дар марсияи Асъади Абӯ Умру менависад:

**Аз сари дин кулоҳи иззат рафт,**
**Сад дареғо кулоҳ мегӯяд.**
**Чашм бедори шаръ шуд дар хоб,**
**Роз бо хобгоҳ мегӯяд.**[1]

Пургудозтарин марсияҳоро Хоқонӣ дар сӯги Имом Яҳёи Нишопурӣ сурудааст. Муҳйиддин Муҳаммад Яҳёи Нишопурӣ аз бузургтарин пешвоёни мазҳаби шофеия ва яке аз шогирдони маъруфи Ғаззолӣ ба шумор меравад. Мавсуф дар тозиши туркони ғуз ба Хуросон дар соли 1170 ба шеваи дилхарош кушта шудааст. Хоқонӣ дар чандин қасида аз ин воқеа ёдовар мешавад, чунончи:

**Ҳой, Хоқонӣ туро ҷойи шаккаррез асту шукр,**
**Гар даҳонатро ба оби захрнок огандаанд.**
**Муҳийуддин, к-ӯ даҳони дин ба дурр оганда буд,**
**Кофарони ғуз даҳонашро ба хок огандаанд.**[2]

Ва дар қасидаҳои бо матлаъи зер:

**Он Мисри мамлакат, ки ту дидӣ, хароб шуд,**
**Он Нили макрамат, ки шуниди сароб шуд.**[3]
**Ва:**
**Новарди меҳнат аст дар ин тангнои хок,**
**Меҳнат барои мардуму мардум барои хок.**[4]

низ аз марги фоҷиавии он бузургвор дареғ гуфтааст.

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 166
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 871
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ.155
[4] Девони Хоқонӣ, саҳ. 237

Фикри гушанишинӣ ва қаноату канорагирӣ аз ҷомеа, чунончи дар шарҳи ҳоли шоир мазкур аст, пас аз сафари ӯ ба ҳаҷ такмил ёфтааст. Ҳарчанд пеш аз ин ҳам майли порсоӣ дар вуҷуди шоир ҷой дошт, ки тавсифу мадҳ ва мукотиба бо аҳли дин аз ин нукта гувоҳӣ медиҳад, аммо зиёрати Макка дар таҳаввулоти куллии ин мояи ботинӣ мусоидати комил карда, майли порсоии Хоқониро ба марҳилаи амал гузоштааст. Ашъори зер аз майли узлатталабию қаноатҷӯии шоир дарак медиҳад:

**Аз ҳама олам карон хоҳам гузид,**
**Ишқи дилҷӯе ба ҷон хоҳам гузид.**[1]

Ва ҷои дигар:

**Зимондори саломат шуд дили ман,**
**Ки дорулмулки узлат сохт маскан.**
**Ба ваҳдат растам аз ғарқоби ваҳшат,**
**Ба Рустам раста гашт аз чоҳ Бежан.**[2]

Аз рӯи гуфтаҳои шоир дар ин замина бармеояд, ки ӯ табиатан аз оғоз ҳам мойил ба мадеҳасароӣ ва санохонии ҳокимон набудааст ва агар гоҳе аз рӯи эҳтиёҷу зарурат ва ночорӣ, тавре ки мегӯяд:

**Гаҳ будам аз ниёзи ноне,**
**Дар хони хасон мадеҳхоне.**[3]

маддоҳи карда бошад ҳам, оқибат аз ин кор даст кашида, бо ситоиши холиқу анбиё, мулки қаноату порсоиро баргузидааст:

**Табъам ба сухан дуруғзан буд,**
**Чун барги садоби зайбақолуд.**
**Гаштам ба санот ростгуфтор,**
**Чун оинаву маҳак ба меъёр.**

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 169
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 317
[3] Тӯҳфатулироқайн, саҳ. 12

**Мадҳи дигарон зи ман набинӣ,**
**Оина дурӯғзан набинӣ.**[1]

Ситоиши Макка ва мадҳи Расули Акрам яке аз густурдатарин заминаҳои осори шоирро ташкил медиҳад. Дар девон 18 қасида ва як тарҷеъбанд бевосита ба мавзӯи мазкур таалуқ дорад.

Аз заминаи мазкур як нукта дар мавриди мавзӯи мо лозим ба таъкид аст, ки шоир муқаддасоти динию мазҳбиро барои ҳар эҷодкор фарз мешуморад, чунончи:

**Ҳар достон, ки он на санои Муҳаммад аст,**
**Дастони коҳинон шумар онро на достон.**[2]

Чунин тарзи таҳлили арзиши шеър, ки ба ҷанбаи ахлоқии он ишора шудааст, аз мавқеи ахлоқӣ ва мазҳабии шоир сарчашма гирифта, чигунагии муносибати ӯро дар ин масъала ошкор месозанд. Аксари қасойиди дорои мавзӯи мазкур аз порсоиву дарвешӣ, шикоят аз замон, ҳикмат, мавъиза, қаноат, узлат ва ғайра оғоз гирифта, саранҷом бо ситоиши ҳазрати пайғамбар ба поён мерасанд.

Дунё дар назари шоир бо сабаби коҳиши маънавӣ, ки саросари онро фаро гирифтааст, ба мотамкадае табдил гашта, осмон дар сӯги он либоси азо бар тан кардааст:

**Гетӣ сияҳҷома шуд аз зулмати вуҷуд,**
**Гардун кабудҷома шуд аз мотами вафо.**
**Аз хушксоли ҳодиса дар Мустафо гурез,**
**К-инак ба фатҳи боб зимон кард Мустафо.**[3]

Аз ҳодисаҳои зиндагии моддӣ, ки дунёро дучори қаҳтиву хушксолӣ кардааст, шоир роҳи халосиро дар

---

[1] Ҳамон ҷо
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 311
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 16

паноҳ овардан ба расули акрам мебинад. Яъне, ба қавли ӯ, шариати Муҳаммадӣ инсонро аз қаҳтсоли олами моддӣ наҷот медиҳад. Ҳазрати Муҳаммад дар қолаби башарият қабулкунандаи амонати илоҳӣ аст, яъне инсон комил аст. Чун инсони комил амонати илоҳиро мепазирад, дар олами ҷазову охират низ дар иродати илоҳи омил аст. Ҳатто бо иродати худ метавонад иродатро тағйир бидиҳад:

**Он қобили амонат дар қолаби башар,**
**В-он омили иродат дар олами ҷазо.**[1]

Сафари Каъба барои Хоқонӣ нишонае аз сафари охират аст. Агарчи рамзи ин роҳ аз дунёи воқеӣ ва олами маҳсусот шунида мешавад, аммо мақсад аз ҳар ду сафар ҳам роҳ сӯи худост. Ин сафари рӯҳу ҳақиқати маънost, ки ба исми дунявӣ матраҳу зоҳир шудааст. Хоссагону муқаррабони даргоҳи илоҳӣ пай ба маъноҳо мебаранду авом фақат исмҳои зоҳириро мешунаванд:

**Сафари Каъба намудори раҳи охират аст,**
**Гарчи рамзи раҳаш аз сурати дунё шунаванд.**
**Ҷони маънист ба номи суварӣ дода бурун,**
**Хоссагон маъниву оммон ҳама асмо шунаванд.**[2]

Хоқонӣ худро ҳамвора ситоишгари марқади расуллоҳ мехонад, ки фариштагон дар сифати аълои малакут ӯро таҳсин мекунанд:

**Банда Хоқониву наъти сари болини расул,**
**То-ш таҳсин зи малак дар сафи аъло шунаванд.**
**Фахри ман банда зи хоки дари Аҳмад бинанд,**
**Лофи дарё зи дари анбари соро шунаванд.**

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 17
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 102

**...Накунам мадҳ, ки ман марсиягӯӣ карамам,**
**Чун карам мурд зи ман бонги муаззо шунаванд.**
**Зинда кардам сухан ар шокири**
**ман шуд чи аҷаб,**
**Ки зи Озар сифати шукри Масеҳо шунаванд.**
**Шояд ар лаб ба ҳадиси қудамо накшоянд,**
**Ноқидоне, ки адои сухани мо шунаванд.**
**...Шоирон ҳайзи ҳасад ёфта чун харгӯшанд,**
**То зи ман шердилон нуктаи узро шунаванд.**[1]

Фикру мубоҳоти шоир ба хоки марқади Расули Акрам аст, чунонки мубоҳоту таҷаллии анбари соро ҳам ба азамати дарё ва бӯи дарё, чизи дигаре нест. Яъне фахри шоир аз худи ӯ нест, балки ба далели вуҷуди он ҳазрат ва хоки боргоҳи ӯст. Ин ҷо шоир тибқи шеваи маъмулиаш аз қаҳти карам нолида, худро марсиягӯи карам меномад. Аз тақозои мадҳи мамдӯҳ дурӣ мечӯяд. Дар байтҳои дигар бошад Хоқонӣ чун ҳамеша сухани худро бартар аз қудамову мутаахирин муаррифӣ карда, хештанро ҳамчун Исои Масеҳ зиндакунандаи сухани мурда ва берӯҳи гузаштагон медонад ва мӯътакид аст, ки шеъри ӯ хати бутлон бар осори қудамо кашидааст. Ҳарчанд ашъори мавзӯи мазкур ба худшиносӣ аз пойгоҳи сафои ботину таълими нафс сарчашма мегирад, аммо шоир худситоии эҷодӣ ва мартабаи суханвариашро фурӯ намегузорад.

Агарчи баҳор барои шоир паёмовари хазону афсурдагӣ буда, дар зиндагӣ баҳорро надидааст, вале бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилоту мусибатҳои ҳаёт, ӯ мегӯяд, ки зеҳни гарму оташин ва завқи латифу равон чун борони хазонӣ дорад. Зеро ақлашро шоир дар

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 103-104

бандагии он ҳазрат ба мартабаи шоҳӣ расондааст. Рӯҳи зангордидаву тираашро дар пешгоҳи худованд сайқал ва ҷило медиҳад:

**Гарчи найсонам хазон орад ман андар**
**зеҳну табъ,**
**Оташи найсон, бал-к-оби хазон овардаам.**[1]

Шоир даъвои он мекунад, ки ӯ дар натиҷаи варзидагию таҳаммули табъи марямвори бикраш, тавонистааст қалами фасеҳу сухангӯяшро чун тире дар камон гузорад ва онро ба сӯи чархи дуюм, ки ҷои Аторуд аст нишона бигирад, ки ба ин васила фасоҳату сухандонии дабири фалакро аз миён мебарад:

**Подшоҳи назму насрам дар Хуросону Ироқ,**
**К-аҳли донишро зи ҳар лафз**
**имтиҳон овардаам.**
**Мунсифон устод донандам, ки**
**дар маъниву лафз.**
**Шеваи тоза на расми бостон овардаам,**
**З-имтиҳони табъи марямвор дар чархи дуввум.**
**Тири исонуткро дар харкамон овардаам.**

Иқтибоси мазкур аз қасидаест, ки шоир пас аз сафари нахустин ба ҳаҷ иншо кардааст ва дар анҷоми қасида тахаллус ба мадҳи Ҷалолиддин Абулмузаффар Ахситон ибни Манучеҳр карда, натиҷаи сафарро ба ӯ инъом намудааст. Аммо майли канорагирӣ аз муҳити носолими рӯзгор, ки ҷоҳилон дар роҳи илму дониш нишаста монеа гаштаанд, дар қасидаи мазкур ишора шудааст. Шоир мегӯяд, ки ман корвони донишу сухани худро ба биёбони хомӯшӣ бурдаам ва сукут ихтиёр кардаам:

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 258

**То нишаста бар раҳи дониш расаддорони ҷаҳл,**

**Дар биёбони хамўшӣ корвон овардаам.**

Тавре ки дар шарҳи ҳоли Хоқонӣ мазкур аст, шоир пас аз сафари нахустин ҳаҷ муддате чанд дар Шарвон зист. Чун ба қаноату узлат бештар мойил буд, дуюмбора озими ҳаҷ гашт. Вале ин дафъа аз он сабаб, ки Ҷалолиддини Ахистон розӣ набуд, шоирро доштанд ва қариб як сол маҳбасӣ намуданд. Дар ин бора муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф изҳор кардаанд. Аз ин воқеа он чи ба мавзўи кори мо дахл дорад, ин аст, ки Хоқонӣ баъди аз зиндон озод шудан дуюмбора рў ба мадҳи ҳокимон наовард ва сафари дуюм ба ҳаҷ шоирро ба куллӣ аз муҳити дарбору муносибат ба ҳокимон вораҳанд. Он мояе, ки маҳсули эҷодии ин давраро дарбар мегирад, ашъорест, ки шоир дар он мулки қаноату порсоиро интихоб намуда, сафои ботину дарвеширо талқин кардааст:

**Шўям даҳони ҳирс ба ҳафтод обу хок,**
**В-оташ ба бодхонаи аҳшо бароварам.**
**Қурсе ҷавину хушнамаке аз сиришки чашм,**
**Беҳ з-он ки дам ба майдаи доро бароварам.**
**…Он раҳравам, ки тўша**
**зи ваҳдат талаб кунам,**
**Золи зарам, ки ном ба анқо бароварам.**[1]

Шоир аз таомҳои рангину неъматҳои фиребандаи дунё дурӣ меҷўяд ва барои ў гирдаи нони ҷавине бо ашки дида беҳтар аз хўрдани таомҳои лазизу гуворост. Ў зоҳидест, ки тавҳидро тўшаи роҳи худ мекунад ва ҳамчун Золи зар, ки шўҳрату овозааш аз

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 245

симурғи номовар буд, шӯҳрати шоир аз худои беҳамто аст.

**Шаҳбозам арчи баста забонам ба гоҳи сайд,**
**Гард аз ҳазор булбули гӯё бароварам.**

Яъне ҳарчанд монанди шаҳбоз лаб аз сухан фурӯ бастаам, аммо дар ибдоъи маънои димор аз рӯзгори ҳазор шоири бузург бармеоварам.

Мартабаи суханварии Рӯдакиву Унсуриро ҳам шоир аз мавқеи мазкур доварӣ кардааст:

**Шоири муфлиқ манам, хони маонӣ марост,**
**Резахӯри хони ман Унсуриву Рӯдакӣ.**
**Зинда чун нафси ҳаким номи ман аз тозагӣ,**
**Гашта чу моли карим ҳирси ман аз андакӣ.**[1]

Баҳо додан нисбат ба арзиши эҷодии шоирони пешин дар накди Хоқонӣ ба ду мавқеи эҷодии худи шоир алоқамандӣ дорад мавқеи ғоявӣ ва мавқеи ҳунарӣ. Дар порчаи иқтибосгаштаи қитъаи мазкур шоир бештар аз ҳамин мавқеъ ба мақоми эҷодии Унсуриву Рӯдакӣ баҳо додааст. Ин навъ муносибат дар марҳалаи аввали эҷодӣ, ки дар фасли ояндаи кор шарҳ хоҳад ёфт, аз роҳи худшиносии эҷодӣ ва гузориши масъалаи арзиши ҳунар ба мамдӯҳ ироа мегардад. Аммо дар марҳилаи дигар, ки шоир аллакай аз тақозою тамаъ даст шӯста ба худшиносӣ аз роҳи таълими нафс, сафои ботин ва узлату қаноат пардохтааст, масъала хусусияти дигарро доро мебошад. Дар ин марҳала Хоқонӣ ба таваккал ва иномти илоҳӣ умр ба сар бурданро талқин мекунад:

**Марди таваккалам назанам даргаҳи мулук,**
**Ҳошо, ки ашк ба бахшиши зуммон бароварам.**
**Он кас, ки дод ҷон надиҳад нон, бале диҳад,**
**Пас куфр бошад ар ба дил ин занн дароварам.**

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 927

**…Гар даври ноқисон нахарад**
**фазли ман равост,**
**Нуқсе чаро ба фазли мубарҳан дароварам…**

Азбаски ман марди таваккал ба худоям, рӯ ба дарбори салотин намеорам, зеро ин амал ба ҳукми шак ва тардид дар атои парвадигор аст, - мегӯяд шоир. Аммо бо ин ки даври ноқисону ҷоҳилон харидори фазли ман нашуд, боке нест, ба ин амал наметавонам фазилати равшани худро маъюбу ноқис кунам (байти 3).

Хоқонӣ гардунро ба золи куҳансоле монанд кардааст, ки то ҳол касе аз ӯ караму ҷавонмардӣ надидааст, аз ин рӯ, шоир ҳам хоҳон ва харидори он аҷуза нест:

**Ин пиразан ҳанӯз арӯси карам назод,**
**Пас сар чаро ба хутбаи ин зан дароварам.**[1]

Тасвири мазкур дар қитъае, ки он ҷо шоир Рӯдакиву Унсуриро «резахӯри хон»-и худ номида буд, низ дар шакли дигар омадааст:

**Дар бари ин пиразан ҳеҷ ҷавонмард нест,**
**Халқ ҳама кӯдаканд ман накунам кӯдакӣ.**[2]

Метавон гуфт, ки мартабаи Хоқониро дар арсаи мавъизаву ҳикмат ва тасаввуф аксари суханварони пас аз ӯ эътироф ва таҳсин кардаанд. Қасидаи маъруфи шоир, ки дар таърихи адабиёт бо унвони «Мирот- ус-сафо» машҳур аст, мавриди пайравию истиқболи як идда шоирони пасин қарор гирифтааст.

Е. Э. Бертельс дар ин бора ҷое таваққуф намуда, навиштааст, ки қасидаи «Мирот-ус-сафо»-и Хоқониро шоирони зиёде аз қабили Амир Хусрав, Сайфиддини Исфарангӣ, Урфии Шерозӣ, Замонии

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 242
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 927

Шерозӣ, Низом Муаммои Мозандаронӣ, Сидқии Бухорӣ, Амир Муиззӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Фузулӣ назира навиштаанд.[1]

Дар ин таъинот адабиётшиноси машҳур то як андоза ба хатоӣ роҳ додааст. Зеро ҳамон тавре, ки маълум аст, Амир Муиззӣ пеш аз Хоқонӣ умр ба сар бурда, эҷод кардааст. Ва соли фавти Сайид Ҳасан бошад ба солҳои 1176-78 рост меояд. Дар воқеъ, дар чунин қолиб Саид Ҳасан ҳам қасидае дорад, ки дар мадҳи султон Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (соли вафоташ 1165) эҷод шудааст, ки бо ин матлаъ оғоз мегирад:

**Гуҳар бар зар ҳамеборам**
**зи ёқути дурафшонаш,**
**Шудам чун заррае**
**дар сояи хуршеди рахшонаш.**[2]

Чунончи дида мешавад қасди Сайид Ҳасан тавсифу мадҳи Баҳромшоҳ аст ва мӯҳтавои қасидаи Хоқониро таҳқиқу вазъ фаро гирифтааст, дигар ин ки қасидаи мазкурро Хоқонӣ дар охирҳои умраш эҷод кардааст, ки ин маҳсули марҳилаи дуюми эҷодии шоир ба шумор меравад.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи ин қасида менависад: «…Усмон Мухторӣ ин қасидаро неку гуфта, дар мадҳи Султон Иброҳим:

**Мусулмонон диле дорам,**
**ки зоеъ мекунад ҷонаш,**
**Дарафтодам бад-он дарде,**
**ки пайдо нест дармонаш.**

---

[1] Бертельс Е.Э. Джами. Эпоха, жизнь, творчество. – Сталинабад, 1949, стр.41

[2] Сайид Ҳасани Ғазнавӣ. Девон. Бо эҳтимом ва муқаддимаи Сайид Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ.- Теҳрон, 1343, саҳ. 104

Ва бисёр аз акобир қасидаро ҷавоб гуфтаанд, ҳамоно ба зебоии ин қасида нагуфтаанд ва ҷавоби гуфтаи Хоқонӣ мар ин қасидарост, дар зӯҳдиёт ва ҳикмат, матлаъаш ин аст:

**Маро дил пири таълим асту**
**ман тифли забондонаш,**
**Дами таслим сари ушру сари зону дабистонаш.**

Ва Хоҷа Хусрави Деҳлавӣ дар ҷавоби ин қасида доди суханварӣ медиҳад ва дар ин рузгор табъи ваққод ва хотири наққоди ҷавҳари бозори суханварӣ, олими муҳаққиқ Мавлоно нур-ул-миллат вад-дин Абдураҳмони Ҷомӣ маддаалоҳа зилола фазойилаҳ мойил ба ҷавоби ин қасида гардид ва-и ҳақ ҳақойиқу маорифу ҳикматро ба навъе дар шеваи назм даровардa, ки дар ҳайази васф дарнагунҷад.

Ва баъзе акобиру афозил Мавлоноро дар ин амр татабӯъ намудаанд ки матлаъи қасидаи Мавлоно ин аст:

**Муаллим кист? Ишқу кунҷи**
**хомӯшӣ дабистонаш,**
**Сабақ нодониву донодилам**
**тифли сабақхонаш».[1]**

Аммо бар хилофи нақди Давлатшоҳ, ҳамаи суханвароне, ки қасидаи мазкурро ҷавоб гуфтаанд, бо фурутаниву ситоиш аз Хоқонӣ ёдовар шудаанд, на аз Усмон Мухторӣ. Чунончи, Амир Хусрав қасидаи худро ба ҷӯе монанд кардааст, ки ба баҳри маънавиёти Хоқонӣ мерезад:

---

[1] Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббос.-Теҳрон, 1337, саҳ. 74-75

**Маро сабқи камол аст он ки гуфт**
**устод Хоқонӣ,**
**«Маро дил пири таълим асту**
**ман тифли забондонаш».**
**На ман гуфтори доноро ҷавобе сохтам, лекин,**
**Ҷӯе овардаму обе, ки резад пеши якронаш.**[1]

Мавлоно Ҷомӣ бошад пеш аз он ки Хоқониро устоди донишварон хонад дар матлаъи қасидаи хеш, аз сари фахр шеъри соддаву орӣ аз такаллуфи худро меситояд ва ба шеъри фаннӣ назари нек надорад:

**Чу дебоест аз нақши такаллуф**
**содда назми ман,**
**Чи ғам, к-аз содагӣ хонад**
**фалон бе нақлу баҳмонаш.**
**Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир,**
**лек не чандон,**
**Ки орад дар камоли маънии мақсуд нуқсонаш.**
**Хаёли хос бошад холи рухи шоҳиди маънӣ,**
**Чу хол андак фитад бар рух диҳад**
**ҳусни фаровонаш.**
**В-агар гирад зи бисёрӣ ҳама рухсори шоҳидро,**
**Миёни соддарухсорон сияҳрӯӣ расад з-онаш.**
**Сухан он буд, ки аз аввал**
**гузошт устод Хоқонӣ,**
**Ба меҳмонхонаи гетӣ пайи**
**донишварон хонаш…**[2]

Азбаски шеъри Хоқонӣ баъзе аз ин хусусиятҳои зикркардаи Мавлоноро дорост, гумон меравад, ки Ҷомӣ ба ҷанбаи лафзии ашъори Хоқонӣ ишора карда

---

[1] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 158-159
[2] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 161-162

бошад. Зеро дар «Силсилат-уз-заҳаб» низ Ҷомӣ «тумтароқ»-ии Хоқониро ёдовар шудааст:

**Бо ҳама тумтароқ Хоқонӣ,**
**Баҳри тоҷоварони шарвонӣ…**[1]

Ба замми ин Мавлоно Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» ҳам дар бораи Хоқонӣ ақидае изҳор кардааст, ки лозим ба ёдоварист, мегӯяд: «Афзалиддин Бадил ал Ҳақоиқӣ ал Хоқонӣ раҳимаҳуаллоҳу таъоло, ҳарчанд вай шогирди Фалакии шоир аст ва ба шеър шӯҳрати тамом ёфта, чунин гӯянд, ки вайро варои таври шеър таври дигар будааст, ки шеър дар ҷанбаи он кам буда, чунончи, ҳазрати Мавлавӣ қудиса сируҳу гуфтааст:

**Шеър чи бошад барам, то ки занам лоф аз ӯ,**
**Ҳаст маро фанн дигар ғайри фунун шуаро.**

Ва суханони вай бар ин маънӣ шоҳид аст, чунонки мегӯяд:

**Сурати ман ҳама ӯ шуд, сирати ман ҳама ӯ,**
**Лоҷарам кас ману ман нашнавад**
**андар суханам.**

…ва аз ин қабил дар сухани ӯ бисёр аст ва аз инҳо бӯи он меояд, ки вайро аз машраби софии сӯфиён қуддасуаллоҳу таъоло асрора ҳам, шарбате тамом будааст…»[2]

Аммо андешаи мазкур дар мавриди ташхиси ашъори Хоқонӣ аз лиҳози шеърият дурурст намеояд. Зеро Хоқонӣ чи тавре ки зикр гашт, дар ашъори ирфонию зӯҳдии хеш низ он чирагии ҳунарие, ки дар қасойиди мадҳӣ дорад, ба кор бурдааст ва кам қасида аз мавъизаву зӯҳдиёти шоир ёфт мешавад, ки бе тааммуқ ва шарҳ маърифат шавад.

---

[1] Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Ирфон, 1975, саҳ. 78
[2] М.Каззозӣ. Рухсори субҳ, саҳ. 162

Ба қасидаи «Мирот-ус-сафо»-и шоир ба ғайр аз шуарои болотар номбаршуда, инчунин Хоҷӯи Кирмонӣ, Озарбегдлӣ, Қоонӣ низ ҷавоб гуфтаанд, ҳар кадоме аз ин шоирон шоири шарвониро то қадри лозимӣ мадҳу ситоиш кардаанд, ки иқтибосу шарҳи ҳамаи қасидаҳои мазкур ин ҷо аз имкон берун аст.

Ғояи асосии қасидаи «Мирот-ус-сафо» худшиносӣ аз роҳи маърифат ва таълими нафс мебошад, ки пири таълим дар ин ҷода барои шоир дил аст. Хоқонӣ мисли аксари ҳаммаслакони муосир, ба хусус шуарои сӯфимашраб аз фалсафаи Юнон парҳез мекунад. Ӯ фалсафаи юнониро чун кимиёгарӣ аз риёу тазвир иборат медонад ва мардумро аз даромехтани фалсафа бо дин барҳазар медорад. Ин ҷарёнро Ғаззолӣ ба муқобили мазҳаби исмоилия оғоз карда буд ва минбад бисёр шоирон, аз ҷумла Саноиву Хоқонӣ дастгирӣ кардаанд. Хоқонӣ ҳам кӯшиш кардааст, ки пурсумонҳои фалсафиро посух диҳад. Ин ҷанба яке аз заминҳои густурдаи осори Хоқониро ташкил медиҳад.

Дар қасидаи «Миръот-ус-сафо» шоир ба ин мавзӯъ дахолат карда, таълим медиҳад, ки дини ислом туро устод бас аст ва бо вуҷуди дини ислом ба фалсафаву дигар динҳо ниёзе нест. Инсон бояд растагориву ҳидоятро аз уламои дин биёмӯзад, на аз файласуфон. Аз ин рӯ, воҷиботи диниро ба ҷо овардан, аз суннати набавӣ пайравӣ кардан, усули динро омӯхтан ва дигар масойили диниро фаро гирифтан шарти зарурист, ки дар ин роҳ бояд инсон ҳикмати юнониро раҳо кунад:

**Туӣ Хоқониё, тифле, ки устоди ту дин беҳтар,**
**Чӣ ҷои дину устодаст, ё Зардушту Харронаш,**
**Ҳидоят з-аҳли дин омӯзу з-аҳли**
**фалсафа машнав.**

**Ки тутӣ, к-он зи Ҳинд ояд начӯяд кас**
**ба Хазронаш.**
**Фаройиз варзу суннат чӯй, усул омӯзу**
**мазҳаб хон,**
**Маҷастӣ чисту ашколаш,**
**Қулидус кисту ақронаш.**[1]

Аз ин гуна мисолҳо дар девон, маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн», «Муншаот» намунаҳои фаровон ёфтан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки зуҳури ин гуна таълимот ҳам аз ихтилофи назар ва ҷаҳонбинии мазҳабии шоирони давр вобастагӣ дорад. Чунончи, Анварӣ ба фалсафаи табиӣ ва назарии Абӯ Алӣ Сино, инчунин ба назариёти файласуфони Юнон таваҷҷӯҳ дорад ва аз онҳо дастгирӣ мекунад.

**Туро гар амале дод рӯзгор чӣ суд,**
**Маро ба ҷои амал илмҳои юнонист.**[2]

Хоқонӣ ҳарчанд аз илми фалсафа таҳсил кардааст, вале мӯътакид аст, ки фалсафа ба ақидаи мазҳабӣ халал мерасонад ва бо вуҷуди Қуръону ҳадис фалсафа арзише надорад. Инсон бояд вуҷуди худро ба ҳикмати дин биёрояд, аз ин рӯ, ба шоирон таъкид карда менависад:

**Фалсафа дар сухан маёмезед,**
**В-он гаҳе номи он ҷадал маниҳед.**
**Маркаби дин, ки зодаи Араб аст,**
**Доғи Юнон-ш бар кафал маниҳед.**
**Нақши фарсудаи Фалотунро,**
**Бар тирози беҳин ҳулал маниҳед.**[3]

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 204
[2] Девони Анварӣ. /Таҳияи нашр бо тасҳеҳи Р. Ҳодизода.- Душанбе: Ирфон, 1971, саҳ. 19
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 172

Чунин таассуб ва эътиқоду рағбат нисбат ба мазҳаб дар афкори Хоқонӣ якранг нест. Ҳамон тарве ки З. Саҷҷодӣ дар муқаддимаи девони шоир зикр мекунад, нукти шоёни таваҷҷӯҳ дар таҳқиқи мазкур, ихтилофи ақида ва афкори шоир аст. Зеро шоир дар мавриде агар таассуби шадид зоҳир намояд, дар мавриди дигар ба ақида ва афкори сӯфиён изҳори майл мекунад, ҷои дигар майхорагию амсоли онро сутуда, аз Каъбаситоӣ дурӣ ҷӯста, як навъ тардимоғӣ нишон медиҳад. Вақте ки дар сафари ҳаҷ бар асари сахтии роҳи бодия машаққат дид, ранҷидахотир гашта, забон ба ҳиҷои араб кушуд ва рӯй ба майхонаву дайри муғон овард, ки муғонасароиву бодапарастӣ дигар заминаи мавзӯоти осори ӯро ташкил мекунад:

**Гар маҳрами иданд ҳама Каъбаситоиён,**
**Ту маҳрами май бош макун Каъбаситоӣ.**[1]

Бо вуҷуди тааассуб ба мазҳабу дин боз ҳам шоир ба Эронгароиву парастиши фарҳангу маданияти миллӣ майли тамом дорад, ки ин қазияро қасидаи «Харобаҳои Мадоин» ва чанд байт аз қасидаҳои дигари ӯ, ки дар онҳо нафрати шоир нисбат ба арабҳову туркҳо ниҳон аст, собит месозанд.

Баёни ғйримаъмул ва вежагиҳои дигаре, ки қасидаҳои Хоқониро фаро гирифтааст, чунин вонамуд месозад, ки гӯё шоир барои табақаи махсуси хонандагони огоҳ аз илму аз шеър эҷод кардааст, ки инро ба истилоҳи дигар метавон шеъри хосса номид. Табиист, ки доварихо барои чигунагии шеъри хуб, дар афкори адабӣ ва танқидии шоир аз ҳамин дидгоҳи баланд сарчашма мегиранд. Дар ин бора худи шоир ҳам ишораҳои фаровон дорад, чунончи:

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 30

**Ҷоҳил нарасад дар сухани жарфи ту, оре,**
**Каф бар сари баҳр ояд пайдо, на ба поёб.**[1]

Ё худ:

**Баёне, ки нағз аст, фарзона донад,**
**Камоне, ки сахт аст бозу шиносад.**[2]

Зуҳури ин падида дар ҳунари Хоқонӣ аз як тараф агар ба талаботи адабии давр алоқамандӣ дошта бошад, ки шароиту дархости он дар «Чигунагии шоир ва шеъри ӯ»-и Низомии Арӯзӣ мазкур аст,[3] аз дигар ҷониб ба қобилияти фардии эҷодии шоир ҳам вобастагӣ дорад.

Девони камтар шоире ба андозаи девони Хоқонӣ оганда аз тасвирҳои воқеӣ ва айнии мардум ҷомеа мебошад. Девони Хоқонӣ дунёи бекаронеро мемонад, ки мӯҳтавои онро таҷрибаву мушоҳидаҳои шоир аз олами маҳсус ташкил додааст. Одобу русуми мардум аз сӯгвории эътиқодоти онҳо, сеҳру ҷоду, бозиҳову саргармиҳо аз нарду шатранҷ, чавгону шӯъбадабозӣ, шикор ва он чӣ марбут ба он аст, сафарҳои барриву баҳрӣ, кишту заръ, расму ташрифи хусравон, истилоҳоти тарсоию зардуштию яҳудӣ, матолиби таърихию ҷуғрофӣ, тиб, нуҷум, мусиқӣ ва амсоли ин девони Хоқониро тавре муҳаққиқи иронӣ М. Маъданкан мегӯяд, ба «дойират-ул-маориф»-и

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 311
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 876
[3] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. / Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986, саҳ. 54-55

мӯътабар дар заминаи масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангии рӯзгори худ мубаддал сохтааст.[1]

Хулоса, ҳарчанд афкори Хоқонӣ гуногунранг ва мӯҳтавои осораш аз лиҳози густариши мавзӯот мухталиф аст, аммо афкори адабӣ ва танқидии ӯ дар мавриди таъини арзиши сухан ба ду унсури асосӣ-мутантании ҷанбаи лафзӣ, ғановати ахлоқӣ ва маънавии шеър нигаронда шудааст. Тавре мушоҳида гардид, муносибати ӯ нисбат ба шеъру шоирӣ, аз заминаи таҷрибаи эҷодӣ ва тамоюлу завқи фардиаш сарчашма мегиранд.

## 8. Худшиносии эҷодӣ ва мақоми суханвар дар ҷомеа

Аз рӯи воқеияти маҳсули нотакрори эҷодӣ, муҳит ва ишораҳои фаровони шарҳиҳолии худи Хоқонӣ бояд эътироф кард, ки худситоӣ ва афзалиятҷӯиҳои шоир аз худшиносии эҷодӣ ва вуқуфи комили ӯ аз пойгоҳи баланди шеъру адаб сарчашма мегиранд.

Зуҳури нобиға бо хусусиятҳои фардӣ ва нотакрори эҷодию шахсӣ дар ҳар давру замон ҳодисаи ғайримаъмул ба шумор меравад. Мушаххас сохтани хусусиятхои қобилият ва тафаккури фарди эҷодкор, ки дар зинаи нобиға қарор дорад, аслан мавзӯи фанни равоншиносӣ ва фалсафа мебошад.

Мувофиқи таълимоти ҳозираи фанни равоншиносӣ таҳлили мафҳуми қобилият бо шартҳои

---

[1] Маъсумаи Маъданкан. Базми дерина арӯс. Шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонии Шарвонӣ.-Теҳрон, 1372, саҳ. 15

фаъолият мувофиқат кардани хусусиятҳои эҷодкор ва дар натиҷа бо комёбиҳои муайян нойил гаштани ӯ фаҳмида мешавад. Яъне аввалан одамон бо хусусиятҳои муайяни табииву модарзодӣ таваллуд мешаванд, ки қисме аз ин хусусиятҳо натиҷаи аломату нишонаҳои қобилияти минбаъда мебошанд. Дар иҷро кардани фаъолият маҳсуле ҳосил мегардад, ки он барои ба кобилият баҳо додан имконият медиҳад.

Қобилият дорои ду дараҷаи асосӣ мебошад: қобилияти репродуктивӣ ва қобилияти эҷодӣ.[1] Дар ин таснифот чигунагии зинаҳои тафаккур низ таъсир доранд. Қобилияти репродуктивӣ навъе аз қобилият аст, ки шахси эҷодкор дар натиҷаи тақлид метавонад аз колои фикру маҳсули эҷодии дигарон чизе биофарад, вале дар маҳсули эҷодии ӯ кашфиёту навоварӣ дида намешавад.

Қобилияти эҷодӣ бошад дар навбати худ ба се зина тақсим мешавад:- эҷодиёт, истеъдод ва нобиға. Нобиға зинаи баландтарини қобилияти инсонӣ ба шумор меравад, ки дар ин зина эҷодкор метавонад бо тафаккури баланди назариявию рефлексивии худ дар кулли анвоъи фаъолият бо малакаю маҳорати нотакрор ворид шавад ва маҳсули эҷодии ӯ низ аз ҳар ҷиҳат бесобиқаву нотакрор мебошад.

Гегель низ дар бораи хусусияти эҷодии фарди дорои қобилияти истеъдод ва нобиға ақидаҳои ҷолиб баён кардааст.[2] Вобаста ба ҳамин назария минбад Ян

---

[1] Общая психология. Учебное пособие для студентов пед.ин-тов./ В. В. Богословский, А. А. Степанов, А.Д. Виноградов и др.- М.: Просвещение, 1981, саҳ. 110

[2] Гегель, Георг Вильгельм Фридрих. Эстетика. – т.1.- М.: изд-во Искуство, 1968, стр. 294-297

Рипка қобилияти эҷодии Хоқониро ташхис дода, ўро нобиғаи замон ном бурдааст.[1]

Дар воқеъ, бо он ки Хоқонӣ тавассути табъи муқтадир ва қобилияти баланди эҷодии худ тавонистааст то сайри табии адабиёти форсиро аз лиҳози таҳаввули сабк ба андозаи равшан дигаргун созад, ҷои шак ва тардид нест, ки ў низ дар шумори нобиғаҳо адабиёти форсӣ ёд карда шавад. Вобаста ба матлаби мазкур, мо тасмим гирифтаем, ки дар ин фасл сабаби муфохира ва худқиёскуниҳои эҷодии Хоқонро, ки бо ин амал ў муносибати хешро нисбат ба адибони маъруфи пешин ошкор сохтааст, таҳлил намоем. Ҳамчун дар ин замина роҷеъ ба афкору ақидаҳои шоир дар масъалаи моҳияти шеър, вазифа ва мақоми шоир дар таърихи ҷомеа, низ гуфтугў хоҳем кард.

Аз рўи моҳияту тарзи гузориш ва ҳадафу дархостҳо, худситоиву худнамоӣ ва бартарихоҳӣ ҳамчун хусусияти фардӣ- психологии ҳар шахс бо сабабҳои гуногун зуҳур меёбанд. Чун ин ҷо сухан сари масъалаи худситоӣ, ё ба истилоҳи дигар муфохираҳои шоирона меравад, бояд сабаб, мақсад, матлаб ва воқеияти иддаои шоиронро дар ин ҷода муайян намоем.

Лозим ба ёдоварист, ки дар бораи мавҷудияти фахр дар қасидаҳои шоирони араб ва форс, як зумра мусташриқини соҳаи адабиёт, аз қабили И. Ю. Крачковский,[2] Ханна-ал-Фахурӣ[1], И. М.

---

[1] Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М.: Прогресс, 1978, стр. 254

[2] Крачковский И. Ю. Избранные сочинения. – т. 2 – Л.: Изд-во АН СССР, 1956, стр.289

Фильштинский[2], Е. Э. Бертельс[3] ва дигарон ишораҳо кардаанд.

Сабаби аввали худситоиҳои шоирона, ки бештар ба шоирони дарборӣ тааллуқ дорад, вобастааст ба расме, ки миёни ҳам шуарои араб ва ҳам форс мутадовил буд. Ин муфохираҳо ба мақсади қаробат ҷӯстан ба мамдӯҳ ва бедор кардани инояти мамдӯҳ зуҳур меёфтанд. Дар ин ҷода ҳатто шоирони дараҷаи миёна низ, тавре ки пештар ишора кардем, пояи ҳунар ва мартабаи хешро бар фарқи шеъру ҳунари дигарон ниҳодаанд.

Сабаби дуюм вобаста аст ба чигунагии муносибати ҷомеа ба афкор ва маҳсули эҷоди шоир. Ин гуна худситоиҳо ба он сабаб рух медиҳанд, ки муҳит ба афкор ва маҳсули эҷодии шоир баҳои дуруст дода наметавонад. Албатта, ҳунари воло ба ситоишу муаррифии худи муаллиф ниёз надорад ва эҷодкори асил ҳақиқати маҳораташро метавонад тавассути натиҷаи офаридаҳояш ба маърази муаррифии дигарон вогузорад. Аммо дар гузаштаи адабиёти форсӣ, тавре маълум аст, гузориши масъалаи арзиши ҳунар вобаста ба ҳадафҳои эҷодӣ ва ғоявии суханварон ба таври худситоӣ ироа гаштааст.

Азбаски дар гузашта харидори шеъри шоирони дарборӣ ҳокимон ва вазирон будаанд, табиист, ки эҷодкорон таъингари арзиши офаридаҳои худ ҳокимонро қарор медоданд. Ҳадафи асосии эҷодии

---

[1] Ханна-ал-Фахури. История арабской литературы.- т1. – М.: Изд-во иностранной лит-ры, 1953, стр.36, 54, 154

[2] Фильштинский И. М. Арабская классическая литература.- М.: Наука, 1955, стр. 20-21

[3] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М.:Изд-во вост. Литературы, 1960, стр. 441

шоир ба даст овардани манифат ва таъмини эҳтиёҷоти моддӣ буд. Ҳарчанд дар асри XII муносибат нисбат ба мамдӯҳ, дар нисбати шоирони дарбории асрҳои X- XI, ки ҳақиқати шеър мамдӯҳро қарор медоданд,[1] тағйир ёфта буд, аммо дар масъалаи ситонидани силлаву подош ҳар шоир вобаста ба хусусиятҳои шахсию фардии худ муносибат мекард. Чунончи, дар муқоиса бо шоирони дарбори ғазнавӣ, ки мехостанд бо таъбироти латиф ва бахшишу фурӯтанӣ аз мамдуҳини худ чизе ситонанд, Анварӣ равиши силласитоиро дар ин давра бо он тағйир дод, ки ӯ бо сароҳат ба ҳокимон таҳдид карда мегуфт, ки маддоҳии ӯ ба хотири силласитонӣ аст ва агар подоши ӯ нарасад ба ҳаҷв хоҳад пардохт. Аз он ҷо ки таваҷҷӯҳи мамдӯҳро ба худ ҷалб кунад, аз гадоӣ ҳам ору нанг надорад:

**Эй шоҳ зи нақдҳо, ки бошад,**
**Дар кисаи субҳу шом мавҷуд.**
**Дар кисаи умри Анварӣ нест,**
**Илло нафасе се-чор маъдуд.**[2]

Ё ин қитъа, ки дар талаби ҷав сурудааст:

**...Гуфтам, эй гӯсфанд коҳ бихӯр,**
**К-аз алафҳо ҳамин-т омадаст.**
**Гуфт: ҷав, гуфтамаш надорам, гуфт:**
**Дар кадия худой бикшодааст.**

---

[1] Шарифов Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XI./ дис. Барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ.-Душанбе, 1970, саҳ. 155

[2] Девони Анварӣ, саҳ. 676

Албатта, падидаи мазкур, ки аз эҳтиёҷоти моддӣ сарчашма мегирад, ҳатто бузургтарин шоиронро маҷбур месохт, ки ба ин амал даст зананд. Вале дар баробари ин шоиронеро метавон дар ин давра дарёфт, ки бо вуҷуди тангдастӣ ва дуруст қадр надидан, тавонистаанд то номуси шоиронаи худро ҳимоя кунанд ва аз он ҷо ки дар назари эшон сухан арзиш ва манзалати баландро доро мебошад, нахостаанд, ки онро ба ивази ночизе бадал намоянд. Дар радифи ин гуна шоирон метавон Хоқониро ном бурд.

Назари Хоқонӣ дар масъалаи мазкур нисбат ба ҳамаи шоирони муосири дарборӣ фарқ мекунад. Аввалан, Хоқонӣ як ҳисси худбинӣ, ғурури ботинӣ, ҳассосият ва номусеро дорост, ки ин амр боиси ранҷу уқубатҳояш ҳам гаштааст. Агар дақиқтар назар андозем, шоир бештари маврид худқиёскуниҳои эҷодиашро бо шоирони пешин, дар асоси ҳамин масъала, яъне қадрдошт накарданаш, ифода намудааст. Вале ба замми ҳамаи ин дар маъалаи муносибати дағалонаи шоир бо дигарон, як хусусияти ботинии ӯ низ то ҷое таъсир дорад, ки ин навъ муносибатро ҳатто шоир ба падараш ҳам раво донистааст.

Ҳамон тавре ки аз шарҳи ҳол ва гуфтаҳои худи шоир бармеояд, ҳангоми ҷавонӣ падараш, ки дуредгар буд, хостааст Хоқониро ҳам ба дукони дуредгарӣ ба кор барад. Азбаски худи шоир, ки шояд табъи баланд ва қобилияти фитриашро эҳсос карда буд, ба ин кор чандон майл надошт, аз ҳамин сабаб маслиҳати падарашро инкор мекунад. Дар қитъае, ки шоир ба ҳамин мавзӯъ иншо кардааст, дар бораи хислату рафтор ва маслиҳатҳои падараш маълумот дода, ҳамзамон муносибати сард ва дағалонаи хешро нисбат ва волидйн ошкор намудааст:

**З-он хоми қалтабон падаре дорам,**
**К-аз оташ офарид ҷаҳондораш.**
**Ҳамзод буда Озари Намрудаш,**
**Устод буда Юсуфи наҷҷораш.**
**Ҳам табъи ӯ чун теша тарошанда,**
**Ҳам хӯи ӯ бурранда чу маншораш.**
**Рӯз аз фалак бувад ҳама фарёдаш,**
**Шаб бо фалак бувад ҳама пайкораш.**
**…Чун лайқаи девоти кӯҳан гашта.**
**Пӯсида  гӯшт дар тани мурдораш,**
**Обаш зи рӯй рафтаву бод аз сар.**
**Уфтода дар матоъи гаронбораш,**
**Минбар гирифта модари мискинам.**
**Аз дасти он манораи хунхораш,**
**Бо он ки беҳтарин халафи даҳрам.**
**Ояд зи фазлу фитрати ман ораш,**
**К-эй кош ҷувла ҳастӣ Хоқонӣ.**
**То ин суханварӣ набувад кораш,**
**Бо ин ҳама, ки сухтаву пухтааст.**
**Ҷону дилам зи хомии гуфтораш…[1]**

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 892

Дар ин қитъа танзомез ҳам бошад, Хоқонӣ ба падар таънаҳои зишт задааст, ки фарзанди рӯҳан солим чунин рафтор намекунад. Дар ин муносибат низ афкори шоир дар ниҳояти ихтилоф аст. Дар бархе аз ашъори дигараш бошад, шоир падари худро аз анбиё ҳам фаротар меситояд, ки ба ин даъвои ӯ минбаъд Шамси Қайс эрод гирифтааст.[1]

Зоҳиран ҳамин норозигӣ аз падар боис гашт, ки дуредгарзода савод биомӯзад ва донишҳои замонаро бе таҳсил дар мадраса фаро гирад. Чун табъи худодод ва қобилияти баландеро соҳиб буд, тавонист, ки аз тамоми улум ва донишу расмҳои замона дар шеъри худ моя гирад. Вақте дарк кард, ки шеъраш аз лиҳози ороишоти бадеиву илмӣ нисбат ба шоирони пешин имтиёз дорад, барои касби шӯҳрат ва овозаҷӯӣ майле ҳосил кард. Худшиносии эҷодии шоир ҳам аз ҳамин вақт оғоз мешавад. Дар таҳрики тамоюли шоир, аҳли муҳит низ таъсир дорад. Шоир дар ин бора менависад:

**Нест солам ду даҳ вале ба сухан,**
**Нӯҳ фалак як ҷавон надид чу ман.**
**Лек ар фазл ҳаст давлат нест,**
**Фазли бе давлат исми бемаънист.**
**Гарчи таънам зананд муште дун,**
**Чи тавон кард, ал-ҷунун фунун.**[2]

Аз оҳанги шикваи шоир дар қитъаи мазкур аён аст, ки дар он муҳит ба шоир барои камбағал будан

---

[1] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. \ Таҳия ва сарухани У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991, саҳ. 259

[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 913

таъна ҳам мезадаанд. Ҳамин эҳтиёҷ буд, ки минбаъд шоир рӯ ба дарбор орад.

Муҳити дарбор ба ҷаҳонбинӣ ва муносибати шоир нисбат ба шеъру шоирӣ таъсири амиқ расонд. Вале пеш аз ҳама як нуктаро бояд хотирнишон сохт, ки талаботи Хоқонӣ аз ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти моддӣ, тавре ки худи ӯ чашмдор буд, конеъ карда нашуд. Дар ин нобаробарӣ се омили асосӣ сабаб мешуд. Омили аввал ин ғурур ва худбинии шоир мебошад, дуюм рақобати шоирони соҳибғарази дарборӣ ва сеюм шоирпарвар набудани ҳокимони давр.

Шоир дар номае, ки ба Манучеҳри Шарвоншоҳ бахшидааст, перомуни мавқеъ ва муносибати худ изҳори ақида карда, аз соҳибғразон нолида, қудрати шоириашро то ҷое, ки месазад сутудааст. Қабл аз он ки дар бораи ақидаҳои шоир чизе гӯем, ба маврид аст, ки пораеро аз он нома иқтибос кунем: «…Ҳақиқат аст, ки соҳибғаразон ҳар рӯз бандаро дар ҳазрати азамо аҷалаҳоаллоҳ сурат зишттар гардонанд ва ба қалами тазвир тасвирҳо созанд ва гӯянд «Хоқонӣ, боре кист? Ӯро маҳал набояд додан ва тамкин набояд ниҳодан ва ташриф набояд фиристодан, ки ӯ нозгарӣ мекунад. Исҳибу ҳубб, ки чунин аст. Охир ноз бар мулуки ҷаҳондор кунанд. …Аммо дар ҷавоби соҳибғаразон тавон гуфт, ки бандаро ба машориқ-ул-арз ва мағорибҳо мешиносанд ва назму насри ӯро, ки ба мадоеҳи фоиҳи мулки раҳим азамааллоҳу шона муанбару муаттар аст, бар ҷои таъвиз бар дида мениҳанд, ба чунин санотирози «алайҳи айнааллоҳу ло айн-ул-камол» мехонанд. Он соҳибғараз, боре, ҳазрати азаморо, маддааллоҳу зилаҳо ба кадом ҳунар ба кор ояд?

**Ҷуз вай аз ашъори ман султон**
**ба каф медошт гуфт,**
**«К-ин санои шоҳи Шарвон**
**рашкзои ҷони мост».**
**Хоссагон гуфтанд:**
**«К-ин миннат зи Хоқонист бас,**
**К-офарини шоҳи Шарвон**
**дар кафи султони мост».**

Ва ҳам дар ҷавоби соҳибғаразон тавон гуфт моҷарои Хоҷаи бузурги Кошонӣ дар аҳди Маликшоҳ, ки бо ҳуҷҷатулҳақҳ Умари Хайём рафт. Магар рӯзе Хоҷа ба девон нишаста буд. Умари Хайём даромад ва гуфт: «Эй садри ҷаҳон! Аз аз ваҷҳи даҳ ҳазор динор маоши ҳар соли мани кеҳтар боқӣ ба девони олӣ мондааст. Нойибони девонро ишорате балеғ мебояд, то бирасонанд» . Хоҷа гуфт: «Ту ҷиҳати султони олам чи хидмат кунӣ, ки ҳар сол даҳ ҳазор динор марсуми ту бояд дод?» Умари Хайём гуфт: «Во аҷабо! Ман чи хидмат кунам султонро! Ҳазор сол осмону ахтаронро дар мадору сайр ба шебу боло ҷон бояд кандан то аз ин осиёбак донаи дуруст чун Умари Хайём берун афтад ва аз ҳафт шаҳри пойболову ҳафт деҳи сарнишеб чун ман дарояд. Аммо агар хоҳӣ аз ҳар деҳе дар навоҳии Кошон чун Хоҷа даҳ-даҳ берун орам ва ба ҷои ӯ биншонам, ки ҳар яке аз ӯҳдаи кори хоҷагӣ берун ояд». Хоҷа аз ҷой бишуд ва сар дар пеш афканд, ки ҷавоб бас пойбарҷой дид. Ин ҳикоят ба ҳазрати султон Маликшоҳ боз гуфтанд, гуфт: «Биллоҳ, ки Умари Хайём рост гуфт». Банда соҳибғаразонро ҳамин мегӯяд:

**Понсади ҳаҷрат чу ман назод ягона,**

**Чун ӯ ҳар ҳафта сад ҳазор бизояд».**[1]

Дар ин нома Хоқонӣ ба ҳасидони худ ба мартаба ва қудрати шоирию мадҳгустариаш ёдовар шуда, ба ин васила мамдӯҳро ҳам хотирнишон месозад, ки чун ӯ дар ҳунари қасидасароӣ то кунун касе ба арсаи ҳунар ворид нашудааст ва монанди ӯ соҳибҳунарон дар ҳар аср ягон-ягон ба дунё меоянд. Аз ин ҷиҳат ҳам чун ӯ суханваронро дар ҷомеа бас гиромӣ мебояд дошт. Ёдовар шудани моҷарои Умари Хайём бо хоҷаи Кошонӣ пеш аз он ки ҷавоби сохибғаразон бошад, ишораест ба ҳокимони давр.

Худмуқоисакуниҳо бо саромадони адабиёт аз ҷониби шоир асосан дар ҳамин замина ба вуҷуд омадаанд. Шоир дар номае, ки ба вазири Арман Шамсиддин Маҳмуд ибни Алӣ бахшидааст, аз каромату салобати шоҳони пешин нисбат ба Рӯдакӣ, Хусравӣ, Мантиқӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ёдовар шуда, худро низ дар саховатмандӣ ҳамсанги онҳо шуморидааст, менависад: «... Ва аз форсизабонони мулукситой Рӯдакӣ дар қибоби (гунбад) ҷалоли рази Сомонӣ, амири хуросонӣ ва Хусравӣ умдаи (эътимод) фазойили рукни фавозил Абулҳафзи Балъамӣ ва Мантиқӣ дар дор-ул-кифоти садри карим Соҳиб ибни Аббод ва Асҷадӣ дар рикоби давлатбахши шоҳи Ҷилон ва Фаррухӣ дар залли (соя) залили (соядор) малики Систон ва Унсурӣ таҳти риояти султони сулаймоннигин Маҳмуди Сабуктегин, маъа (бо) мо, ки ҳиммати Яминуддавла Маҳмуди Ғазнин, ки ирнайни (саромад) айём буд.... ки макрамати ин садри маҳмудномро айёзи убудият (бандагӣ) шояд, ки бошад. Аммо бар забони мани кеҳтар з-ин сиғат ва санъат рафтааст:

---

[1] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 297-299

**Маҳмуд бини Алист чу Маҳмуд чун Алӣ,**
**Ман ҳам Айёзи ҷудашу ҳам қанбари сахош».**[1]

Дарвоқеъ, ҷиҳати саховатмандии Хоқонӣ ба ҷуз даъво ва мисолҳои дар фаслҳои гузашта оварда, ҳамчунин сарчашмҳои таърихӣ низ гувоҳӣ медиҳанд. Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» дар бораи Хоқонӣ ва Шарафиддини Насафӣ ҳикоятеро овардааст, ки он ҷо ҳусни ахлоқ ва саховатмандию дигар хислатҳои шахсии шоирро ошкор сохтааст. Достон ин аст: «Аз бузурге шунидам, ки дар он вақт, ки ба сафари Каъба рафта буд, чун боре чунин иттифоқ афтода буд, ки Хоқонӣ дар Рай буд. Ҳисомуддин ба зиёрати ӯ рағбате кард ва наздики ӯ шуд. Ва Умари Навконӣ, ки устоди қарро ва Довуди дилҳо буд дар хидмати ӯ бирафт ва чун ба муҳовараи якдигар унс гирифтанд Хоқонӣ пурсид, ки Мавлоноро лақаб чист? Умари Навконӣ гуфт: Мавлоно Шарафиддини Ҳассом, ки ҳассоми баёни ҳақро, шарҳу ботилро шарҳа кунад. Гуфт: Соҳиби «нашканад»? (ишора ба қасидаи Шарафиддин, ки гуфтааст: «Ҳаргиз нигор турра ба ҳинҷор нашканад, - То бори ишқ бори хирад зор нашканад»). Мавлоно сахт аз ин сухан бишикаст, чи ӯ дар анвоъи улуми динӣ устод буд ва дар ҳар фан аз он муқтадӣ, ӯро ба шеъри порсӣ мансаб кардан лоиқи мансаби ӯ набуд. Гуфт: «Оре, дар авоили овони ҷавонӣ ва аҳди шубоб, ки мазанаи нодонӣ бошад, хотир бад-он шева берун шудааст ва дер аст, ки то сақатотро истиғфор мекунам. Хоқонӣ гуфт: «Эй Мавлоно боистӣ, ки тамоми девони ман туростӣ ва он як қасидаи ту маро, чи бо он ки аксари умри мо мусарраф аст ва фанну

[1] Муншаоти Хоқонӣ, саҳ. 229-236

шеваи мо ин. Чандон, ки хостем то як байт бад-ин минвол биёрем хотири мо мусолиҳат накард. Пас соате буд ғуломон даромаданд ва пеши ҳар як яктоӣ атласу муҳри зар бинҳоданд, Ҳисомуддин маъзарате кард ва гуфт:

**Ганҷҳо агар бар дили Хоқонӣ арза кунанд,**
**Нӯҳ фалак яки он чиз бувад, к-ӯ бидиҳад.**
**Ба таҷаббур на ба зилл мол ситонад зи мулук,**
**Ба тавозӯъ на ба миннат сӯи бадгӯ бидиҳад.**
**Чарх хояд ҳаме ангушт ба дандон, ки чаро,**
**Некмарде ба бадон ин ҳама неру бидиҳад.**
**Кори Хоқонӣ дулоби равонро монад,**
**Ки зи як сӯ биситонад зи дигар сӯ бидиҳад».**[1]

Марҳум М. Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ» аз ин қисса ёдовар шуда, менависад, ки бо ин ки қасойиди Хоқонӣ сад мартаба аз қасидаи «Нашканад» беҳтар аст, вале устод аз фарти бузургворӣ дашном ва таъризи Шарафиддинро таҳаммул карда, ӯро бисёр ситоиш намудааст.[2]

Хоқонӣ низ дар қасида ва қитъаҳо ба такрор мегӯяд, ки мадҳияҳои ӯ барои талаби нон нестанд, балки ҷиҳати шӯҳрату овоза ва бақои ном иншо мешаванд. Ман табъи шоириамро бо тамаъ олуда намесозам, - мегӯяд шоир:

**Модеҳеам гоҳ суханбеназир,**
**Дар талаби ном на дар банди нон.**
**Тамъ набини ба бари табъи ман,**
**Пил кӣ бинад ба сари нардбон.**
**З-ин мутаҳаннилсуханонам мабин,**
**З-ин муташоирлақабонам махон.**[3]

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 33
[2] Ҳамон ҷо
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 840

Азбаски шеър барои шоир воситаи бақои исм мешавад, мадҳияҳои ӯ ҳам ба қавли шоир исми мамдӯҳро абадият мебахшанд. Аз ин рӯ, шоир дар қитъае қиссаи силсиласитониро аз шоҳони ғазнавӣ хотирнишон сохта, таъкид менамояд, ки агар ба Фаррухӣ барои як байти мадҳия деҳе бахшида бошанд, ҳар як байти қасидаи ман ба қимати шаҳре арзиш доранд. Ҳарчанд султон ба ивази мадҳҳои ман нон медиҳад, вале моли бахшидаи ӯ фанопазир аст ва дар баробари мадҳияи ман, ки ҳукми ҷон бахшиданро дорост, арзише надорад:

**Шоҳ тоҷи як-ду кишвар дошт лек аз лафзи ман,**
**Тоҷдори ҳафт кишвар шуд ба тоҷӣ, к-аз саност.**
**Шоҳ маро нон доду ман ҷон додамаш, яъне сухан,**
**Нони ӯ тухмест фонӣ, ҷони ман ганҷи бақост.**
**…Гар ба мадҳе Фаррухӣ ҳар байтро бистад деҳе,**
**Дар мадеҳи бикри ман ҳар байтро шаҳре баҳост.**
**Сад ҳазор аст ин фазилат ку дабири осмон,**
**То ба чап кардӣ ҳисоби ин фазилатҳои рост.**
**Муқтадои назму насрам чун қалам гирам ба даст,**
**Худ қалам гӯяд киро ин даст бошад, муқтадост.**
**Гарчи рӯз омад ба пешин аз ҳама пешиниён,**
**Пешу пешам дар сухан донад касе, ки пешвост.**[1]

Барои ба мартабаҳои баланд расидан дар гузашта, шоирони дарборӣ бояд ба шарту дархост ва қоидаҳои расмии дарбор мувофиқат мекарданд. Шоир наметавонад бо истодагарӣ ва ғурур аз мамдӯҳ талаби эҳтиёҷ кунад. Шамси Қайси Розӣ дар ин бора менависад: «Ва аммо тарки адаб дар суолу истеътоф (меҳрубонӣ) он аст, ки аз мамдӯҳ ба илҳоқ (илтимос ва илтиҷо) ва ибром (исрор, истодагарӣ) чизе талабад ва хештанро ба фунуни адаб ва анвоъи ҳунар

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 87

биситояд ва истеҳқоқи (лаёқату қобилият) хеш ба анвоъи авотиф (меҳрубониҳо) ва аснофи (хелҳои) аворифро (тӯҳфаҳо) бознамеояд, он гоҳ тақсир дар риояти ҳақ ва адои фазли ӯ ба мамдӯҳ нисбат кунанд…»[1]

Мутобиқи қоидаҳои расмии мазкур, шоир бояд шарафи шахсӣ ва номуси шоириашро пеши по мезад ва аз доираи ирода ва завқи шахсии худ баромада, нозбардори дигарон мешуд. Аммо Хоқонӣ ба ин шарту дархостҳо тобеъ шудан намехост, аз ин ҷост, ки зимни қитъае шарҳи ҳол кардааст:

**То ту нози фурӯтарон накашӣ,**
**Мар туро лофи бартарӣ нарасад.**[2]

Аз ин рӯ, барои Хоқонӣ чоплусиву тамаллуққорӣ ва тамаъ хос нест:

**Ба пеши кас зи баҳри хандаи хуш,**
**Қади хеш чун маҳи нав хам надорам.**[3]

Умодиддин Закариё ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ дар китоби «Осор –ул-билод» нақле овардааст, ки ҳарчанд сабаби овардаи ӯ дар бораи зиндонӣ гаштани Хоқонӣ ба ҳақиқат рост намеояд, аммо ин нақл гувоҳи назарбаландӣ ва ғурури фардии шоир шуда метавонад. Ӯ мегӯяд : «Афзалиддин Хоқонӣ ҳакиме буд шоир ва дар шоирӣ сабке аз худ ихтироъ карда, ки махсус ба худи ӯст. Дар фанни суханпардозӣ қудрате тамом дошт ва аз разоиле, ки шуарои дигар худро бо он олуда месозанд ҷиддан мухтариз буд ва то он ҷо маротиби ҷавонмардӣ ва диёнатро роия

---

[1] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. \ Таҳия ва сарухани У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991, саҳ. 63
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 866
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 284

мекард, ки вақте подшоҳи Шарвон хост ба раҳнамоии вазири худ ба шуғле бигуморад, аммо чун қабули онро ба Хоқонӣ таклиф кард, зери бор нарафт ва гуфт ман марди ин кор нестам. Вазир шоҳро бар он дошт, ки иҷборан ин шуғлро бар Хоқонӣ таҳмил кунад, лекин ӯ боз напазируфт. Билохира барои он ки вай ба қабули ин шуғл тан дардиҳад ба ҳабсаш афкананд, аммо ин амал низ натиҷа надод. Пас ӯро аз ҳабси инфиродӣ берун оварданд ва дар зиндони ҷониён ва гунаҳкорон андохтанд ва бо дуздону роҳзанон бар як манзил карданд. Дар ин ҳабс ғолибан дуздон ва ҷониён пеши Хоқонӣ меомаданд ва аз ӯ мепурсиданд, ки ба чӣ ҷурм ба ин зиндон ронда шудаӣ ва баъзе аз эшон низ аз Хоқонӣ мехостанд, ки қасидае дар мадҳи онон ба назм биёварад…»[1]

Дар бораи шароити маишӣ ва инъомситонии Хоқонӣ низ ақидаҳои гуногун дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ёфт мешаванд, ки ба воқеият рост намеоянд. Аксари муҳаққиқони пешин ба ин ақидаанд, ки шоир аз молу маноли дунё комилан баҳраманд буда, чоҳу ҷалоли фавқуллода дошт. Чунончи, Муҳаммад Авфӣ дар ин бора менавсад, гӯё ба ивази ҳар як қасида, ки «ба ҳазрати подшоҳ фиристода ҳазор динор айни силлаи он будӣ ва ташрифу инъом фарохӯри он».[2] Тақиуддини Кошӣ дар тазкираи «Хулосат- ул-афкор» дар ин бора то як андоза ба муболиға роҳ додааст. Ӯ менависад: «Латофату назокати табъаш ба андозае буда, ки дар маҷлиси ӯ пия насхтаанд. Овардаанд, ки хонае аз ҷом

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 21

[2] Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб.- Теҳрон, 1353, саҳ. 145

сохта буд ва дар он хона чароғ месӯхта ва ӯ дар хонаи дигар аз партави шуои он мутолиа мекарда».[1]

Ҳақиқати ин масъаларо танҳо осори худи шоир метавонад равшан созад. Гиламандӣ ва норозогиҳои шоир ҳам ба ҳамин масъала алоқамандӣ доранд. Зеро бо он ки дар арсаи ҳунари қасидасароӣ ва мадҳгустарӣ сабки хосса ихтироъ кардааст, ки дар муқоиса бо шоирони дарбоии давраи ғазнавӣ ва сомонӣ дар ин ҷода муфаззал аст, аммо мисли Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ ва дигарон ӯро аз ҷоҳу ҷалол ва сарват қонеъ намекунанд. Худи шоир роҷеъ ба ин танқисӣ ишораҳои фаровон дорад:

**Хоқониё, Масеҳдамо, з-ин харони аср,**
**Нонат ҷавин чарост, суханҳо-т гандумӣ.**
**Мардӣ, чаро равӣ ба дари омма тифлвор,**
**Шерӣ, чаро кунӣ зи сари лоба сагдамӣ.**[2]

Иқтибоси мазкур аз қитъаест, ки онро шоир дар ибтидои марҳалаи дуюми эҷодӣ иншо кардааст, ки алакай ба узлату қаноат ва дурӣ аз мамдӯҳ майл карда, ба худшиносию сафои ботин пардохта буд.

Дар масъалаи мазкур ин нукта ба ҳақиқат наздик шуда метавонад, ки Хоқонӣ неъмати фаровонро орзу дошт, вале ба ӯ кам инъом мекарданд, ки байтҳои зер далели ин қазия шуда метавонанд:

**Неъматам орзу буд лекин,**
**Зи хасони замон напазруфтам.**
**Беш мехостам замона надод,**
**Кам ҳаме дод, ман напазруфтам.**[3]

Вобаста ба таҳаввулоти зиндагӣ ва мақсади пешаи шоирӣ ҳадафҳои ғоявии шоир низ тағйир

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 31
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 990
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 906

меёбанд. Дар марҳалаи аввали эҷодӣ, қасди Хоқонӣ аз шоирӣ мадҳтирозиву қасидаоройӣ буд, муносибати ӯ бо шоирони пешин аслан аз мавқеи ҳунарӣ сурат гирифтааст. Яъне дар ин замина шоир Рӯдакиву Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ, Манучеҳрӣ ва дигаронро зимни фазилатҳои ҳунариаш бо худ муқоиса мекунад. Дар мавриди мазкур нисбат ба дигар шоирон Хоқонӣ ба Унсурӣ таваҷҷӯҳи бештаре зоҳир намудааст. Вале бояд дар хотир дошт, ки музокираи Унсурӣ танҳо ба хотири ҷоҳу ҷалол ва соҳибдавлатиаш такрор мешавад. Дар ин ҷода шоир то як андоза ба Унсурӣ ҳасад ҳам бурдааст, чунончи:

**Маҳмуди ҳиммати туву мо мадҳхони ту,**
**Шояд, ки ҷони Унсурӣ ашъорхони мост.**[1]

Шоир ҳар гоҳ, ки мадҳияе меорояд, зимни мубоҳот аз ҳунари волои хеш, Унсуриро ёдовар мешавад ва муътақид аст, ки агар он мадҳтирози ғазнавӣ сурудаи маро бишнавад, дигар лаб ба даъвои шоирӣ намекушояд:

**Ин шеър ҳар ки бишнавад аз шоирони даҳр,**
**Заҳра зи рашки соҳиби иншо барафканад.**
**Ку Унсурӣ, ки бишнавад ки шеъри обдор,**
**То хок бар даҳони муҷоро барафканад.**[2]

Дар марҳалаи дуюми эҷодӣ, ки ба сафои ботину худшиносӣ асос ёфтааст, мақсади шоирӣ ва ҳадафи ғоявии шоир ба тараннуми ҳақ таоло ва талқину тарғиби муқаддасоти диниву мазҳабӣ нигаронда шудааст. Тавре дар фаслҳои гузашта низ зикр намудем, дар ин замина низ Хоқонӣ шоирони

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 80
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ. 140

мазкурро дар мақоми ахлоқию динӣ аз худ фурӯтар медонад.

Шоир ба беқадрии илму ҳунар ишора карда, қадри шеърро ба шаъир (ҷав) ҳамсанг ниҳодааст:

**Бар замин ҳар куҷо фалакзадаест,**
**Бенавое ба дасти фақр асир.**
**Шуғли ӯ шоирист бо танҷим,**
**Ҳавасаш фалсафа-ст ё иксир.**
**Чист танҷиму фалсафа? Таътил,**
**Чист иксиру шоирӣ? Тазвир**
**Куфру кизб ин дурост хирманкӯб,**
**Наҳсу фақр он дурост домангир.**
**Дар тарозуи шаръу растаи ақл,**
**Фалсафа филс дону шеър шаъир.**

Яъне шоирон, файласуфон, кимиёгарон беқадртарин ва дар радифи бенавоёну фақирони ҷомеа маҳсубанд. Агар фалсафаву танҷим бо куфру дурӯғ олуда бошанд, наҳсу фақр домангири шоирону кимёгарон аст. Барои ҳамин дар мизони ақлу шариат арзиши фалсафа ночиз ва шеър қимати ҷавро ҳам надорад. Ҷои дигар ба шеъри Муиззӣ ин тавр баҳо медиҳад:

**Бо шеъри ман ҳадиси Муиззӣ фурӯ гузор,**
**К-ин раҳ сӯи камол барад, он ба сӯи нуқс…**[1]

Ин гуна муносибат ба таҳаввули афкор ва ғояи эҷодии шоир алоқамандӣ дорад. Мақсади шоирӣ дар ин марҳала барои Хоқонӣ рахна кардан ба олами беинтиҳост. Пас аз паймудани марҳалаи фишор ва маъюсӣ, ки бо гуноҳ олудагӣ дорад, шоир вуҷуд надоштани таносубро байни ғояи эҷодӣ ва иҷрои амал идрок карда, ба арзишҳои олами моддӣ ба

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 889

нафрат менигарад. Вақте бар асари таҳаммулу ранҷҳои фаровон шоир тарки ҳавову ҳавас карда, ба арсаи офият ва саломати маънавӣ мерасад, он диле, ки собиқан бар асари ғалабаи нафс мисли хати тарсо каҷу мунҳариф буд, дар ин марҳила ба дунболи ростӣ ва дурустӣ меравад. Барои ҳамин ҳам шоир таълим медиҳад, ки аз дунёи рангу бӯйҳо дил бикан ва дилбастаи он мабош:

**Аз ин сарочаи овову ранг пай бигсил,**
**Ба арғавон деҳ рангу ба арғунун ово.**
**… Салоҳи кори худ ин ҷо ба безабонӣ соз,**
**Ки безабонӣ дафъи забонист туро.**
**…Маро ба манзили «иллаллаззин» фуруд овар,**
**Фурӯ гузор зи ман «тумтароқ-уш-шуаро».**[1]

Шоир таълим медиҳад, ки салоҳи кори худро дар ин дунё аз бедаъвогӣ фароҳам овар, ки иддао муҷиби азоб дар он дунё мешавад. Барои ҳамин ҳам аз худо талаб мекунад, ки ӯро дар зумраи он шоироне, ки имон овардаанд, қарор диҳад ва таҳаммулу тазоҳуроти шоиронаро, ки дар сураи «Аш-шуаро» ишора фармудааст, аз ӯ дур бисозад.[2] Дар байти охири иқтибоси мазкур ишораи Хоқонӣ вобастагӣ дорад ба шеъру шоирӣ аз дидгоҳи Қуръон. Мувофиқи тадқиқоти муҳаққиқон, Қуръони карим шеъру шоириро ба маънии хосси ҷоҳилияти он беасос мешуморад ва пайравону арҷгузорони онро шахсони нодону гумроҳ медонад. Аз рӯи тадқиқоти Сайид Яшрабӣ чунин бармеояд, ки Қуръон касонеро ки бо

---

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 896

[2] Маъсумаи Маъданкан. Базми дерина арӯс. Шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонии Шарвонӣ.-Теҳрон, 1372, саҳ. 49-55

таълими ачина сухан мегуфтанд, ба унвони «дурӯғгӯёни табаҳкор» муаррифӣ мекунад, зеро «кори шаётин ва расулони онҳо ҷуз шарру казбу гумроҳӣ чизи дигаре нест. Кори онҳо бо ҳидояти инсонҳо дар таззод аст, барои ҳамин ҳам наметавон миёни анбиёи илоҳӣ ва онҳое, ки дастомӯзи шаётину аҷинаҳоянд, иртибот ниҳод».[1]

Дар қисмати аввали ояти «аш-Шуаро» як қатор шоирони мушрик аз қабили Абдуллоҳ ибни Зибаърӣ ас- Саҳмӣ, Абӯ Сафиён ибни Абдулмуталиб, Ҳубайрат ибни Абуваҳҳоб ал- Махзумӣ, Мусофеъ ибни Абуманоф ва дигарон ҳамчун шахсиятҳои паст бо ҳадафҳои нодурусту мӯҳтавои беасоси ашъорашон маврид накӯҳишу таҳқир қарор гирифтаанд. Ва чун ин оят нозил шуд шоирони мусулмон аз қабили Абдуллоҳ ибни Равоҳат, Каъб ибни Молик ва Ҳассон ибни Собит гирякунон назди паёмбари ислом омадаанд ва гуфтаанд: «Ё расули аллоҳ, оё худованд бо фиристодани ин оят, дар ҳоле, ки медонад, мо шоирем аз ҳолокат ва бадбахтии мо хабар намедиҳад? Дар посухи онон охирин оя аз оёти мазкур нозил шуд, ки «Иллаллазин» ном дорад. Вақте ки паёмбари ислом ин оятро ба итлоъи онҳо расонид, ишонро аз нигаронӣ наҷот бахшид».[2]

Дар шарҳе, ки Маъсумаи Маъданкан бар қасидаи мазкур навиштааст, ҳангоми шарҳ байти мавриди таҳлилро дар шакли зерин тарҷума намудааст: «Гумроҳон аз пайи шоирон мераванд. Оё надидаем, ки шоирон дар ҳар водие саргаштаанд ва чизҳо

---

[1] Сайид Яҳёи Яшрабӣ. Шеъру шоирӣ аз дидгоҳи Қуръон. /Маҷаллаи Шеър, соли дуввум, шумораи шонздаҳум.- Теҳрон, 1372, саҳ. 10

[2] Ҳамон ҷо.

мегуянд, ки худ амал намекунанд? Магар онон, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд ва чун мавриди ситам воқеъ шуданд, интиқом гирифтанд? Ва ситамкор ба зудӣ хоҳад донист, ки ба чӣ маконе бармегардад».[1]

Ба назар мерасад, ки омил ва унсурҳои асосии қабулу таҳсини шеър аз назари Қуръон вобастагӣ дорад ва ҳадафи шеър, мӯҳтавои он ва шахсияти шоир. Яъне чӣ касе шеър мегӯяд? Чӣ мегӯяд? Ва барои чӣ гуфтааст? Агар гӯянда шахсияти қобили қабул буда, матлаби хубу ҳадафҳои олии исломию инсониро доро бошад, бе шубҳа чунин шоир ва чунин шеър мавриди қабули Қуръон ва мадҳу ситоиши паямбари ислом қарор гирифтааст. Агар шахси гумроҳе матолиби гумроҳкунандаро дар шакли шеър манзур созад, бидуни шак чунин шеър ва чунин шоир мардуд ва ғайри қобили қабул дониста мешавад. Бо вуҷуди ин шоир бар он ақидааст, ки сухан беҳтарин ва гаронқадртарин сармояест, ки аз фикру андешаи инсон боқӣ мемонад. Ба монанди он ки аз Асмо (зеботарин арӯс дар Араб) духтари зебои ӯ – Асмо ба ёдгорӣ мондааст:

**Сухан беҳ аст, ки монад зи модари фикрат,**
**Ки ёдгор ҳам Асмо накӯтар аз Асмо.**

Хулоса, худшиносии эҷодии Хоқонӣ аз маърифати ӯ бар асолати мартабаи ҳунариаш оғоз гашт, тибқи таҳаввули мақсади пешаи шоирӣ ва ҳадафҳои ғоявию эҷодӣ бо худшиносии шоир аз роҳи маърифати ҳақ ва сафои ботин анҷом мепазирад.

Таъини арзиши шеър ва мартабаи ҳунарии шоирони пешин дар нақди Хоқонӣ ба мавқеи ғоявӣ ва ҳунарии худи шоир алоқамандӣ дорад. Яъне дар

---

[1] Базми дерина арӯс, саҳ. 172

марҳалаи аввал, ки шоир ба эҳтиёҷоти моддию таъминӣ маишат бештар майл дорад, ҳадафи эҷодӣ ва худмуқоисакуниҳои ў низ ба хотири дарёфти мартабаи баланди иҷтимоӣ, ки бо ҷоҳу ҷалол бунёд ёфтааст, нигаронда шудааст. Дар марҳалаи дуюми эҷодӣ бошад, ҳамовардиҳои шоир бо саромадони машҳури адабиёт аз тариқи қаноат ва мартабаи ахлоқию ғоявӣ сурат мегиранд.

## ХУЛОСА

Дараҷаи омўзишу тадқиқи хусусиятҳои эҷодӣ ва мақоми суханварию афкори адабии Хоқониро бо иртиботи таҳаввули шеъри форсӣ дар асри XII ба назар гирифта, метавон чунин натиҷа гирифт:

Шеъри форсӣ дар асри XII зинаи баланди ташаккулро паймуда, сайри табии худро бо касб намудани мухтассоти ҳунарӣ, ирфонӣ ва илмӣ ба андозаи равшан тағйирот дод. Дар таҳаввул ва ташаккули сабки шеър дар ин давра аксари шоирон саҳми худро гузоштаанд. Аммо дар маҷмўъ услуби

эҷодии шоирони ин давра бо сабки шуарои давраҳои сомониву ғазнавӣ қаробати наздик дошта, чандон фарқияти ҷиддие надорад. Бо иттифоқи аҳком ва хулосаҳои аксари муҳаққиқони шеъри форсӣ дар майдони адабиёти ин давра Хоқонӣ аз бузургтарин шоироне ба шумор меравад, ки дар ташаккули ҷанбаи ҳунарии шеър, алалхусус жанри қасида нақши босазо гузоштааст. Хоқонӣ ба сифати як шоири пурҷустуҷӯ ва санъаткори соҳибмактаб аз тамоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар шеър моя гирифта, дар корбурди онҳо ба ангезаи хаёл ва зеҳн такя намуда, дар ин замина маъниофаринию мазмунсозиҳои нав кардааст. Аз лиҳози унсурҳои шаклӣ жанри қасида маҳз дар мисоли сурудаҳои Хоқонӣ ба зинаи камолоти худ расидааст. Маҳорати шаклофаринии шоир дар ин ҷода то андозаест, ки бо ин махсусияти мартабаи ҳунарӣ ӯ дар қиёс бо тамоми суханварони саромаду ҳамрӯзгор имтиёзи назаррасеро соҳиб буда, дар ин сатҳ ягон шоири дигареро ҳамрадифи ӯ шумурдан мумкин нест. Чунин афзалияти ҳунарии шоир дар сурудани қасойиди бисёрматлаъ, мураддаф, корбасти бадеии истилоҳоти илмию фаннӣ, ихтироъи санъатҳои шеърӣ ва амсоли ин муайян гардид.

Нуқтаи шоёни таваҷҷӯҳ дар сабки осори шоир мураккабии ҷанбаи луғавии ашъораш мебошад. Ин ҷиҳати услубӣ минбаъд боиси пайдоиши ақидаҳои мухталифи адабиётшиносон гашта, то ҷое, ки баъзе муҳаққиқон ашъори ӯро орӣ аз маъниву моҳият ва лафзпардозии маҳз муаррифӣ кардаанд. Ҳақиқати ҳолро дар муайян намудани масъалаи мазкур низ мулоҳиза ва ишораҳои худи шоир, ки дар «Муншаот»-аш дарҷ гаштаанд равшан сохтанд. Чунин натиҷа гирифтем, ки ин хусусияти услубии шоир на аз рӯи фазилатфурӯшию тумтароқӣ, балки

огоҳона ва вобаста ба тамоюлу завқи фардии ӯ ба вуҷуд омадааст.

Хоқонӣ дар қасойидаш тамоми дастовардхои фарҳангию илмии замонашро бо як шакли марғубе, ки хосси офаринишаш будааст таҷассум намудааст. Истифодаи истилоҳоти илмӣ дар ашъори ӯ ба таври мустақим набуда, балки бештар дар шакли бадеӣ ҷилвагар шудаанд.

Тарзи хоси тавсифу тасвирҳои Хоқонӣ дар истифодаи истиораҳо зоҳир мешаванд. Аз ҳамин ҷост, ки тасвирҳо ва андешаҳои бадеии ӯ аксаран ғайримунтазира, ғайриоддӣ, ғайримаъмулӣ ва дар айни замон завқбахшу мафтункунанда ва тааҷубзову ҳайратоваранд, ки худи шоир онҳоро ба «тариқи ғариб» таъбир кардааст. Тарзи тасвироти Хоқонӣ аз статикӣ дида бештар хосияти динамикиро доро мебошанд. Зеро дар онҳо ҳаракати образҳо, сурати рангҳо, ҳолати феълҳо ва ҷавлони андеша мутаҳаррик ба назар мерасанд. Шоир аз тариқи тахайюл ҳодисаҳо, падидаҳо, ашёи табиатро ҷонноку зинда ва дар ҳаракат акс мекунад.

Ташбеҳу истиора ва маҷозу муболиғаҳои ӯ ҷо-ҷо аз марзи  тафаккур ва тасаввуроту идроки инсонӣ берун мебароянд. Аз ин рӯ, ҳамаи аҷзои поэтикаи ашъори шоир тадқиқоти алоҳидаро мехоҳад.

Дар масъалаи шеъру шоирӣ ва шинохти моҳияти калому шахсияти шоир дар назарияву амалияи суханшиносону суханварони асри XII ягонагӣ ва мутобиқати том ба назар мерасад. Аксари адибон дар маърифат ва муаррифии шеър ба ҷанбаи хаёлии он аҳамият доданд. Шоирон бештар аз ҳама ба нозукхаёлӣ, нуктасанҷӣ, маъниофаринӣ ва тааҷубангезии сухан диққат дода, барои ифода кардани моҳияти дастовардҳои эҷодии хеш аз

истилоҳоти наққодии ройиҷи замон истифода намудаанд. Дар муқоиса бо афкори назарии шоирони давраҳои сомониву ғазнавӣ суханварони ин марҳилаи адабиёт дар роҳи бозшинохти арзиши калломи бадеъ қадамҳои устувор бардоштаанд. Мувофиқи тақозои эстетикаи замон шоирон ба шеър аз назари дараҷаи ташаккули адабиёти давр баҳо додаанд. Аз ин лиҳоз ҳам барои аксари суханварон шеъри хуб шеърест, ки агар дар он шоир аз тамоми донишҳои замона баҳра бурда бошад. Ин омил далели муқоисанашаванда будани афкори адабии шоирони ин давра бо адибони пешин мебошад.

Масъалаҳои асосии нақди шуарои ин аср иборатанд аз сирқот ва таворуд, интисоб ва мувозана. Масойили мазкур дар нақди суханварони пешин ҳам мушоҳида мешуданд, аммо бо таъсири адабиёти араб дар нақди адабии ин давра хеле шиддат ёфтаанд. Барои барқарор намудани воқеияти иддаои шоирон сари масъалаҳои номбаршуда меъёри ҳар якеро тибқи консепсияи онҳо тадқиқ кардан лозим меояд.

Дар таърихи нақд афкори адабии шоирони асри XII мисли дигар давраҳо асосан ҳамчун баёнгари таҳаввулу дархостҳои адабии давр ва хусусиятҳои услубию ғоявии онҳо эътибор доранд.

Таъини арзиши шеър дар нақди Хоқонӣ ба ҷаҳонбинӣ, тамоюли завқӣ, мавқеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғоявии ӯ алоқманд аст. Вобаста ба таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва ҳадафҳои ғоявию офарандагӣ фаъолияти шоир ба ду марҳала тақсим мешавад, ки дар ҳар яке аз ин мароҳил ӯ нисбат ба шеър, вазифаи шоир, мақсад аз пешаи суханварӣ, таъини мартабаи эҷодии адибони маъруфи пешин ва дигар масъалаҳои марбут ба ин мавзӯъ изҳори ақида намудааст. Имтиёзҷӯӣ ва худкиёскуниҳои ӯ бо саромадону

муосирин дар ҳар ду мароҳил ҳам ба назар мерасанд. Новобаста ба таҳаввули ғоявӣ шоир аз ибтидо то анҷом ба ҷанбаи ахлоқии шеър таваҷҷӯҳи хосса зоҳир кардааст. Аммо дар ибтидои фаъолияти шоирӣ, ки шеър барои ӯ пеш аз ҳама василаи шӯҳрат ва дарёфти неъмати фаровон буд, музокираи саромадони адабиёт, хусусан шоирони дарборӣ аз мавқеи ҳунарӣ замина гирифтаанд.

Пас аз сафар ба ҳаҷ мақсади асосиро аз пешаи суханварӣ шоир дар тараннуму ситоиши арзишҳои динию мазҳабӣ медонад. Муносибати самимона нисбат ба бузургони дину мазҳаб, тавсифи муқаддасот ва шахсиятҳои диниро шоир аз рукнҳои асосии пешаи суханварӣ дониста, иҷрои онро ба дигар шоирон фарз медонад.

Хоқонӣ пайрави мазҳаби шофеъия мебошад. Ҳарчанд аз ҳайси эътиқод ва ҷаҳонбинӣ афкори шоир ихтилофнок аст, аммо дар тасаввуф ӯро ба қатори сӯфиёни мутавассита шомил донистаанд.

Шахсияти Хоқонӣ чун ашъораш мураккаб мебошад. Як қатор хусусиятҳои равонии ӯ аз қабили ғурур, тардимоғӣ, худбинӣ, зудранҷӣ, муносибати дағалонааш нисбат ба устодону ҳампешагон, гувоҳи онанд, ки шоир аз як навъ ҳолати рӯҳӣ, ки асосан аз ҳассосият сарчашма мегирад барканор нест. Бо замми ҳамаи ин дар масъалаи нигоҳ доштани номуси шоирӣ ӯ дар қаёси аксари шорони дарборӣ авлотар мебошад.

Дар мавриди шинохт ва маърифати сухани матбӯъ назари Хоқонӣ аз дигар суханшиносони асримиёнагӣ дар масъалаи чигунагии ҷанбаи луғавии калом фарқ мекунад. Барои шоир интихоб ва истифодаи луғоти мустаъмал, ки онро адабиётшиносони минбаъда «машҳуриистеъмол» таъбир кардаанд, чандон аҳамият надорад.

Бо аҳли илму адаби замони худи шоир ҳам аз рӯи муҳаббату самимият ва ҳам аз рӯи кинаву муҳоҷот ва муҷодала муносибат кардааст. Дар ҳарду маврид ҳам аз мулоҳизоти шоир ишораҳои интиқодии фаровон метавон дастрас намуд. Аммо дар таърихи нақди адабӣ арзиши мунозира ва мунокишаҳои шоирона бештар мебошанд. Зеро тавре маълум гашт, дар ин шеваи гузориши матлаб мулоҳизоти танқидӣ ҷанбаи истидлолӣ касб мекунанд.

Муфохиротеро, ки Хоқонӣ барои тавсифу ситоиши фазилатҳои шахсиву манзалати хеш дар арсаи адаб иброз доштааст, далолатгари огоҳии комили ӯ аз пойгоҳи баланди шеъру шоирӣ мебошанд. Ин худситоиҳо аз худшиносии эҷодии ӯ маншаъ гирифтаанд.

Худшиносии эҷодии Хоқонӣ аз маърифати ӯ бар асолати воқеии мақоми ҳунарияш моя гирифта, дар ҷараёни таҳаввули афкору ҷаҳонбинӣ ба шинохти ҳақ ва сафои ботин анҷом пазируфтааст.

Чигунагии шеър дар нақди Хоқонӣ дар шакле ҷилвагар мешавад, ки бо тамоми хусусиятҳояш метавон онро шеъри хосса таъбир кард.

Афкори адабӣ ва танқидии Хоқонӣ дар асоси мақому мартабаи ҳунарӣ ва манзалати ахлоқию иҷтимоияш бунёд ёфта, дар натиҷаи таҷрибаи эҷодиаш татбиқ гаштааст. Аз рӯи моҳияти худ ин афкору назар баёнгари комёбиҳоеанд, ки шоир дар арсаи адабиёти форсӣ ба худ ихтисос додааст.

# МУНДАРИЧА

**ПЕШГУФТОР ………………………………………………..…… 3**

**ШЎҲРАТИ ШОИРЇ ВА БАЪЗЕ МУХТАССОТИ ҲУНАРИИ АШЪОРИ ХОҚОНЇ ………………………….. 19**

**ҲОҚОНЇ ВА НАКДИ ШЕЪР …………………………...… 73**

**Хусусиятҳои назариёти интиқодии Хоқонӣ ………..…….. 77**

**Хусусиятҳои назариёти интиқодии Хоқонӣ ………………... 83**

**Хоқонӣ ва Абулъалои Ганҷавӣ ……………………………..... 91**

**Мувозанаи Хоқонӣ бо Асириддини Ахсикатӣ ……….....… 96**

**Хоқонӣ ва Муҷириддини Байлақонӣ ……………..…...... 103**

**Мамдӯҳони Хоқонӣ аз адибони давр …………………….... 112**

**Балоғати сухан аз назари шоир ……………………………..... 120**

**Худшиносии эҷодӣ ва мақоми суханвар дар ҷомеа ……..... 158**

**ХУЛОСА ………………………………...……………….... 181**

**БОЙМУРОД ШАРИФЗОДА**

# ХОҚОНЇ
# ВА НАҚДИ ШЕЪР

Муҳаррири техникӣ **Идибек Маҳмудҷонов**
Ҳуруфчин **Наврӯзи Шарифзода**

Ба чопаш 20.01.2010 имзо шуд. Андозаи 84x108 $^{1}/_{32.}$ Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
6 ҷузъи чопи. Теъдоди нашр 500.
Супориши №05

Дар нашриёти "Шарки Озод" чоп шудааст.
734018 ш. Душанбе хиёбони Саъдии Шерози-16.